**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

**ВБД: 332.122.62**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**ЗУҲУРОВ БАХТИЁР ИСКАНДАРОВИЧ**

# ИСТИФОДАБАРИИ САМАРАНОКИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА (ДАР МИСОЛИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН)

# ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти унвони илмии**

**номзади илмҳои иқтисодӣ ихтисоси**

**08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ**

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои иқтисодӣ

Содиқов Метархон Соқибекович

**Душанбе – 2025**

# МУНДАРИЧА

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО...................................................... 2**

**МУҚАДДИМА........................................................................ 3**

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРӢ........................................................................................ 13**

1.1. Моҳияти иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шароити бозор.................................................................... 13

1.2. Масъалаҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ........................................................................ 24

1.3. Ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ.................................................................... 38

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА АРЗЁБИИ ИҚТИСОДИИ ИҚТИДОРИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН......................................................................... 54**

2.1. Арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар минтақа.......................................................................................... 54

2.2. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон........................ 74

2.3. Арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақа................................................. 87

**БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОӢ ВА ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН.......................................................................... 102**

3.1. Роҳҳои такмилдиҳии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон......................................................................... 102

3.2. Танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа.......................................................................................... 116

3.3. Самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ дар истифодабарии иқтидори табиии минтақа...................................... 135

**Хулоса ва пешниҳодҳо.............................................................. 152**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо.......................... 154**

**Рӯйхати адабиёти истифодашуда............................................. 157**

**Рӯйхати мақолаҳои чопшудаи муаллиф аз рӯйи мавзуъ.......... 179**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

БМХД – Барномаи миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ

КОА- Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

МММ – Маҷмуи маҳсулоти минтақа

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

МОИ – Минтақаҳои озоди иқтисодӣ

НБО – Неругоҳи барқи обӣ

СБМ – Созмони байналхалқии меҳнат

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

СМР – Стратегияи миллии рушд

ҲРУ - Ҳадафҳои рушди устувор

БҶ – Бонки ҷаҳонӣ

ФР – Федератсияи Россия

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

КАС - Комплекси агросаноатӣ

ИАМ - иқтидори андозии минтақа

млн – миллион

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз масъалаҳои муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидорӣ барои ҳар як кишвари рӯ ба тараққӣ истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ маҳсуб меёбад. Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар заминаи таҳкими ҳамкории судманди ҷомеа ва табиат имконпазир мегардад. Масъалаҳои ҳамкории ҷомеа ва табиат ва афзун гардондани истихроҷи боигарии табиии кишвар, дар навбати худ, бинобар сабаби афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таъмини рушди устувор, аҳаммияти калони иқтисодӣ дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти ҷаҳон пайдо кардааст.

Бо рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ проблемаи истифодабарии захираҳои табиӣ боз ҳам васеъ гашт. Талаботи зиёди корхонаҳои саноатӣ ба захираҳои табиӣ ва афзоиши босуръати истеъмоли онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ боиси дар ояндаи наздик дар шароити маҳдудияти захираҳо таҳдиди нарасидани онҳо гардид. Бинобар ин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар тамоми дунё имрӯз ба яке аз проблемаҳои муштарак табдил ёфтааст.

Истифодаи захираҳои табиӣ дар шароити муосир мавзуи ниҳоят муҳим боқӣ мемонад. Вобастагии мо аз захираҳои табиӣ, аз қабили об, ҷангал, канданиҳои фоиданок ва ғайра хеле калон мебошад. Онҳо барои истеҳсоли озуқаворӣ, энергия, масолеҳ барои сохтмон ва истеҳсоли молҳои барои ҳаёт ва тараққиёти иқтисодиёт шарти зарурӣ ба ҳисоб меравcovanд. Бо вуҷуди ин, сарватҳои табиӣ бемаҳдуд нестанд. Идоракунии нодурусти онҳо метавонад ба камшавӣ, ифлосшавӣ, тағйирёбии иқлим ва гум шудани гуногунии биологӣ оварда расонад. Дар ин бобат барои сарфаю сариштакорӣ ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ мубориза бурдан дар шароити кунунӣ зарур меояд.

Барои идоракунии босифати табиат зарур аст, ки муҳити зист зарар надида, балки ҳамчун сармояи табиӣ ва қисми тамоми сармоя эътироф шавад. Барои вилояти Хатлон ва умуман, барои кишвар, ки захираҳои бойи табииро

доро мебошад, азхудкунии захираҳои кашфнашуда ва истихроҷу коркарди онҳо шарти муҳимми рушди минбаъдаи ҳар як минтақа ба ҳисоб меравад.

Рушди устувори вилояти Хатлон ва фаъолияти муътадили он, пеш аз ҳама, ба истифодаи самаранок ва оқилонаи неруи табиии он вобаста мебошад. Албатта, истифодаи оқилонаи иқтидори захираҳои табиӣ бо такя ба тамоми ниҳодҳои давлативу ғайридавлатӣ ва таъмини принсипҳои иқтисодиёти бозоргонӣ вобастагӣ дорад. Истифодаи мутавозин ва устувори захираҳои табиӣ барои ҳифзи муҳити зист барои наслҳои оянда ва таъмини рушди устувори инсоният хеле зарур арзёбӣ мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ мавзуи тадқиқоти ҷиддии олимони ватанӣ ба ҳисоб меравад. Масъалаҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон дар корҳои Х.У. Умарова, Л.Х. Саидмуродзода, Ҳ.А. Одинаев, М.Н. Достиев, Х.А. Ҳофизов, Х.М. Муҳаббатов, Ф.С. Обидов, Д.А. Ҳодиев, С.А. Сангинов, А.А. Солиев, К.С. Раупов, Ш. Пулодова, К.К. Раҷабов, З.Ж. Зияева, Б.А. Бегматов, С.А. Каюмова, С.И. Ҳикматов, М.С. Содиқов ва дигарон баррасӣ гардидаанд.

Ҳангоми таҳияи муқаррароти асосии кори диссертатсионӣ заминаи назариявии тадқиқот дар соҳаи истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ корҳои бунёдии И.К. Мичков, Б.А. Боровских, Н.У. Байдуллаев, Л.А. Потемкин, С.В. Косенков, А.А. Безгубов, В.Е. Храпо, В.Э. Тоскунин, Д.П. Тостухин, А.Р. Попов, К.С. Антонович, J. Sachs, A. Warner ва ғайраҳо ташкил додаанд.

Сарфи назар аз он ки дар адабиёти илмии ватанӣ истифодабарии захираҳои табиӣ ба таври васеъ омӯхта шудаанд, маҳз дар вилояти Хатлон, омӯзиши ҳамаҷониба оид ба истифодаи самараноки онҳо ва дар заминаи онҳо ба татбиқи ҳадафҳои миллӣ расидан тадқиқот кам гузаронида шудаанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти нопурраи масъалаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон интихоби мавзуи кори диссертатсионӣ, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети онро муайян намудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Мундариҷа ва муқаррароти рисола ба самтҳои асосии тадқиқоти бунёдӣ ва амалии Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", аз ҷумла Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди иҷтимоиву иқтисодии Вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва инчунин, самтҳои тадқиқотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мутобиқат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиши ҷанбаҳои назариявии истифодаи захираҳои табиӣ ва таҳияи тавсияҳо ҷиҳати беҳтар намудани самаранокии истифодаи онҳо дар вилояти Хатлон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ин ҳадафҳо вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

- ошкор намудани паҳлуҳои назариявии иқтисодии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар шароити имруза;
- муайян намудани самтҳои асосии истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ дар давлатҳои хориҷӣ;
- таҳлили иқтидори сарватҳои табиии минтақа ҳамчун омили рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон;
- ошкори омилҳои таъсиррасон ба истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон;
- асоснок кардани усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақа;
- ошкор намудани роҳҳои такмилдиҳӣ ва танзими давлатии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа.

**Объекти таҳқиқот** истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ҳамчун шарти муҳимми рушди иқтисодиёти минтақаи Хатлон ба ҳисоб меравад.

**Мавзуи таҳқиқот** маҷмуи муносибатҳои иқтисодиеро дар бар мегирад, ки дар раванди истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқоти** илмӣ дар он аст, ки истифодаи самараноки захираҳои табиӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ мусоидаткунанда мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии тадқиқотро асарҳои бунёдии илмии соҳаи иқтисодиёт, таҳқиқоти олимони тоҷик ва хориҷӣ бахшида ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, арзёбии экологию иқтисодӣ ва таъсири он ба самаранокии рушди иқтидори табиии давлат асоснок кардаанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба мақсадҳо ва вазифаҳое, ки дар диссертатсия гузошта шуда буданд, усулҳои зерин: оморӣ, системавӣ, таҳлилӣ, монографӣ, баҳодиҳии экологӣ-иқтисодӣ, усули пешгӯӣ ва усули муқоисавии таҳлил истифода шудаанд.

**Сарчашмаи маълумот.** Сарчашмаи тадқиқот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, монографияҳо ва корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои истифодабарии захираҳои табиӣ ба шумор мераванд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Таҳқиқоти илмӣ дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз асосноксозии назариявии моҳияти истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ва таҳияи дастурамалҳои методӣ оид ба мукаммалнамоӣ ва таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёти минтақа иборат аст.

Натиҷаҳои муҳимтарине, ки дар ҷараёни таҳқиқот ба даст оварда шуданд ва ба ҳимоя бароварда мешаванд, аз инҳо иборат мебошанд:

- дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои илмиву назариявии иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ ғояҳои истифодаи самараноки иқтидори табиии кишвар ошкор мегардад. Назарияҳои гуногун оид ба истифодаи захираҳои табиӣ барои муайян намудани нақш ва мақоми сарватҳои табиӣ дар рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар имконият медиҳанд, ки самтҳои афзалиятнок ва мақсади асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар таъмини рушди босуботи иқтисодӣ исбот гардад;

- самтҳои асосии истифодабарии сарватҳои табиӣ, истифодаи самараноки онҳо ва таъсири онҳо ба таъмини рушди босубот дар давлатҳои хориҷӣ ошкор мегардад; вариантҳои имконпазири истифодаи таҷрибаи хориҷӣ барои кишвар асоснок карда мешавад;

- сарватҳои табиии минтақа чун омили рушди иқтисодиёти Хатлон таҳлил мегарданд; имкониятҳои рақобатпазирӣ ва иқтидори калони табиии он дар рушди ояндаи минтақа аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст;

- таҳлили вазъи истифодабарии иқтидори вилояти Хатлон гузаронида шуда, маҷмуи омилҳое муайян карда шудаанд, ки барои истифодаи самаранок мусоидат мекунанд;

- усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба таъмини ҳифзи муҳити зист ва самаранокии истифодаи иқтидори табиию захиравии минтақа ошкор мегардад;

- самтҳои асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ошкор гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба беҳтаргардонӣ ва такмили танзими давлатии онҳо асоснок карда мешаванд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- ҷанбаҳои назариявии иқтисодии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар замони муосир;

- самтҳои асосии истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар давлатҳои хориҷӣ;

- иқтидори сарватҳои табиии вилояти Хатлон ҳамчун шарти муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа;

- омилҳои таъсиррасон ба истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа;

- усулҳои арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири он ба самаранокии истифодаи иқтидори сарватҳои табиию захиравии вилояти Хатлон;

- роҳҳои мукаммалнамоии танзими давлатии истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар заминаи баланд бардоштани истифодаи самаранокии захираҳои табиӣ, ташаккули идоракунии истифодабарӣ ва такмили танзими давлатӣ ва ғайра асос гарданд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳои бадастомада аз он иборат аст, ки ҷамъбасти назариявӣ ва тавсияҳои методологии дар диссертатсия пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти хоҷагидории вилояти Хатлон,
дар заминаи таъмини фаъолияти устувор ва такмили идоракунии онҳо, татбиқ карда шаванд.

Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълим ва дар барномаҳои бакалаврӣ ва магистратураи ихтисосҳои дахлдор истифода шаванд. Муқаррарот ва тавсияҳои методӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти марказӣ ва минтақавӣ дар татбиқи ҳадафҳои дар пешистодашуда истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти дар истифодаи корҳои бунёдии илмӣ-таҳлилии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, мукаммалии таҳқиқот ва инъикоси натиҷаҳои он дар нашрияҳои илмии муаллиф тафсир ва арзёбии аз ҷиҳати илмӣ асосноки натиҷаҳои бадастомада, маърӯзаҳо дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ асос ёфтааст. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаи тадқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бар сархатҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ: 2. Тақсимоти ҳудудии захираҳои иқтисодӣ; ҷанбаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ҷойгиркунии корхонаҳо, фирмаҳои тиҷорати хурд ва миёна, кластерҳои иқтисодӣ, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ, хоҷагиҳои хонаводагӣ; 9. Арзёбии нақши минтақа дар иқтисодиёти миллӣ (нишондиҳандаҳо, методҳо, методологияи таҳлил); махсусгардонии истеҳсолии минтақаҳо; ҷанбаи ҳудудии сохтори иқтисодӣ, қонуниятҳои шаклдигаркунии он; сиёсати сохторӣ ва азнавсозии сохторӣ; 16. Коркарди методологияи таҳлил ва методикаи арзёбии амалкарди сохторҳои корпоративӣ, тиҷорати хурду миёна, корхонаҳои бахши ҷамъиятӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар минтақаҳо ва ноҳияҳои маъмурӣ. Проблемаҳои истифодаи оқилонаи дороиҳои моддӣ ва ғайримоддии минтақаҳо – захираҳои табиӣ, пойгоҳи моддию техникӣ, сармояи инсонӣ ва ғ.; 19. Самаранокии истифодаи омилҳои истеҳсолот дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ. Қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идоракунии сохторҳои иқтисодӣ дар минтақаҳо. Бартариҳои мутлақ ва нисбии кластерҳои иқтисодии минтақавӣ; 25. Таъминоти инвеститсионии минтақаҳо. Танзими инвеститсияҳо дар минтақаҳо. Лоиҳаҳои инвеститсионии ҳудудӣ. Муҳити сармоягузорӣ бо дарназардошти воҳидҳои минтақавию ҳудудӣ. Баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузорӣ ва самаранокии истифодаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар минтақаҳо.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Диссертатсия натиҷаи кори мустақилонаи довталаб буда, интихоби мавзуъ, асосноккунии аҳаммияти он, муайян кардани ҳадаф ва вазифаҳо, объект ва предмет, таҳияи фарзия ва исботи илмии он дар асоси таҳқиқоти назариявӣ, таҳияи хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф оид ба беҳтар намудани истифодаи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон анҷом дода шудаанд. Ҳамаи муқаррароти диссертатсия ҳадаф, навгонии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ доранд ва аз ҷониби довталаб таҳия карда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷа ва муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои илмию амалӣ дар сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ дар солҳои 2021-2025 маърӯза ва тасдиқ гардидаанд.

**Интишор аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 7 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми умумии 4,1 ҷ.ч., аз ҷумла, 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Рисола аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва мақолаҳои муаллиф оид ба мавзуи таҳқиқот иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 180 саҳифа, аз ҷумла 19 ҷадвал, 3 диаграмма ва 8 расмро ташкил медиҳад. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 177 номгӯйро дар бар мегирад.

## ТАВСИФИ ЗЕРБОБҲО ВА БОБҲОИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Муқаддимаи кори диссертатсионӣ** фарогири баррасии мубрамии мавзуъ ва зарурати баргузории таҳқиқоти илмиву назариявӣ, дараҷаи азхудшудаи проблемаҳои консептуалӣ ва заминаҳои илмиву методологии тадқиқот, ҳадафи объекти таҳқиқот, масъалаҳо, марҳилаҳо, пойгоҳи асосии иттилоотӣ, эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти рисола мебошад. Ҳамчунин, дар муқаддима муқаррарот ва нуктаҳои ҳимояшавандаи рисолаи диссертатсия, саҳми шахсии унвонҷӯй, маълумот оид ба истифодаи натиҷаҳои диссертатсия ва интишори натиҷаҳои асосии тадқиқот нишон дода шудааст.

**Дар боби якум** "Ҷанбаҳои илмии истифодабирии сарватҳои табиӣ дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ" моҳияти иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ ва масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд. Инчунин, дар боби мазкур ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Дар боби дувум** “Таҳлили истифодабарӣ ва арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон” масъалаҳои арзёбии иқтисодии иқтидори захираҳои табиии дар минтақа ва таҳлили омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон мавриди омӯзиш қарор мегирад. Инчунин, дар боби мазкур арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақа баррасӣ мегардад.

**Дар боби сеюм** “Мукаммалнамоӣ ва танзими давлатии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон” баррасӣ гаштааст. Ҳамчунин, дар ин боб роҳҳои такмилдиҳии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ошкор гашта, танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа илман асоснок карда шудааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти рисолаи илмӣ, пешниҳод ва тавсияҳо ҷамъбаст гардидаанд.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ ИЛМИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ШАРОИТИ МУНОСИБАТҲОИ БОЗОРГОНӢ

## 1.1. Моҳияти иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар шароити бозор

Дар шароити рушди илму техника истифодабарии захираҳои табиӣ шарти муҳимми инкишофи иқтисодиёти муосири ҳар як кишвари соҳибистиқлол арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки мавҷудияти сарватҳои бойи табиӣ ва истифодаи оқилонаи он барои таъмини рушди босуботи кишвар ва воридоти бомуваффақият ба хоҷагии умумии ҷаҳонӣ мусоидат мекунад.

Кишварҳои аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ бой буда имконияти иштироки фаъол дар тақсимоти байналхалқии меҳнатро доранд. Дар натиҷаи иштироки фаъол дар равандҳои ҳамгирой ҳам ба иқтисодиёти миллӣ ва инчунин барои рушди фаъолияти иқтисодиёти хориҷӣ саҳми калонро мегузоранд.

Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои назариявию таҷрибавии истифодабарии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ва умуман дар кишвар ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидорӣ аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кишвар аҳаммияти махсусро дар шароити кунунӣ пайдо мекунад.

Бояд қайд кард, ки раванди истифодабарии иқтидори захираҳои табиӣ хусусияти минтақавӣ дошта, захираҳо ва экосистемаҳои ҳар як минтақа аз ҷиҳати вақт ва фазо аз ҳамдигар нисбатан ҷудо шудаанд. Таъсир ва зарари фаъолияти хоҷагидорӣ дар чунин ҳолат дар як минтақаи мушаххас метавонад зоҳир гашта, хусусиятҳои сифатии истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ, саноат ва инчунин истифодаи

захираҳои табиӣ ва равандҳои демографӣ асосан бо хусусиятҳои минтақа муайян карда шаванд [161, с. 3].

Албатта, дар шароити кунунии фаъолияти хоҷагидорӣ минтақаҳо барои таъмини рушди устувор ва интихоби стратегияҳои гуногуни рушди иқтисодӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табииро бинобар сабаби васеъ намудани имкониятҳои иловагӣ ба роҳ мемонанд.

Муносибати дурусти ҷомеъа бо табиат барои беҳтарсозии масъалаҳои ҳифзи муҳити зист ва истифодаи самараноки бойгарии минтақаҳои кишвар воситаи мусоидаткунанда ба ҳисоб меравад.

Аз тарафи дигар, қайд кардан муҳим аст, ки вобаста бо рушди муносибатҳои хоҷагидорӣ ва инқилоби илму техника проблемаи истифодабарии сарватҳои табиӣ боз ҳам васеъ гашт. Талаботи зиёди корхонаҳои саноатӣ ба захираҳои табиӣ ва афзоиши босуръати истеъмоли онҳо дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ боиси дарояндаи наздик дар шароити маҳдудияти захираҳо таҳдиди нарасидани онҳо гардид. Бинобар ин, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар тамоми дунё имрӯз ба яке аз проблемаҳои муштарак табдил ёфтааст.

Аз нуқтаи назари таҳқиқот, бояд қайд кард, ки сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар дар ҳама марҳила ҳамеша таваҷҷуҳи иқтисодшиносону олимонро ба худ ҷалб мекарданд, аммо дар ҷараёни рушди илми иқтисод андешаи онҳо тағйир ёфт.

Ҳарчанд имрӯз дар ташаккули асосҳои консептуалии гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ аз ҷониби олимон, коршиносони сатҳи баланд ва ташкилотҳои илмие, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ тахассус доранд, нуқтаи назари гуногун вуҷуд доранд ҳам, онҳо дар ин самт саҳми назаррас доранд.

Истифодабарии захираҳои табиӣ аз аввали марҳилаи рушди фаъолияти иқтисодӣ шарти муҳимми тараққиёти кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии кишвар арзёбӣ мегашт.

Масалан, А. Маршалл ва А. Пигу қайд кардаанд, ки ба даст овардани самараи иқтисодӣ бо бозор алоқаманд мебошад, ки он танҳо манфиатҳои иқтисодиро фаро мегирад, дар ҳоле ки некуаҳволии одамон ба молҳои озоди табиӣ, ки берун аз бозор мебошанд, вобаста аст.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ, идоракунии табиат дар ду шакл - умумӣ ва махсус амалӣ карда мешавад. Идоракунии умумии табиат ягон иҷозати махсус талаб намекунад. Онро шаҳрвандон аз рӯйи ҳуқуқҳои табиӣ, ки аз таваллуд ва мавҷудияти онҳо бармеоянд, амалӣ менамоянд.

Идоракунии махсуси табиат аз ҷониби шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидорӣ (корхонаҳо, фирмаҳо, ташкилотҳо) дар асоси қонунҳо, санадҳои меъёрӣ ва иҷозати мақомоти салоҳиятдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. Он ба истифодаи замин, истифодаи сарватҳои зеризаминӣ, истифодаи об, истифодаи ҷангал, инчунин, истифодаи захираҳои олами ҳайвонот ва ҳавои атмосфера нигаронида шуда, ҷудо мешавад [54, с. 161].

Дар адабиёти илмӣ таснифоти захираҳои табиӣ аз рӯйи меъёрҳои гуногун зиёд мебошанд. Як қатор олимон табиатро ба такроristеҳсолшаванда, яъне биологӣ ва такрорнашаванда - минералӣ тақсим мекунанд.

Б.А. Боровских қайд мекунад, ки сарватҳои табиӣ, ки тамоми давраҳоро дар бар мегиранд, дар айни замон дар бораи муомилоти иқтисодӣ сухан рондан комилан қонунист. Аз ҳамин нуқтаи назар, вай захираҳои табииро ҳамчун унсурҳои табиат, ки дар дараҷаи муайяни тараққиёти истеҳсолот мақоми махсусро ишғол менамояд, муайян мекунад. Мувофиқи ин таъриф, сарватҳои табиӣ на танҳо шарти ҳатмии меҳнат мебошанд, балки натиҷаи маҳсули он низ арзёбӣ мегарданд.

Таҳқиқи ақидаҳои мухталифи олимон оид ба истифодабарии захираҳои табиӣ имконият медиҳад, ки онҳоро ба сохторҳои зерин тасниф намоем.

**Ҷадвали 1.1. - Таснифоти истифодабарии захираҳои табиӣ аз рӯйи меъёрҳо**

| | | |
|---|---|---|
| **Аз рӯйи тамомшавӣ** | Тамомшаванда<br>Барқароршаванда (об, хок, ҷангал, олами ҳайвонот)<br>Барқарорнашаванда (минералҳо) |
| | Тамомнашаванда<br>(энергияи офтоб, шамол, баҳр ва уқёнусҳо) |
| **Аз рӯйи ивазшавӣ** | Ивазшаванда<br>(намудҳои ашёи хом, сӯзишворӣ) |
| | Ивазнашаванда<br>(об, ҳаво) |
| **Аз рӯйи моликият** | Хусусӣ<br>(иҷоравӣ) |
| | Давлатӣ, ҷамъиятӣ<br>(иҷоравӣ) |
| | Ҷамъиятӣ |
| **Аз рӯйи истифодабарӣ** | Истеҳсолӣ<br>(саноатӣ, хоҷагии қишлоқ) |
| | Иқтидорӣ |
| | Рекреатсионӣ |

**Сарчашма:** [46, с. 16].

Тавре аз ҷадвал бармеояд, захираҳои табиӣ аз рӯйи меъёрҳо ба гурӯҳҳои зиёд тақсим шуда, дар низоми иқтисодиёти ҳар як кишвар ҷузъи ҷудонашавандаи рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар ба шумор меравад. Захираҳои табиӣ, чун қоида, як ҷузъи таркибии низоми иқтисодиёт маҳсуб ёфта, дар баробари меҳнат, қувваи корӣ ва дигар омилҳо ҳамчун яке аз омилҳои асосии истеҳсолот барои таъмини молу хизматрасонӣ нақши басо муҳим мебозанд.

Ҳар як сармояи аллакай истифодашуда сарватҳои табииро дар бар мегирад. Нақши сарватҳои табиӣ, гарчанде гуногун бошад ҳам, барои рушди босуботи иқтисодӣ басо муҳим мебошад.

Дар асоси таҳқиқоти ақидаҳои мухталифи олимони иқтисоддон ва адабиёти илмӣ, ба хулосае омадан мумкин мебошад, ки бойгарии табиӣ ва истифодабарии самараноки онҳо дар шароити минбаъда барои илми муосири иқтисодӣ воситаи муҳими сиёсати иқтисодии ба шумор меравад.

Ба ақидаи мо, захираҳои табиӣ ва истифодаи онҳо ин, пеш аз ҳама, таъсири мутақобилаи ҷомеа ва табиат ба шумор меравад. Дар ин ҷо сухан дар бораи ҳама гуна фаъолияти инсон меравад, ки бо истифодаи захираҳои табиӣ ва тағйирёбии ҳолати муҳити табиӣ алоқаманд мебошад.

Бояд қайд кард, ки инсоният дар марҳилаҳои гуногуни рушд сарватҳои табииро ҳамчун сарчашмаи иловагии таъминоти ҳаёти хеш истифода мекард. Дар баробари ин, бо мурури рушди муносибатҳои нави иқтисодиву иҷтимоӣ, истифодабарии сарватҳои табиӣ хеле васеъ гашт.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, қайд кардан муҳим аст, ки дар давраи пештараи тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба муомилоти иқтисодӣ шумораи зиёди объектҳо ва қувваҳои табиӣ ҷалб карда шуда буданд. Ба ақидаи академик В.И. Вернадский, дар замонҳои қадим инсон ҳамагӣ 19 элементи химиявиро истифода мебурд, дар асри XX – 59 элементи химиявӣ ва ҳоло бошад, қариб ҳамаи элементҳои системаи даврии Д.И. Менделеев истифода бурда мешаванд [47, с. 183].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳолати зиёди коркарди бойигарии табиӣ ва ғайрисамаранок истифодаи онҳо хавфҳоро ба миён меорад. Чунин хатарҳо метавонанд ба сифати ҳаёти шаҳрвандон таъсири манфӣ расонида, маҳсулнокии меҳнатро паст намоянд.

Барои идоракунии саривақтӣ ва босифати табиат зарур аст дар равандҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ бояд тавре муносибат намуд, ки муҳити зист зарар набинад, балки хамчун сармояи табиӣ ва иқтидори калони кишвар қисми тамоми сармоя эътироф шавад.

Ҷамъият бо табиат тавассути истифодаи захираҳои табиӣ ва таъсири гуногун робитаи зич пайдо мекунад. Сатҳи чунин таъсири мутақобила ва муошират қобилияти ҷомеаро барои қонеъ гардонидани

талаботи хеш дар истифода бурдани сарватҳои табиӣ ифода мекунад. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои иқтисодии муҳити зист таҳлили назариявии категорияи захираҳои табииро дар бар мегирад.

Сарчашмаҳои зиндагӣ, ашё ва олоти дар табиат мавҷудбуда, ки бо қувваҳои истеҳсолкунандаи ҷамъият истифода мешаванд, ё метавонанд истифода шаванд, сарватҳои табиӣ мебошанд.

Аҳаммияти сарватҳои табиӣ барои одам дар ҳама гуна тарзи истеҳсолот аз он иборат аст, ки онҳо дар баробари меҳнат манбаи сарватҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб рафта, ҳар гуна арзиши истеъмолиро меҳнати одам аз сарватхои табиӣ ташкил медиҳад.

Асосгузорони марксизм-ленинизм кайд карда буданд, ки коргар бе табиат чизе ба вучуд оварда наметавонад. Ин маводест, ки дар он меҳнати инсон ба амал бароварда мешавад, дар он фаъолияти меҳнатиаш вусъат меёбад ва аз он бо қувваи меҳнат маҳсулот мебарорад [52, с. 561].

Дарк кардан муҳим аст, ки меҳнат, қобилияти соҳибкорӣ ва сатҳи баланди касбии инсон дар шароити кунунӣ дар истифодаи захираҳои табиӣ ҳамчун омили муҳимми пешбурди фаъолияти иқтисодии кишвар маҳсуб меёбад. Фақат бо рушди сармояи инсонӣ дастовардҳои илмӣ ва истифодаи технологияҳои муосир имкони истифодаи васеи самараноки сарватҳои табиӣ фароҳам мешавад.

Аз нуқтаи назари азхудкунии сарватҳои табиӣ, амиқ шудани дараҷаи фаъолияти истеҳсолӣ, ки дар натиҷаи қувваҳои табиат истифодашавандаи нав кашф карда мешаванд, аҳаммияти калон дорад. Ҳамин тавр, азхудкунии маҷмуи конҳои канданиҳои фоиданок маънои ба воситаҳои табиии истеҳсолот табдил додани бисьёр компонентҳоеро дорад, ки пештар истифода намешуданд [49, с. 118].

Ба сарватҳои табиӣ бояд ҳамаи он ҷузъҳои табиат, ки бе он имрӯз ва дар оянда истеҳсолоти ҷамъиятӣ вуҷуд дошта наметавонад, ворид

шаванд. Бинобар ин, имруз мафҳуми истифодабарии сарватҳои табиӣ хеле ҳам вусъат меёбад.

Инҳо на танҳо заминҳо, ҷангалзорҳо, набототи марғзору чарогоҳҳо, маъданҳои фоиданок, захираҳои обии дарёю кӯлҳо, мавҷудияти моҳии укёнус, дарёю кӯлҳо, даррандаи пашмдори ҷангалҳо ва ғайра, балки уқёнуси яхбандии ҷаҳонӣ, Антарктида, ҷазираҳои Арктика ва яххҳои зеризаминӣ, барф ва дигар захираҳои сарди табиӣ, оксигени атмосфера, гармии қаъри замин, обҳои шӯри Уқёнуси Ҷаҳонӣ, обҳои зеризаминӣ ва ғ. мебошанд [59, с. 314].

Хусусияти муҳимми захираҳо аз нуқтаи назари методологияи баҳодиҳии иқтисодӣ истифодаи ҳаматарафаи он мебошад. Захираҳои табиӣ барои субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ умумӣ буда, инчунин воситаи меҳнат, шарти зарурии ҳама гуна истеҳсолоти моддӣ арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки имрӯз масъалаҳои истифодабарии оқилонаи бойигарии табиӣ ва проблемаҳои экологӣ ва тағйирёбии иқлим на фақат ба минтақаҳои алоҳида, балки ба тамоми кишварҳо қодиранд таъсири хешро расонанд. Бинобар ин, чунин мушкилот имрӯз хусусияти байналмилалиро пайдо карда, барои тамоми дунё яке аз проблемаҳои пешбаранда маҳсуб меёбад.

Дар ин бобат ба нуқтаҳои зерин аҳаммияти калон дода мешавад.

- омӯзиши неруи табиии минтақаҳои алоҳида ва ҷаҳон дар маҷмуъ;

- таҳлили низоми истифодаи иқтисодии онҳо, ки дар сохторҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи муосири ҷаҳон ташаккул ёфтаанд;

- таҳияи идеяҳо оид ба рушди минтақавӣ ва оптималии захираҳои табиӣ;

- ташкили ашёи хоми алтернативӣ;

-истифодаи технологияҳои коркарди такрорӣ;

- ҷорӣ намудани технологияҳои нав ва камхарҷ;

- интихоби хидматрасонии истеҳсолкунандагон, ки имконияти ба даст овардани маводи каммасрафро доранд ва ғ. [73, с. 60].

Сарватҳои табиӣ ин қисмҳои ҷузъи табиат мебошанд, ки ҳамчун воситаи истеҳсолот, объектҳо ва воситаҳои меҳнат ва молҳои истеъмоли дар сатҳи муайяни тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда истифода мешаванд.

Захираҳо дар шакли моддии худ предметҳо ва қувваҳои табиат мебошанд, ки генезис, хосият ва ҷойгиршавии онҳоро қонунҳои табиӣ муайян мекунанд. Аз ҷиҳати мазмуни иқтисодии худ, ин сарватҳои истеъмолие мебошанд, ки фоиданок будани онҳоро дараҷаи дониш, прогресси илмию техникӣ муайян мекунад.

Меъёри асосии тақсимоти захираҳо дар таснифоти иқтисодии онҳо ба соҳаҳои гуногуни истеҳсолоти моддӣ вобаста кардани онҳо мебошад. Дар ҳамин асос захираҳои табиӣ ба истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии кишлоқ тақсим мешаванд.

**Ҷадвали 1.2. - Захираҳои истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ**

| Захираҳои истеҳсолоти саноатӣ | Захираҳои истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ |
|---|---|
| Энергия, ки навъҳои гуногуни захираҳоеро дар бар мегиранд, ки дар марҳалаи ҳозираи тараққиёти илм ва техника барои истеҳсоли энергия истифода мешаванд: маъданҳои сӯзишворӣ (нафт, ангишт, газ, уран, сланесҳои битумӣ ва ғ.); захираҳои гидроэнергетикӣ, ашёи хоми атомие, ки барои ҳосил намудани энергияи атом истифода мешаванд;<br>Ғайриэнергетикӣ, канданиҳои фоиданок; обе, ки барои обтаъминкунии саноатӣ истифода мешавад; заминҳое, ки объектҳои саноатӣ ишғол кардаанд; захираҳои ҷангал, ки барои чӯбу тахта ва индустрияи бинокорӣ ашёи хом таъмин мекунанд. | Агроиқлимӣ – захираҳои гармӣ ва намӣ, ки барои истеҳсоли растаниҳои кишт ё чарогоҳ заруранд;<br>Замин ва сарватҳои заминӣ - замин ва қабати болоии он - хок, ки хосияти беназири ҳосил намудани биомасса (ҳамчун сарвати табиӣ ва воситаи истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ ба ҳисоб меравад);<br>Захираи хӯроки сабзавот – захираҳои биосенозҳо, ки ба сифати базаи хӯроки чорво ва чорводорӣ хизмат мекунанд;<br>Захираҳои об - обе, ки дар хоҷагии қишлоқ истифода мешавад. |

**Сарчашма:** [73, с. 58].

Аз ҷадвал дида мешавад, ки захираҳои истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ асоси истифодабарии захираҳои табииро ташкил менамоянд. Захираҳои истеҳсолоти саноатӣ - ҳамаи навъҳои ашёи хоми табиие, ки дар саноат истифода мешаванд ва барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ замина мегузоранд, ба шумор мераванд. Бинобар сабаби тавсеаи истеҳсолоти саноатӣ, мавҷуд будани соҳаҳои сершумори саноат, ки навъҳои гуногуни захираҳои табииро истеъмол мекунанд, истифодабарии ин намуди захираҳо ҳамасола афзоиш меёбад.

Захираҳои истеҳсолии кишоварзӣ бошад, тамоми намудҳои захираҳоеро, ки дар истеҳсолоти маҳсулоти кишоварзӣ ва комплекси агросаноатии кишвар иштирок доранд, ба ҳисоб мераванд.

Инчунин, аксар вақт ба ғайр аз захираҳои истеҳсолоти саноатӣ ва хоҷагии қишлоқ, захираҳои табиии соҳаи ғайриистеҳсолӣ низ ҷудо карда мешаванд. Инҳо захираҳои аз муҳити табиӣ гирифташуда - ҳайвоноти ваҳшӣ, гиёҳҳои шифобахш, захираҳои рекреатсионӣ ва монанди инҳо мебошанд.

Тавре ки маълум мегардад, консепсияи захираҳои табиӣ хеле васеъ буда, идоракунии самаранок ва оқилонаи онҳо яке аз масъалаҳои глобалӣ ба шумор меравад. Маҳз аз ин хотир ташаккулёбии иқтисодиёти сабз дар заминаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ самти муҳим эътироф гаштааст.

Аз тарафи дигар, афзоиши истеҳсолот дар заминаи азхудкунии захираҳои табиӣ, инчунин, хавфҳои муосирро ба вуҷуд меорад. Майдони саноатӣ бо суръати тез афзоиш ёфта истодааст. Саноати ҷаҳонӣ бо мақсади зиёд кардани истихроҷи неъматҳои гуногуни табиӣ, бо мақсади истеъмол дар рафти фаъолияти худ зиёда аз 30 миллиард метри мукааб оби тозанашуда, қариб 70 миллион тонна газҳои заҳролудро мепартояд.

Инсоният дар як сол қодир аст, ки зиёда аз 2 миллион тонна пестисидҳои гуногун истеҳсол намояд. Ба атмосфераи Замин бештар аз

200 миллион тонна гази карбонат, қариб 150 миллион тонна гази сулфур ва қариб 50 миллион тонна оксиди азот партофта мешавад.

Дар баробари ин, фақат як қисми ками захираҳои гирифташуда дуруст истифода бурда мешаванд. Қисми зиёди он ки аллакай дар шакли дигар табдил ёфтааст, ба муҳити табиӣ бармегардад, онро ифлос мекунад ва ба он таъсири манфӣ мерасонад. Бояд дарк кард, ки 96—98 фоизи ашёи хом ва масолеҳи истихроҷшуда партовҳо мебошанд [68, с.52].

Истилоҳи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ имрӯз дар шароити тағйирёбии иқлим дар адабиёти соҳавӣ бисёр истифода мешавад. Фаъолияти одамон дар ин самт барои истифодаи оқилонаи захираҳо, сарфи оқилонаи онҳо, ки қобилияти такрористеҳсолкунии табиатро вайрон намекунанд, равона гардидааст.

Бозистеҳсолии ҷамъиятии сарватҳои табиӣ ин такрористеҳсолкунии системаҳои экологӣ, яъне, дар навбати аввал, такрористеҳсолкунии робитаи байни объектҳо ва қувваҳои табиат, сарватҳои зеризаминӣ, инчунин дигар захираҳо, унсурҳои системаҳои экологӣ мебошанд, зеро алоқаи байни онҳо ва дигар унсурҳои табиат пайваста такрор карда мешаванд. Пештар ин алоқаҳо дар натиҷаи равандҳои софи табиӣ такрор карда мешуданд. Сарватҳои зеризаминӣ ва қишри замин ин базаи биосфера, қисми ибтидоии табиат мебошад [58, с. 14].

Тамоми низоми сарватҳои табииро ба ду намуд тақсим карда мешаванд. Навъи якум, бевосита дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ истеъмол карда мешавад, ки дар айни замон бе зарар аз табиат берун кашидан мумкин аст. Ин як қисми сарватҳои табииро натиҷаи маҳсули такрористеҳсолкунии системаҳои экологии ҷамъиятӣ ҳисоб кардан мумкин аст. Навъи дуюми захираҳои табиӣ ҳамаи он унсурҳои системаҳои экологиро дар бар мегирад, ки барои ҳосилнокии такрористеҳсол хизмат мекунанд [49, с. 118].

Қайд кардан зарур аст, ки унсурҳои мухталифи системаи экологӣ, одатан таъсири гуногунро аз тарафи ҷамъият эҳсос мекунанд. Аммо, бинобар сабаби ба коммуникатсия ба таври мақсаднок таъсир мерасонад, ҳамаи унсурҳо ба сарватҳои табиӣ табдил мегарданд.

Аз нуқтаи назари таҳқиқот, бояд қайд кард, ки бидуни истифодабарии сарватҳои табиӣ рушд додани иқтисодиёти миллӣ хеле гарон арзёбӣ мегардад. Системаи иқтисодӣ, дар маҷмӯъ, системаи истеҳсолот, тақсим ва истеъмоли мол ва хизматрасонӣ мебошад. Дар дохили ҷараёни мазкур ҳамкории доимии мутақобилан судманди ҷомеа ва табиат сурат мегирад. Ҳама гуна истеҳсолот ва истеъмолот бо истифода ва истеъмоли сарватҳои табиӣ таъсир ба муҳити зист мерасонанд.

Инчунин, ҳар як қарори иқтисодӣ ба муҳити зист низ таъсир мерасонад. Вобаста ба мураккабтар шудани фаъолияти низоми хоҷагидорӣ, афзоиши истеҳсолот ва истеъмол нақши омили табиӣ-экологӣ доимо пурзӯр мешавад [46 с. 50].

Бинобар ин, истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ дар кишвар самти муҳим арзёбӣ мегардад. Инчунин, нигаҳдории сарватҳои табиӣ ва истифодаи сарфакорона ва оқилонаи онҳо барои оянда бинобар сабаби маҳдуд будани онҳо аҳаммияти махсуси имиву таҷрибавӣ пайдо мекунад.

Сарватҳои табиӣ ҳамчун сармояи кишвар дар бисёр маврид ба ҳайси сарчашмаи иловагӣ баромад намуда, ҳамчун воситаи муҳим дар ҳамкориҳои иқтисодиву тиҷоратии давлатҳо низ нақши калидиро иҷро менамоянд.

Масъалаҳои истихроҷ ва истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ дар шароити кунунӣ аз нуқтаи назари таъмини амнияти иқтисодӣ муҳим буда, барои баланд бардоштани сифати зиндагӣ шароити муфидро фароҳам меорад. Инчунин, истифодаи оқилона таъсири зарарро ба атроф ва муҳити зист паст намуда, барои идоракунии босифат мусоидат мекунад.

Идора ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ пайвастагии мутаносиби тараққиёти иқтисодию иҷтимоӣ дар заминаи омӯхтан ва муҳофизат намудани шароиту сарватҳои табииро талаб мекунад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки захираҳои бойи табииро доро мебошад, кашфи конҳои нави маъданӣ барои васеъ гардонидани имкониятҳои содиротӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Идоракунии самаранок ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ бошад, дар навбати худ, барои гузариш ба модели нави сармоягузориву инноватсионӣ ва дар заминаи он рушди неруи инсонӣ шарти муҳим барои рушди минбаъдаи кишвар маҳсуб меёбад. Аз ин лиҳоз, масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар кишвар самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар арзёбӣ мегардад.

## 1.2. Масъалаҳои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар иқтисодиёти миллӣ

Яке аз масъалаҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории кишвар дар шароити рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва дар заминаи он таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ба шумор меравад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бойи таббиӣ мебошад, истифодаи пурра ва оқилонаи онҳо метавонанд дар таъмини рушди иқтисодиву технологӣ заминаи калон гузорад.

Сарватҳои табиии Тоҷикистон хеле гуногунанд. Дар қаламрави кишвар бисьёр конҳои металлҳои полихимиявӣ, нодир ва наҷиб: руҳ, сурб, висмут, молибден, волфрам, мис, тилло, нуқра, сурма, симоб, шпати фтор, қалъагӣ, уран, висмут, оҳан, марганес, намак, магний ва ғайра бо иқтидори калони содиротӣ кашф карда шудаанд.

Ба конҳои маъруфи Тоҷикистон конҳои тиллои Панҷакент ва Шуғноб, кони нуқраи Кониманcур, конҳои сурма – Анзоб, конҳои мармари Ванҷ, Панҷакент, Дарвоз, Шаҳристон ва ғайра дохил

мешаванд. Дар ин ҷо конҳои ангишт, газ, нафт, мармар, масолеҳи бинокорӣ мавҷуданд. Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои ангишт дар Осиёи Марказӣ ҷои аввалро ишғол мекунад. Захираи умумии геологӣ қариб 4,0 миллиард тоннаро ташкил медиҳад [31].

Проблемаҳои истифодабарии самараноки иқтидори сарватҳои табиӣ дар тамоми кишварҳои дунё аҳаммияти дучанда пайдо карда, дар низоми фаъолияти хоҷагидории кишвар рӯзмарра боқӣ мемонанд. Шумораи тадқиқоте, ки ба арзёбии истифодабарии сарватҳои табиӣ машғуланд ва фаъолияташон барои самараноктар истифода бурдани захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд, торафт зиёд мешаванд.

Солҳои охир диққати олимони иқтисоддон ба проблемаҳои аз худ кардани сарватҳои табиӣ нигаронида шуда истодааст, ки ин тасодуфӣ нест [67, с.22].

Андешаҳои умумӣ дар бораи чӣ гуна сарфакорона истифода бурдани захираҳои табиӣ истифодаи тамоми маълумоти мавҷударо барои таҳияи сиёсат ва самаранокии ҳадди аксар, риояи принсипҳои адолати иҷтимоӣ ва қабули қарорҳои оқилона оид ба масъалаҳои идоракунӣ ва муҳофизат дар бар мегиранд. Ҳамчунин, таъмини шаффофият дар қабули қарорҳо тавассути пешниҳоди иттилоот дар бораи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба аҳолӣ муҳим аст.

Тараққиёти ҷамъиятӣ, раванди такрористеҳсолкунии сарватҳои моддӣ ва маънавӣ дар алоқаи доимии инсон бо табиат ба амал меояд. Дар баробари аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ захираҳои табиӣ ва сифати муҳити зист шарти доимии зарурӣ ва шарти ҳатмии раванди такрористеҳсолӣ буда, ҳамчун қисми таркибии сарвати миллии мамлакат амал мекунанд.

Сарватҳои табиӣ (замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, ҷангал, ҳавои атмосфера, биоресурсҳо) сарвати миллии давлат, заминаи табиии рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ буда, худи имконияти мавҷудияти инсонро муайян мекунанд [69, с. 18].

Бинобар ин, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ заминаи устувор мегузорад.

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ин истифодаи захираҳои фоиданок аз истеъмоли беасоси онҳо мебошад. Ба ҷиҳатҳои асосии истифодаи самарабахши сарватҳои табиӣ зарурати истифода ва такрористеҳсолкунии захираҳо бо мақсади нигоҳ доштани онҳо, зарурати роҳ надодан ба истифодаи зиёдатии онҳо маҳсуб меёбад.

Дар бобати арзёбии иқтисодии захираҳои табиӣ, аз ҷумла сарватҳои зеризаминӣ, замин, об, ҷангал ва монанди инҳо комёбиҳо ва пешравиҳои зиёде мавҷуданд, вале ҳамаи онҳо бо дарназардошти рушди минбаъдаи кишвар ва инчунин ислоҳоти бозаргонӣ, ки дар мамлакат гузаронида мешаванд, аз нав дида баромаданро талаб мекунанд.

Имрӯз дар шароити зиёд намудани истихроҷи маъдан ва коркарди ашёи хом арзёбии иқтисодии истифодабарии захираҳои табиӣ тағйир меёбанд ва дар чунин шароит истифодабарӣ бояд бо назардошти шартҳои самаранокии коркарди захираҳои табиӣ истифода шаванд.

Бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ барои ҳар як кишвар нишондиҳандаи муҳим арзёбӣ мегардад. Тағйироти сифатӣ дар ин нишондиҳанда дар татбиқи технологияҳои баланд ва дастгирии сармоягузорӣ ифода меёбад [67, с. 200].

Аз нуқтаи назари тадқиқоти предмети баррасишаванда, бояд қайд кард, ки яке аз омили тараққиёт, ки барои рушди иқтисодиёти минтақа муфид аст, истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ мебошад.

Ба ақидаи Ҳ.Ш. Пулодова, потенсиали захираҳои табиӣ бояд унсурҳои зеринро дар бар гиранд.

Якум унсур, истифодаи онҳо дар саноат, дувум, дар соҳаи кишоварзӣ, сеюм, ба муомилот баровардани онҳо бо истифодаи пурраи иқтидор, чорум, истифодаи заминҳои бекор ва панҷум, истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикӣ ба ҳисоб меравад [125, с. 182].

Ҳамаи ин унсурҳои табиат дар якҷоягӣ иқтидори захираҳои табииро ташкил намуда, истифодаи ҳамоҳанг ва самараноки онҳо ба таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва сифати хуби зиндагӣ мусоидат мекунад. Аз тарафи дигар, надоштани технологияи баланд ва мутахассисони дорои касбияти баланд барои истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ монеаҳо эҷод мешаванд.

Бояд қайд кард, ки омили лаънати захиравӣ («проклятие ресурсов») аксаран ба амнияти иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Ба ҳодисаи «лаънати захираҳо» аввалин шуда олимон Д. Сакс ва Э. Уорнер таваҷҷуҳ карданд. Натиҷаи таҳлили омории онҳо нишон дод, ки дараҷаи пассивии соҳаҳои дигари иқтисодиёт, давлатҳои бой аз рӯйи захираҳои табиӣ (масалан, нафт) бештар зарар мебинанд [159, с. 45].

Албатта, дар ин ҷо сухан дар бораи такяи бештар ба бойгарии табиӣ рафта, иқтидори дигар самтҳои иқтисодӣ суст истифода мешаванд ва дар натиҷаи паст шудани нархи ашёи хом дар бозори ҷаҳон метавонанд зарар бинанд. Бинобар ин, бо мавҷудияти бойигарии табиӣ ҳар як кишвар барои таъмини бехатарии иқтисодӣ барои диверсификатсиякунонии иқтисодӣ тадбирҳои зарурироро сари вақт меандешад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сатҳи азхудкунии сарватҳои табиии кишварҳое, ки дар марҳилаи рушд қарор доранд, назар бар кишварҳои мутараққӣ пасттар мушоҳида мешавад. Истифодаи сатҳи пасти идоракунӣ ва истихроҷи бойигарии табиӣ ва инчунин сатҳи баланди интиқоли қувваи корӣ ба дигар минтақаҳо зуҳуроти хоси лаънати захираҳоро ба вуҷуд меорад.

Албатта, дар сурати истифодаи нопурраи сарватҳои табиӣ ва маҳдуд будани захираҳои молиявӣ интиқоли қувваи кории арзон ба дигар кишварҳо зиёд шуда, барои онҳо фоидаи бисёртарро меоранд. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки муҳоҷирон ба кишварҳои воридкунандаи қувваи корӣ мутобиқ мешаванд ва ҳатто аксарияташон

ҷойи истиқомати доимиро интихоб мекунанд. Кишварҳои содиркунандаи қувваи корӣ, ки барои соҳаи иҷтимоӣ маблағҳои калон сарф кардаанд, фоидаи кофӣ намегиранд ва захираҳои табиӣ низ пурра аз худ карда намешаванд.

Мутаносибан, ниҳодҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва инфрасохтори равандҳои сармоягузорӣ ба тағйироти куллии сохторӣ дучор намешаванд [149, с. 228].

Аз ин рӯ, истифодаи захираҳои табиӣ ва дар заминаи он баланд бардоштани сифати зиндагии шаҳрвандон муносибати системавиро талаб менамояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи муқаррарнамоии имкониятҳои мавҷудбуда ва истифодабарии онҳо дар сатҳи муосири рушди илму технология меравад. Инчунин, дар ин ҷараён ҳаҷми захираҳои табиӣ, сифат ва шароити истифодабарӣ, дараҷаи азхудкунии бойигарии табиӣ, тартиби интиқол, нархгузорӣ ва талаботҳои экологӣ арзёбӣ намудан лозим аст.

Дар раванди истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ риояи принсипҳои оқилона бояд амалисозӣ гардад. Ин ба истифодабарандагон имконияти ба даст овардани самараи муфид ва идоракунии босамари сарватҳои табииро дар минтақаҳои кишвар медиҳад.

**Ҷадвали 1.3. - Принсипҳои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ**

| Қоида | Тавсиф |
|---|---|
| Шаффофият | Истифода ва баҳодиҳии сарватҳои табиӣ бояд ба усулҳои объективӣ ва шаффоф асос ёбад |
| Ҷавобгарӣ | Истифодаи захираҳои табиӣ бояд ба принсипҳои идоракунии комплексӣ ва масъулиятнок мувофиқ бошад |
| Истифодабарии муштарак | Захираҳои табииро тавре истифода бурдан лозим аст, ки барои тамоми ҷамъият бехатар ва фоиданок бошанд |
| Нигоҳдорӣ | Захираҳои табиӣ бояд дар доираи бозистеҳсолии дарозмуддати онҳо истифода шаванд |
| Асоснокқунӣ | Истифодаи сарватҳои табииро бо далелҳои илмӣ асоснок кардан лозим аст |

*идома ҷадвали 1.3.*

| | |
|---|---|
| Пешгирикунӣ | Арзёбии таъсироти эҳтимолии муҳити зист, ки бо истифодаи як манбаи мушаххас алоқаманд аст |
| Мувозинатӣ | Пур кардани захираҳои аз муҳити табиӣ гирифташуда тавассути раванди табиии такрористеҳсол |
| Беҳтарсозӣ | Интихоби беҳтарини истифодаи захираҳои табиӣ дар асоси муайян кардани арзиши самти мазкур, ки набояд аз арзиши алтернативӣ камтар бошад |

**Сарчашма:** [31]

Захираҳои табиӣ дар иқтисодиёти ҳар як кишвар нақши муҳим доранд. Онҳо сарватҳои табииро ифода мекунанд, ки метавонанд дар фаъолияти истеҳсолӣ, хидматрасонии иҷтимоӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ истифода шаванд. Манфиатҳои иқтисодие, ки аз захираҳои табиӣ ба даст меоянд, фоидаи мустақим ва фурӯши мустақими захираҳо, инчунин фоидаи ғайримустақим, ки аз беҳтар шудани шароит бармеоянд. Онҳо метавонанд имтиёзҳои иловагие пешниҳод кунанд, ки муайян намудани андозаашон душвор аст, вале барои некуаҳволии одамон басо муҳим мебошанд.

Масъалаҳои идоракунии оқилонаи табиат имрӯзҳо муҳим буда, барои ҳаёти инсон шароити муътадилро фароҳам оварда, таъсири эҳтимолии зарароварро ба муҳити зист пешгирӣ ва коркарди сарватҳои онро оқилона танзим мекунанд. Вай пайвастагии мутаносиби тараққиёти иқтисодию иҷтимоиро бо омӯхтан ва муҳофизат намудани шароиту сарватҳои табиӣ дар назар дорад.

Вобаста ба масъалаҳои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, инчунин қайд кардан зарур аст, ки бо афзоиши шумораи аҳолии кураи Замин, инчунин сифат ва миқдори эҳтиёҷоти онҳо, ҳаҷми захираҳои табиии азхудшуда зиёд мешаванд. Тибқи таҳқиқоти демографӣ, ҳоло шумораи аҳолии рӯйи замин 8 миллиард нафарро ташкил медиҳад ва

афзоиши он идома дорад. Аз ин рӯ, тамоюли афзоиши захираҳо аз афзоиши аҳолӣ, ки беист зиёд меафзояд, ақиб мемонад [68, с. 52].

Дар баробари ин, майдони саноатӣ бо суръати тез меафзояд. Саноати ҷаҳонӣ бо мақсади зиёд кардани истихроҷи неъматҳои гуногуни табиӣ ва истеъмол дар рафти фаъолияти худ зиёда аз 30 миллиард метри мукааб оби тозанашуда, қариб 70 миллион тонна газҳои заҳролуд паҳн мешавад.

Инсоният дар як сол қодир аст, ки зиёда аз 2 миллион тонна пестисидҳои гуногун истеҳсол намояд. Ба атмосфераи Замин бештар аз 200 миллион тонна гази карбонат, қариб 150 миллион тонна гази сулфур ва қариб 50 миллион тонна оксиди азот партофта мешавад. Дар баробари ин, фақат як қисми ками захираҳои гирифташуда дуруст истифода бурда мешаванд. Қисми зиёди он ки аллакай дар шакли тағйирёфта ба муҳити табиӣ бармегардад, онро ифлос мекунад ва ба он таъсири фавқулода мерасонад. Қариб 96-98 фоизи ашёи хом ва масолеҳи истихроҷшуда партовҳо мебошанд.

Камшавии озон, камобӣ, ифлосшавӣ, камшавии захираҳои баҳрӣ, нобудшавии намудҳои ҳайвонот, консентратсияи гази карбон ва нобудшавии ҷангалҳо мисоли равшани он аст, ки мо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддиамон захираҳои табиии сайёраро кам мекунем, ки ин, дар навбати худ, нигоҳдории экосистемаҳо ва иқтисодиётро зери хатар мегузорад [68. с. 51].

Барои ҳамин, истифодабарии бойгарии табиӣ тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки ба ташаккулёбии иқтисодиёти сабз халал нарасонида, инчунин, барои наслиояндаи кишвар сарчашмаи иловагӣ дар таъмини рушди босубот боқӣ бимонад.

Ин метавонад чунин икдомҳоеро аз қабили маҳдуд кардани истеъмол, ҳифз ва барқарор кардани захираҳо, ҷорӣ намудани принсипҳо ва технологияҳои иқтисодӣ ва ҳифзи минтақаҳои табиӣ аз таъсири зараровари фаъолияти инсонро дар бар гирад.

Бояд қайд кард, ки истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ ба воситаи таҳияи барномаҳо ва стратегияҳои рушд, таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, таъсиси шароити мусоид барои фаъолияти хоҷагидории кишвар имконпазир мегардад. Дар ин ҷо сухан, инчунин, дар бораи беҳтарсозии низоми андоз барои истифодабарандагони захираҳои табиӣ, имтиёзҳои мухталиф барои соҳибкорон ва сармоягузорон низ меравад.

Бинобар ин, истифодабарии захираҳои табииро тавассути ҷорӣ намудани принсипҳои рушди устувор, афзоиши дарки аҳаммияти табиат ва сарватҳои табиӣ ва соҳибкорӣ ба рушди устувор ташаккул додан лозим меояд.

Масалан, оид ба масъалаи мазкур олими ватанӣ - профессор Х.А.Одинаев, дуруст қайд менамояд, ки шарти муҳимтарини гузариши Тоҷикистон ба рушди устувор, пеш аз ҳама, мавҷудияти экосистемаҳои табиии нигоҳдошташудаи кишвар ва сарватҳои табиии ҳанӯз пурра истифоданашуда ва ё камистифодашудаи он мебошад [138, с. 125].

Имруз дар раванди истифодабарии сарватҳои табиӣ ба масъалаҳои нигоҳ доштани экосистема диққати ҷиддӣ равона мегардад. Азхудкунии пурраи қаламрави кишвар ва инчунин истихроҷи сарватҳои табиӣ дар ҳолати ҳифзи экосистема дар рушди оянда шарти муҳим эътироф гаштааст.

Албатта, дар ҳолати пурра аз худ кардани бойигарии табиӣ масъалаҳои идоракунии истифодабарии оқилона ва самаранокии онҳо аҳаммияти дучандаро пайдо мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои зиёди қонунгузорие мавҷуданд, ки истифодаи сарватҳои табииро танзим мекунанд. Мавҷудияти қонунгузории мукаммал дар самти истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ пеш аз ҳама барои таъмини манфиатҳои истифодабарандагони сарватҳои кишвар равона гардидаанд. Аз тарафи

дигар онҳо фазои мусоидро барои иштиркчиёни бозор ва таъмини рақобатпазирии минтақа пояи бузурги иқтисодӣ мегузоранд.

Бояд қайд кард, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», ки ҳанӯз соли 1995 бо таҳрири минбаъдааш қабул шуда буд, рушд ва истифодаи сарватҳои зеризаминии кишварро танзим менамояд. Дар моддаи 13 Қонуни асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Конститутсияи кишвар, омадааст, ки сарватҳои зеризаминӣ ва сарватҳои гуногуни табиӣ аз они давлат буда, истифодаи оқилонаи онҳоро ба манфиати мардум кафолат медиҳад.

Дар ҳуҷҷати стратегии кишвар - Стратегияи миллии рушди кишвар то соли 2030 вазифаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиии кишвар ва афзоиши ҳаҷми истеҳсолот дар соҳаи истихроҷ 5,8 баробар пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, муносибатҳои истифодабарии сарватҳои зеризаминӣ ва муҳофизати онҳо ба маҷмуи тамоми қонунҳои давлатӣ асос ёфтаанд, ки дар солҳои гуногун қабул шуда, ҳоло амал мекунанд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи созишномаҳо», «Дар бораи тақсими маҳсулот», «Дар бораи сангҳо ва металлҳои қиматбаҳо», «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ», «Дар бораи нефту газ», «Дар бораи танзими давлатии истеҳсол ва муомилоти баъзе навъҳои маҳсулоти нафт», «Дар бораи ангишт», «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳии баъзе намудҳои фаъолият», «Дар бораи Фонди давлатии иттилооти геологӣ», «Дар бораи сарватхои зеризаминии Тоҷикистон» ва як қатор дигарҳо барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ пояи устувори ҳуқуқиву ташкилӣ гузоштаанд [131, с. 78].

Арзёбии иқтисодии захираҳои табиии Тоҷикистон як пажӯҳишест, ки барои арзёбии арзиши иқтисодии манобеи табиии Тоҷикистон анҷом мешавад. Ин таҳлили захираҳо хок ва дигар сарватҳои табииро дар бар мегирад. Арзёбии иқтисодии захираҳои табиӣ ба қабули қарорҳо оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Захираҳои табииро метавон ба се намуди асосӣ ҷудо кард: неъматҳои табиӣ, энергияи табиӣ ва мавод. Тавре маълум аст, ба молҳои табиӣ он навъҳое дохил мешаванд, ки бе коркарди иловагӣ ба монанди истифодабарии ҷангалу об ва дигар навъҳои гуногуни биологӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Энергияҳои табиӣ - ин захираҳои табиӣ ба монанди энергияи об, офтоб ва шамол мебошанд, ки метавонанд барои тавлиди энергия истифода шаванд. Мавод захираҳои табиӣ мебошанд, ки бояд дубора коркард шаванд, то онҳо барои истеҳсоли маҳсулот ё хидматҳо, ба монанди гази табиӣ ва нафти табиӣ истифода шаванд. Дар Тоҷикистон захираҳои табиӣ ба мисли заминҳои кишоварзӣ, маъданҳои фоиданок (конҳо), об, захираҳои атмосфера, гуногунии биологӣ ва захираҳои сайёҳӣ фоидаовар арзёбӣ мегарданд.

Сарватҳои табиӣ ба монанди шағалу қум, обҳои маъданиву металлҳои қиматнок, сангҳои қиматбаҳо ва монанди инҳо дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт мавриди истифода қарор мегиранд. Онҳо инчунин метавонанд дар сохтори содирот саҳми худро гузоранд.

Бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари таъмини бехатарии иқтисодӣ, Тоҷикистон қабл аз истифода аз ҳама гуна сарватҳои табиӣ қоидаву тартиботи қатъӣ муқаррар мекунад. Масалан, лоиҳаҳои истихроҷи маъдан тасдиқи ҳукуматро талаб мекунанд. Инчунин, баъзе сарватҳои табиӣ, масалан, об бояд сарфакорона ва оқилона истифода шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъмини истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ банақшагирии стратегӣ дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ, ҳадди аксар расонидани самаранокии истифодаи захираҳо, пешгирии хавфҳо ва кам кардани зарар ба муҳити зист аз қабили ҳадафҳои ниҳоӣ маҳсуб меёбанд. Аксарияти иқтисодчиён ва мутахассисони соҳа бар он ақидаанд, ки фақат дар ҳолати муносибати

дуруст ва диверсификатсиякунонии фаъолияти хоҷагидорӣ истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ имконпазир мегардад.

Тавре ки маълум аст, кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баландбардории истифодаи захираҳои табиӣ чораҳои зиёде андешида истодаанд. Бо иртибот ба масъалаи мазкур, қайд кардан зарур аст, ки истифодаи самаранок, инчунин, дар заминаи таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои шарикони рушд низ барои кишвар фоидаи калон меорад.

Барои истифодаи оқилонаи бойигарии табиии минтақа ташкили фаъолияти муштарак, пеш аз ҳама, бо кишварҳои ҳамсоя ба мо имконияти истифодаи васеи иқтидори табииро фароҳам меорад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, кишварҳои Осиёи Марказӣ низ дорои иқтидори калони сарватҳои табииро доранд.

**Ҷадвали 1.4. - Иқтидори захиравии кишварҳои Осиёи Марказӣ**

| Кишвар | Содиротӣ | Иқтидори захиравӣ | Захираҳои гидроэнергетикӣ, млрд кВт-с/сол | Захираи нафт, млн т | Захираи газ, млрд куб м |
|---|---|---|---|---|---|
| Қазоқистон | Нафт ва маҳсулоти нафтӣ, газ, уран, мис, ферроху̅лаҳо, маъданҳо, оҳан, гандум, орд, синк | Нафт, гази табиӣ, уран, маъдан, су̅зишворӣ, металли техникӣ, сангҳо ва ғайра | 40,2 | 4000 | 6800 |
| Қирғизистон | Ғайриорганикӣ моддаҳои кимиёвӣ, ангур, молҳои нассоҷӣ, пахта, мис ва пораи он, мева, электроэнергия | Тилло, симоб, сурма, металлҳои нодир, гидроэнергетика | 142,5 | 5 | 6 |

*идомаи ҷадвали 1.4.*

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Туркманистон | Гази табиӣ, битуми нафт, равғанҳои молиданӣ, нахи пахта, коғаз, энергияи барқ, сулфури кислота, гандум | Нафт ва гази табиӣ газ, сулфур, сурб, бром, йод, гранит, гаҷ, гилҳои ба оташ тобовар, қуми квартс, гравий, мирабилит | 2 | 300 | 23000 |
| Тоҷикистон | Алюминий ва маҳсулот аз он, пахта, чормағз ва меваҳои хушк, сабзавот ва мева, ангур, маъданҳои рудӣ ва металл, молҳои нассоҷӣ ва либос | Уран, нуқра, тилло, ганҷҳо, ангишт, сурб ва маъданҳои металлӣ, сурма, ванадий, молибден, тунука, волфрам, мис, намаки санг, гранит, мармар, гидроэнергетика | 527 | 2 (53) | – (3000) |
| Узбекистон | Нафт ва маҳсулоти нафтӣ, гази табиӣ, нахи пахта, моддаҳои кимиёвӣ ва пластмасса, металлҳои сиёҳ ва металлҳои ранга, тилло, уран маъдан, хӯрокворӣ, молҳои ҷангӣ | Тилло, нафт, гази табиӣ, уран, ангишт, мис, пахта, металлҳои нодир | 15 | 250 | 5900 |
| Ҳамагӣ | | | 726,7 | 4557 | 37706 |
| Мавқеъ дар ҷаҳон | | | 8 | 11 | 2 |

**Сарчашма:** [62, с. 13].

Дар асоси маълумотҳои боло мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори бузурги захиравиро доро буда, аз ҷиҳати баъзе захираҳо ҷойҳои пешро

ишғол менамояд. Инчунин, иқтидори содиротии кишвар низ сол то сол дар заминаи азхудкунии захираҳои табиӣ афзоиш ёфта истодааст.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки Тоҷикистон дорои захираҳои беназири гидроэнергетикӣ мебошад. Ҳиссаи кишвар қариб 4 фоизи иқтидори гидроэнергетикии аз ҷиҳати иқтисодӣ самарабахши кураи Заминро ташкил медиҳад.

Аз рӯйи захираҳои умумии захираҳои гидроэнергетикӣ Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷои 8-умро ишғол мекунад; аз рӯйи нишондиҳандаҳои хоси неруи гидроэнергетикӣ ба ҳар сари аҳолӣ (87,8 ҳазор кВт/соат дар як сол/шахс) - ҷойи 2-юм; оид ба захираҳои эҳтимолии гидроэнергетика дар як кв км ҳудуд (3682,7 ҳазор кВт/соат дар як сол/км$^2$) – аз рӯйи иқтидори содиротӣ 1 ва 3-юм ҷойро ишғол мекунад [128, с. 36].

Дар маҷмуъ, 30 кони нафту газ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баланси захираҳо дохил карда шудаанд. Захираҳои потенсиалии нафту конденсати газ дар кишвар 158 миллион тонна ва газ — 875 миллиард метри мукааб, дар Тоҷикистони Шимолӣ бошад, мувофиқан 56 миллион тонна ва 61 миллиард метри мукааб конденсати нафту газро ташкил медиҳад. Ҳозир захираҳои нафт 9 фоиз, газ 3,5 фоиз аз худ карда шудаанд. Дар ҳудуди Тоҷикистон беш аз 40 кони ангишт мавҷуд аст. Захираи бақияи ангишт (ба қайд гирифташуда) дар ҷумҳурӣ 714,14 миллион тонна, дурнамо 3703,4 миллион тонна ва ҳамагӣ 4418,04 миллион тоннаро ташкил медиҳад.

Дар баробари ин, дар кишвар қариб 400 кон ва зиёда аз 50 хел канданиҳои фоиданок кашф ва ба кор омода карда шудаанд. Дар ин ҷо барои индустрияи бинокорӣ захираҳои калони ашёи хом - рангҳои минералӣ, гач, оҳаксанг, мармар, гранит, лочуман, шпинел, аметист, гранат, турмалин, сапфир ва ғайра мавҷуд мебошанд.

Тоҷикистон аз ҷиҳати захираи металлҳои ранга дар байни кишварҳои Осиёи Миёна яке аз ҷойҳои аввалро ишғол карда, метавонад ба бозори ҷаҳонӣ молҳои дорои нуқра, сурб, рух, висмут, сурма, симоб,

қалъагӣ ва ғайраро пешкаш намояд. Танҳо захираи нуқра 70 ҳазор тонна ва беш аз 400 тонна тилло арзёбӣ мешавад [128, с. 36].

Захираҳои калони табиии Тоҷикистон имрӯз дар шароити рушди муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузорӣ яке аз омили муҳимми рушди ҳамкориҳои судманди иқтисодӣ маҳсуб ёфта, истифодаи оқилонаи он дар кишвар проблемаи рақами як ба шумор меравад.

Истифодаи устувори захираҳои табиӣ ин истифодаи экосистемаҳо ва захираҳои табиӣ мебошад, ки онҳо минбаъд бо роҳи барқарорсозии равандҳои табиӣ талаботи аҳолӣ ва муҳити табииро қонеъ мекунанд.

Барои самаранок идора кардани истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, бояд як қатор шартҳо риоя карда шаванд:

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба ҳифз ва беҳтар намудани муҳити табиӣ, рафъи зараре, ки дар гузашта ба муҳити табиӣ расонида шуда буд ва дар оянда пешгирии зарар ба муҳити табиӣ расонида шудааст;

– рушди самтҳои истеҳсолӣ ва хоҷагидории фаъолият, ки ба ҳифз ва беҳдошти муҳити табиӣ, рафъи зарари расонидашуда ва пешгирии зарар дар оянда нигаронида шудааст;

- баланд бардоштани сатҳи фарҳанги инсонӣ ва ташаккули шуур ва рафторе, ки ба бемасъулиятӣ нисбат ба муҳити табиӣ ва расонидани зарар ба он роҳ намедиҳад, имкон медиҳад, ки принсипи афзалиятноки ҳифзи муҳити зист дар амал татбиқ карда шавад [68, с. 82].

Ҳамин тариқ, масъалаҳои назариявии истифодабарии сарватҳои табиӣ ба ғояи ба даст овардани фоидаи максималӣ аз ҳисоби сарватҳои табиӣ асос ёфтааст. Мақсади чунин муносибат ва назарияи мазкур пеш аз ҳама барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, идораи дурусти раванди истихроҷи маҳсулот барои имрузу оянда нигаронида шудааст.

Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ роҳҳо ва воситаҳои зиёд дорад. Яке аз онҳо истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ бо роҳи маҳдуд кардани истеъмоли онҳо мебошад. Имрӯз ташаккулёбии иқтисодиёти сабз самти муҳим дар сиёсати дохилии кишвар эътироф гашта,

истифодабарии бойигарии кишвар, таъмини истиқлолияти технологӣ ва рушди истеҳсолот бояд бо дарназардошти истифодаи оқилона ба роҳ монда шаванд.

Барои аз худ кардани захираҳои табиӣ ва истифодаи оқилонаи онҳо дар баробари таъсиси базаи ҳуқуқӣ шароитҳои мусоиди иқтисодӣ фароҳам овардан лозим меояд. Азхудкунии сарватҳои табиӣ маънои истифодаи захираҳои табиӣ барои пешрафти иқтисодиёт ё таъмини сифати баланди ҳаётро дорад. Барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар дар заминаи истифодабарии сарватҳои табиӣ истихроҷи маъдан, рушди хоҷагии мухталиф, коркарди мавод, истифодаи оқилонаи об ва замин ва инчунин арзёбии иқтисодии сарватҳои табиӣ зарур шуморида мешаванд.

## 1.3. Ҷанбаҳои иқтисодии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар кишварҳои хориҷӣ

Яке аз масъалаҳои рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвари соҳибистиқлол дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Барои ташаккул додани иқтисодиёти сабз истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ воситаи асосӣ ва шарти муҳим имрӯз ба ҳисоб меравад.

Мушкилотҳои аосие, ки дар раванди истифодабарии сарватҳои табиӣ ба вуҷуд меоянд пеш аз ҳама ба масъалаҳои ҳифзи экология, таҳдид ба биогуногунии табиӣ, истифодаи нодурусти энергияи барқароршаванда ва мисли инҳо рабт доранд. Муносибати ғайриоқилона ба тадбирҳои зикргардида боиси ба миён омадани хавфҳои зиёд гардад. Барои арзёбии иқтисодии истифодаи сарватҳои табиӣ ва ошкори вариантҳои имконпазири онҳо зарурати таҳлили истифодабарии сарватҳо дар кишварҳои хориҷӣ ба миён меояд.

Кишварҳои хориҷа барои истифодаи захираҳои табиӣ стратегияҳои гуногунро истифода мебаранд. Масалан, баъзе кишварҳо, аз қабили Олмон ва Ҷопон, барои истифодаи самараноки захираҳо аз технологияҳои бештар самаранок истифода мебаранд. Дар дигар мамлакатхо, ба монанди ШМА ва Канада, ба муҳофизати сарватҳои табиӣ, таъмин намудани истифодаи арзони онҳо дар муҳлатҳои дарозмуддат диққати калон дода мешавад.

Сарватҳои табиие, ки барои ҳаёт, пешравӣ ва фаъолияти ҷамъият заруранд, дар тамоми ҷаҳон бо суръате истифода мешаванд, ки имкон намедиҳад, ки онҳо барқарор шаванд. Дар айни замон, зиёда аз 60% экосистемаҳои инсонӣ аз ҳад зиёд пурбор шудаанд, аз ҷумла, фалокат воқеан ба саршумори моҳии ҷаҳон таҳдид мекунад, буридани ҷангалҳо сифати ҳаво ва оби тозаро бадтар мекунад.

Бо дарназардошти ин ва дигар нигарониҳои шабеҳ, масалан, Иттиҳоди Аврупо стратегияи дарозмуддатро барои маҳдуд кардани зараре, ки дар натиҷаи истифодаи беназорати сарватҳои табиӣ расонида мешавад, қабул кард. Ҳадафи он эҷод кардани арзиши бештари изофӣ бо захираҳои камтар ва ба қадри имкон иваз кардани ин захираҳо бо алтернативаҳои аз ҷиҳати экологӣ тозатар нигаронида шудааст.

Масалан, ҳукумати Норвегия барномаи миллии коҳиш додани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба атмосфераро то 30% ва то соли 2050 комилан қатъ кардани ҳама гуна партовҳоро таҳия кардааст.

Шветсия бошад, пурра принсипи сабзро дар иқтисодиёт татбиқ намуда, нияти гузаштан ба истифодаи пурраи энергияи барқароршавандаро дорад. Дар ин ҷо сухан дар бораи ивази энергияи атомӣ ба энергияи шамолӣ меравад. Дар баробари ин, дар ин кишвар имрӯз нияти пурра гузаштан ба истифодаи электроавтомобил дар назар аст. Давлати мазкур ба воситаи таъсиси фазои мусоид барои ташаккул додани иқтисодиёти сабз тадбирҳои зеринро аз қабили содда намудани низоми андозбандӣ фароҳам овардааст.

Ҳамин тариқ, соҳаҳои экологӣ, технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза ба қисми муҳимми иқтисоди Иттиҳоди Аврупо табдил меёбанд. Дар 10 соли охир (пеш аз пандемия) суръати афзоиши солонаи онҳо ба 8 фоиз ва ҳаҷми солона ба 320 миллиард евро расидааст. Дар ҳоли ҳозир Иттиҳодияи Аврупо 1/3 бозори ҷаҳонии технологияҳои сабзро дар ихтиёр дорад ва тибқи пешгӯӣ, он метавонад то солҳои наздик ҳиссаи онро ду баробар афзоиш диҳад [89, с. 220].

Вобаста ба предмети омӯзиши тадқиқот, бояд қайд кард, ки Олмон дар ҷаҳон ҳамчун яке аз пешсафон дар бозори ҷаҳонии технологияҳои сабз эътибори устувор дорад. Барои мисол, 23% тамоми технологияҳои дар ҷаҳон патентшуда дар соҳаи экология ва зиёда аз 30% дар соҳаи энергияи офтоб ва шамол ба ширкатҳои олмонӣ рост меояд. Дар корхонаҳое, ки дар бахши «сабз» фаъолият мекунанд (энергетика, нақлиёт, коркард ва нобудсозии партовҳо ва ғайра), тақрибан 2 миллион нафар ё 4,5 фоизи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро ташкил медиҳанд. Ин нишондиҳанда тамоюли доимии афзоиш дорад.

Ба шарофати рушди технологияҳои “сабз” ба кишвар муяссар шуд, ки сатҳи партовҳои газҳои гулхонаӣ ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёбад. Ин рақам дар соли 2010 нисбат ба соли 1990 25% камтар аст. Олмон ҳадаф дорад, ки дар ҷорӣ намудани технологияҳои тоза дар ҷаҳон пешсаф гардад. Инкишоф додан ва ба вуҷуд овардани нақлиёти электрикӣ яке аз ҳадафҳои мазкур ба шумор меравад. Инчунин, дар назар аст, ки дар муддати кӯтоҳ барои таҳқиқот ва коркарди ин бахш 17 миллиард евро сармоягузорӣ шавад. Саноати электромобилӣ ба таври илова 30 ҳазор ҷойи корӣ ба вуҷуд меоварад [28, с. 221].

Истифодаи сарватҳои табиӣ дар кишварҳои пешрафта барои шукуфоии ин кишварҳо муҳим аст. Истифодаи захираҳои табиӣ метавонад ба кишвар дар баробари даромади андоз даромад диҳад ва боиси таъсиси ҷойҳои зиёди корӣ гардад. Инчунин, захираҳои табиӣ

метавонанд барои истеҳсолот мавод, қувваи барқро барои истифода дар хонаҳо ва идораҳо таъмин кунанд. Кӯшиши кишварҳои тараққикарда ба он равона гардидааст, ки сарватҳои табиӣ эҳтиёткорона истифода бурда шаванд, зеро фоидаи онҳо бебозгашт шуда метавонад.

Бояд қайд кард, ки дар мамлакатҳои тараққикарда дар сиёсати минтақавии истифодабарии самаранокии сарватҳои табиӣ ба барномаҳои рушди иқтисодӣ ва стратегияҳо такя намуда, самтҳои афзалиятнокро ошкор менамояд, ки онҳо барои таъмини рақобатпазирии корхонаҳо ва рушди муносибатҳои истеҳсолӣ замина мегузоранд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барномаҳои рушди минтақаҳо бояд мақсадҳои зеринро дар бар гиранд:

1. Тақсимоти оқилонаи истеҳсолот. Татбиқи ин ҳадаф дар истифодаи мақсадноки сарватҳои табиӣ ба муомилот ворид намудани захираҳои нав ва  махсусгардонии тақсимоти меҳнат меравад, ки ҳадди ақал сврватҳои  табииро оқилона истифода баранд.

2. Рушди устувори захираҳо ва муҳити зист. Татбиқи чунин ҳадаф, пеш аз ҳама, дар таъмини рушди устувор ва ҳифзи экология нигаронида шудааст. Дар ин ҷо сухан инчунин дар бораи пешгирии зарар ба табиат ва шароити мусоид муҳайё намудан барои истироҳат ва сайёҳӣ меравад.

3. Таъмини шароити муътадили иқтисодӣ. Татбиқи ин ҳадаф дар таъмини рақобатпазирии минтақа, таъсиси ҷойҳои корӣ ва баробарии иҷтимоӣ равона гардидааст.

Пешгирии таназзули минтақаҳои депрессия, коҳиш додани оқибатҳои бекорӣ, ҳавасмандгардонии муҳоҷирати захираҳои меҳнатӣ аз қабили чунин ҳадафҳо ба шумор мераванд [79, с. 504].

Таҷрибаи беҳтарини истифодаи захираҳои табиӣ дар кишварҳо фарқ мекунад. Дар баъзе кишварҳо таҷрибаи ҳифзи сарватҳои табиӣ, аз қабили ҳайвонот ва наботот ва маҳдуд кардани истифодаи онҳост. Дар

дигар кишварҳо ҳадаф метавонад ба ҳадди аксар истифода бурдани захираҳои табиӣ бо роҳи аз ҷиҳати экологӣ тоза бошад. Бояд қайд кард, ки дар кишварҳои саноатӣ имрӯз масъалаи нигаҳдории муҳити зист аз ифлосшавӣ яке аз самти муҳимми фаъолияти хоҷагидорӣ ба шумор меравад. Новобаста аз он ки сарватҳои табиӣ сарчашмаи даромади калон дар ин кишварҳо эътироф шуда бошад ҳам, дар ҷараёни истихроҷ, коркард ва истеҳсоли пурраи маҳсулот мубориза бар зидди ифлосшавӣ дар мадди аввал меистад.

**Ҷадвали 1.5. - Механизмҳои иқтисодии мубориза бо ифлосшавӣ дар кишварҳои рушди саноатӣ**

| Навъи механизм | Тавсифи умумӣ |
|---|---|
| Пардохтҳо | |
| Пардохт барои ифлосшавӣ | Пардохт барои партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити зист пардохта мешавад, маблағи пардохтҳо аз ҳаҷм ва таркиби партовҳо вобаста аст |
| Пардохтҳои мусоидаткунанда | Маблағҳои пардохт ба "ифлоскунандаҳо" баргардонида намешаванд |
| Пардохтҳои тақсимӣ | Маблағи пардохтҳо ба "ифлоскунандаҳо" дар шакли субсидия барои насби таҷҳизоти нави назорат баргардонида мешавад |
| Пардохтҳои истеъмолӣ | Барои ҷуброн кардани хароҷоти коллективона, назорати ҷамъиятии экологӣ |
| Пардохтҳои молӣ | Дар шакли иловапулӣ ба нархи маҳсулоте, ки аз ҷиҳати экологӣ ифлос ё муттаҳидшавӣ душвор аст, ситонида мешавад |
| Пардохтҳои маъмурӣ | Назорат ва иҷозат додани пардохтҳо |
| Субсидияҳо | |
| Дотатсия (қарзҳои бебозгашт) | Шаклҳои бебозгашти ёрии молиявӣ барои чораҳои таъҷилии кам кардани ифлосшавӣ |
| Қарзҳои имтиёзнок ва имтиёзҳои андоз | Қарзҳое, ки бо тадбирҳои кам кардани ифлосшавӣ алоқаманданд ва бо фоизи кам дода мешаванд. Истеҳлоки тезонидашуда, озодкунӣ аз андозҳо, пардохтҳо ё ставкаи андоз ҳангоми андешидани чораҳои мушаххас оид ба кам кардани ифлосшавӣ иҷозат дода мешавад |

**Сарчашма:** [79, с. 504].

Тавре аз ҷадвали 1.5. бармеояд, дар мамлакатҳои саноатӣ тараққикарда ба муҳофизати муҳити зист ва ба кор бурдани усулҳои устувори истеҳсолӣ муносибати ҷиддӣ мушоҳида мешавад. Барои боздоштани пешрафти минбаъдаи гармшавии глобалӣ ва беҳтар кардани шароити зиндагӣ, кишварҳои саноатӣ системаҳои назорати ифлоскуниро татбиқ мекунанд, об ва энергияро самаранок идора карда, сифати ҳаворо беҳтар месозанд ва назорати ифлосиро пурзӯр мекунанд. Технологияҳоеро низ ҷорӣ мекунанд, ки имкон медиҳад захираҳо самараноктар истифода бурда, исрофкорӣ кам шавад.

Бояд қайд кард, ки технологияи ҳифзи муҳити зист дар истеҳсолот истифодаи усулҳои самаранок ва масъулиятноки ҳифзи муҳити зистро дар назар дорад. Одатан, усулҳо барои пешгирӣ ва назорати ифлосшавии об ва ҳаво, инчунин, татбиқи технологияҳои каммасраф ва бехатар истифода мешаванд. Илова бар ин, стандартҳо ба монанди идоракунии партовҳо, назорати равандҳо ва истифодаи маводи самаранок ва бехатар бояд татбиқ карда шаванд.

Ҳастанд якчанд мамлакатҳое, ки дар истифодаи сарватҳои табиӣ таҷрибаи хуб доранд. Дар ИМА, дар ибтидои солҳои 2000-ум, барои гузаштан аз истифодаи захираҳои сатҳи баланд ба истифодаи самараноктар кӯшишҳои зиёд анҷом дода шуданд. Барномаи миллии муҳити зист (NEPA) як воситаи тавонои назорати истифодаи захираҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист гардид.

Австралия ва Канада низ усулҳои хеле самарабахши истифодаи захираҳои табииро истифода мебаранд. Дар Чин ва Ҷопон барои беҳтар кардани таҷрибаҳои идоракунии захираҳои табиӣ, аз қабили сарфаи об ва сарфаи энергия чораҳои самарабахш андешида шудаанд.

Тавре аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ бармеояд, даромад ба воситаи татбиқи низоми андозбандӣ ба даст оварда мешавад. Чунин даромад нисбати истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ низ мушоҳида

мегардад. Қайд кардан зарур аст, ки дар кишварҳои дорои даромади зиёд аз сарватҳои табиӣ низоми мукаммали андозбандӣ мавҷуд мебошад. Барои фаъол гардонидани фаъолияти хоҷагидорӣ ба корхонаҳои истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ, истифодабарандагони замин ва дигар иштирокчиёни бозор имтиёзҳои васеи андозбандӣ муқаррар мегардад.

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодабарии сарватҳои табиӣ нишон медиҳад, ки онҳо мухталиф мебошанд.

Бо назардошти шароити мушаххаси рушди Русия, мо метавонем унсурҳои гуногуни идоракуниро ба монанди танзими иҷора, суғурта, пардохтҳои маъмурии манъкунанда ва ғайра истифода намоем [147, с. 12].

Дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон принсипи андозбандии фоидаи зиёдатие, ки аз истифодабарии сарватҳои табиӣ гирифта мешавад, амал мекунад. Дар кишварҳое чун Норвегия, Венесуэла, Кувайт, Уммон, ИМА (Аляска) пардохти иҷора аз истифодабарандагони конҳои нафту газ, дар Чили аз ҷониби ширкатҳои коркарди конҳои мис пардохта мешавад, ки ин боиси афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мегардад.

Масалан, дар соли 2000 ба шарофати нархи баланди нафт дар Аморати Муттаҳидаи Араб, ММД 14% афзоиш ёфта, ММД ба ҳар сари аҳолӣ 17,400 долларро ташкил дод [153, с. 496].

Қайд кардан зарур аст, ки танзими истифодабарии бойигариҳои табиӣ тавассути усулҳои ғайримустақим, яъне андозҳо ба роҳ монда мешаванд. Дар ин ҷо, инчунин, сиёсати нархгузорӣ низ метавонад ба механизми танзимнамоии истифодаи самраноки сарватҳои табиӣ таъсири мусбӣ расонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар раванди истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ воситаҳои ҳавасмандкунӣ нисбат ба усулҳои мустақим бартарият доранд. Усулҳои ҳавасмандкунӣ, пеш аз ҳама, барои паст намудани хароҷоти ҷорӣ нигаронида шуда, барои дастрасӣ ба

технологияи муосир мусоидаткунанда мебошанд. Албатта, барои ба даст овардани самараи синергетикӣ дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ҳам усулҳои мустақим ва ҳам ғайримустақимро ба роҳ мондан қобили қабул дар шароити кунунӣ шуморида мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, бахусус таҷрибаи давлатҳои собиқ шӯравӣ дар соҳаи истифодаи сарватҳои табиӣ басо ҷолиб арзёбӣ мегардад.

Истифодаи захираҳои табиӣ дар фазои пасошуравӣ маҷмуи таҷрибаҳоест, ки барои ба даст овардан, истифода ва тақсими захираҳои табиӣ истифода мешаванд. Ин усулҳо аксар вақт барои таъмини рушди якхелаи қаламрав ва минтақаҳои пасошуравӣ истифода мешаванд. Ин усулҳо метавонанд инчунин раванди истеъмоли бойгарии кишвар, ҳифзи муҳит ва захираҳои кишварро дар бар гиранд.

Қайд кардан муҳим аст, ки калонтарин ҷузъи сарвати миллии Русия захираҳои табиӣ мебошанд, ки аз рӯйи ҳисобҳои гуногун 40-50% ё бештар аз арзиши имрӯзаи онро ташкил медиҳанд. Дар баробари ин, арзёбиҳои сарватҳои табиии Русия, захираҳои онҳо, дараҷаи иктишоф ва коркард, истихроҷ ва истифода ва махсусан талафот ҳангоми истихроҷ ва истифода хеле мухолифанд.

Иқтидори беҳамтои захираҳои табиии Русия бо истифодаи самараноки он яке аз шартҳои муҳимтарини рушди устувори кишвар ҳам дар айни замон ва ҳам дар давраҳои дарозмуддат мебошад. Фонди замини давлат чи аз ҷиҳати масоҳат ва ҳам аз ҷиҳати сифати заминҳои хоҷагии қишлоқ, ки дар як қатор минтақаҳо воқеъ аст, беназир мебошанд [36].

Аз ҷиҳати қаламрави бо ҷангал пӯшондашуда ва захираи сарватҳои ҷангал ҷои якумро Русия ишғол менамояд. Мамлакат дорои ҳаҷми хеле зиёди маҷрои миёнаи солонаи дарёҳо (ҷойи дуюм дар ҷаҳон) ва захираи оби тоза дар кӯлҳо (ҷойи аввал) мебошад. Захираҳои обӣ дар

Русия дар таҳкими ҳамкориҳо бо кишварҳои ҳамсоя ва ҳамгироии иқтисодӣ шароити хеле муфид фароҳам меорад.

Аз ин рӯ, дар Русия лоиҳаҳои зиёде мавҷуданд, ки ба истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд. Онҳо ҳифзи муҳити зист, истеҳсоли энергияи сабз, ҳифзи захираҳои ҷангал ва дигар лоиҳаҳои соҳаи экологиро дар бар мегиранд.

Илова бар ин, мақомотҳои дахлдор барномаҳоеро пешниҳод мекунанд, ки ҷонибҳои манфиатдор ва ҷомеаро барои самараноктар ва оқилона истифода бурдани захираҳо таълим ва ҳавасманд мекунанд.

Дар Фармони Президенти Федератсияи Русия «Дар бораи стратегияи давлатии Федератсияи Русия оид ба ҳифзи муҳити зист ва рушди устувор» самтҳои асосии фаъолият оид ба таъмини рушди устувори аз ҷиҳати экологӣ бехатар номбар шудаанд.

Самтҳои асосии фаъолият аз инҳо иборатанд:

- тараққӣ додани агросаноатии экологӣ;
- истифодаи васеъи энергияи барқароршаванда;
- азхудкунии захираҳои нави табиӣ;
- истифодаи васеъи сарватҳои дуюмдараҷа, безарар гардондан ва нест кардани партовҳо.

Қайд кардан зарур аст, ки дар раванди истифодаи усулҳои иқтисодӣ дар идоракунии оқилонаи табиат ҳавасмандгардонии моддӣ нақши махсус мебозад. Усулҳои нақшавӣ-маъмурии идоракунии хоҷагии халқ, ки кайҳо боз ба кор бурда мешуданд, корхонаҳоро ба афзоиши экстенсивии истеҳсолоти саноат, истихроҷи маъдан, истифода бурдани заминҳои хоҷагии қишлоқ, ҷангал ва ғайра равона кардаанд [36].

Дар кишварҳои пасошуравӣ кишвари Қазоқистон низ аз ҷиҳати сарватҳои табиӣ хеле бой мебошад. Мувофиқи маълумоти олимон, Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои табиӣ дар ҷаҳон ҷойи 6-умро ишғол мекунад. Аз 110 элементи ҷадвали даврӣ 99-тоаш дар қаъри он муайян карда шуда, 70-тоаш таҳқиқ карда шуда, 60 элемент истихроҷ карда шуда

истодааст. Қазоқистон аз ҷиҳати истеҳсоли волфрам ҷойи якумро ишғол намуда, аз ҷиҳати захираи маъдани хром ва фосфор ҷойи 2-юм, сурбу молибден 4-ум ва аз рӯйи захираи умумии маъдани оҳан 8-умро ишғол мекунад.

Захираи кашфшудаи нафт дар Қазоқистон қариб 40 миллиард баррел ё 6,5 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Захираи пешбинишудаи нафт танҳо барои конҳои воқеъ дар бахши Қазоқистони баҳри Каспий беш аз 120 миллиард баррел ё 17 миллиард тоннаро ташкил медиҳад. Қазоқистон аз ҷиҳати захираҳои собитшудаи нафт дар ҷаҳон ҷойи 13-умро ишғол мекунад. Захираҳои калони ангишт, гази табиӣ ва уран мавҷуданд, 173 кони тилло кашф карда шудаанд. Захираи ангишт дар Қазоқистон 35,8 миллиард тонна (3,6% захираҳои ҷаҳониро) ташкил медиҳад. Аз рӯйи захира ва истихроҷи ангишт дар байни кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Қазоқистон баъд аз Русия ва Украина дар ҷойи 3-юм аст [33].

Дар истифодаи захираҳои табиӣ Қазоқистон таҷрибаи басо калон дошта, барои истифодаи оқилонаи он шароитҳои мусоидро фароҳам оварда истодааст. Қазоқистон Консепсияи гузариш ба рушди устувори Ҷумҳурии Қазоқистон барои солҳои 2007-2024-ро тасдиқ кард, ки ҳадафи он ноил шудан ба мувозинати ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва сиёсии рушди Ҷумҳурии Қазоқистон ҳамчун асоси беҳбуди вазъи рушди устувор мебошад.

Ҳамаи ин вазифаҳо дар Нақшаи чорабиниҳои миллии таҳияшуда оид ба ҳифзи муҳити зист барои рушди устувори Ҷумҳурии Қазоқистон инъикос ёфтаанд. Дар асоси Консепсияи рушди устувор дар Ҷумҳурии Қазоқистон Стратегияи дарозмуддати «Экология ва захираҳои табиӣ - 2030» таҳия шудааст.

Истифодаи устувори сарватҳои табиӣ дар Қазоқистон ба татбиқи усулҳои дурусти истифодабарии сарватҳои табиӣ, бо мақсади пешгирӣ кардани камшавии шадиди онҳо дар оянда, пешбинӣ шудааст. Ин

истифодаи захираҳо барои таъмини фоидаи иқтисодӣ дар муддати тӯлонӣ дар кишвар нигаронида шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки принсипҳо ва усулҳои асосии истифодабарии устувори сарватҳои табиӣ дар ин кишвар аз идораи самараноки сарватҳои табиӣ, мутобиқсозии онҳо ба талаботи ҷомеа ва таъмини дастрасии наслҳои оянда ба маҳсулоти хушсифат иборат мебошад.

Яке аз кишварҳои Осиёи Марказӣ, ки аз сарватҳои табиӣ хеле бой аст, Узбекистон мебошад. Мисли дигар кишварҳои пасошуравӣ Узбекистон тамоми фондҳои асосии куҳнаро мерос гирифт. Барои кишвари мазкур барқарор ва таъмини рушдиояндаи иқтисодиёт дар самти муносибатҳои муосири бозоргонӣ вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Дар самти истифодабарии сарватҳои табиӣ Узбекистон ҳамчун дорои захираҳои бойи табиӣ масъалаҳои истифодабарии самаранокро ба роҳ монда тавонист.

Дар тӯли солҳои истиқлол дар Узбекистон стратегияҳои таҳкими ҳифзи муҳити зист, ташкили системаҳои идоракунӣ, истифодаи захираҳои табиӣ ва таҳияи сиёсати ҳамаҷонибаи экологӣ таҳия карда шуданд. Базаи қонунгузорӣ хеле мустаҳкам гардид. Қариб 30 қонун ва зиёда аз 350 санади меъёрии ҳуқуқие, ки масъалаҳои ҳифзи табиат ва истифодаи оқилонаи захираҳои табииро танзим мекунанд, мавриди амал қарор дода шуданд [26].

Конститутсияи Ҷумҳурии Узбекистон, ки соли 1992 қабул шудааст, дар моддаи 50 уҳдадории шаҳрвандон оид ба эҳтиёткорӣ ба табиат бахшида шудааст. Дар моддаи 55 гуфта шудааст, ки замин, об ва сарватҳои зеризаминӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ сарвати умумихалқӣ мебошанд. Истифодаи оқилонаи онҳо аз тарафи тамоми ниҳодҳо ҳатмӣ эътироф гаштааст.

Инчунин, дар барномаҳои иқтисодии кишвар чораҳои зиёди истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ пешбинӣ шуааст.

Барномаҳои мухталифи иқтисодӣ маҷмуи тадбирҳо ва роҳҳои татбиқи онҳоро дар чор самти асосии зерин тавсиф мекунанд:

1. Ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ.

2. Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои идоракунии муҳити зист.

3. Такмили заминаи ҳуқуқӣ ва рушди илми экологӣ, маориф ва тарбияи экологии аҳолӣ.

4. Ҳамкории байналмилалӣ ва амнияти минтақавии экологӣ [26].

Истифодаи сарватҳои табиии Узбекистон барои рушди мамлакат аҳаммияти калон дорад. Он аз худ, истифода ва ҳифзи сарватҳои табииро барои ноил шудан ба устувории соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ ва устувории кишвар дар бар мегирад. Сарватҳои асосии табиии истифодашаванда нафт, газ, маъданҳо, захираҳои ҷангал ва монанди инҳо мебошанд. Ин захираҳо дар марҳалаҳои гуногуни тараққиёт истифода мешаванд ва барои тараққиёти мамлакат аҳаммияти калон доранд, ки дар навбати худ, ба иқтисодиёт ва рушди иҷтимоӣ таъсир мерасонанд.

Ҳавасмандгардонии идоракунии оқилонаи муҳити зист дар сатҳи байналмилалӣ низ амалӣ карда мешавад. Дар марҳалаи ҳозира ҳамкории байналхалқӣ (категорияҳои алоҳидаи онҳо, ҳамкории транссарҳадӣ ва сарҳадӣ) дар соҳаи идоракунии табиат ва ҳифзи муҳити зист ҳамчун блоки мустақили фаъоли сиёсати берунии давлатҳои пасошуравӣ, бахусус Русия ҳисоб карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар низоми фаъолияти хоҷагидории кишвару минтақа дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ нақши ташкилотҳои бонуфузи минтақавию байналмилалӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Чунин ташкилотҳо дар доираи барномаҳои рушд ба масъалаҳои истифодаи самаранок ва идораи оқилонаи сарватҳои табиӣ диққати махсус равона месозанд.

Масалан, Харитаи Созмони Ҳамкориҳои Шанхай, Барномаи ҳамкориҳои бисёрҷонибаи тиҷоративу иқтисодии СҲШ аз самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар доираи таъмини идоракунии оқилонаи муҳити зист, бахусус нигоҳ доштани пиряххо ва истифодаи самараноки захираҳои обӣ иборат мебошад.

Татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои махсуси экологии муштарак, инчунин, расонидани ёрии ҳамдигарӣ дар пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиию техногенӣ ва рафъи оқибатҳои онҳо талаботи замони муосир ба шумор меравад. Оқибатҳои фаъолияти иқтисодии кишварҳои иштирокчӣ, ки бо зарар ба муҳити табиӣ алоқаманданд, аксар вақт хусусияти фаромарзӣ доранд [36].

Истифодаи самараноки якҷояи бойгарии табиӣ дар шароити таҳкими равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ шарти зарурӣ ба шумор рафта, дар сурати ҳамкориҳои мутақобила фоидаи калонро ба вуҷуд меоранд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи муосири ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад, барои истифодабарии судманди сарватҳои табиӣ заминаҳои ҳуқуқиву иқтисодӣ муҳайё шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи муҳити зист” асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, кафолати ҳуқуқи инсон ба муҳити солим ва мусоид, таҳкими волоияти қонун, пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини бехатарии экологӣ нигаронида шудааст [13].

Бояд қайд кард, ки истифодаи захираҳои табиӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ манбаи муҳимми рушди иқтисодӣ мебошад. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ метавонанд ин захираҳоро барои баланд бардоштани иқтисодашон ва шукуфоии аҳолии худ истифода баранд. Бо вуҷуди ин, дар истифодаи ин захираҳо ба амалияҳои аз ҷиҳати экологӣ

масъулиятнок риоя кардан лозим аст, то ки нобудшавии онҳо пешгирӣ карда шавад.

Истифодаи сарватҳои табиӣ дар шароити номуайянии рушди иқтисодиёти ҷаҳон масъалаи муҳим аст ва метавонад боиси мушкилот ва тақсимоти захираҳо гардад. Кишварҳои сусттараққикарда, одатан, захираҳои табиии маҳдуд доранд ва дастгирии берунии ночиз доранд, аз ин рӯ, истифодаи онҳо бояд самаранок бошад, то рушди дарозмуддати чунин кишварҳоро дастгирӣ намояд.

Вобаста ба масъалаи мазкур, бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва танзими давлатии он яке аз самти муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвар ба шумор меравад.

Миқёси беканори истихроҷ ва истифодаи сарватҳои табиӣ, дар айни замон, боиси нигаронии одилонаи бисёре аз мутахассисон мегардад. Ба ақидаи коршиносон, захираи нафт дар ҷаҳон 82 миллиард тонна арзёбӣ мешавад. Бо истеъмоли муосир ин миқдор барои 30 сол кифоя хоҳад буд, ҳатто, дар сурати 5 баробар афзудани захираҳои исботшуда, бо дарназардошти он, он барои 50 сол кофӣ хоҳад буд. Платина, тилло, руҳ, сурб барин металлҳо имрӯз хеле кам шудаанд. Бо суръати кунунии истеъмоли металлҳои ранга, захираҳои нуқра, руҳ, уран дар ҳамин аср тамом шуда метавонанд ва то соли 2050 норасоии металлҳои дигар ба миён меояд [35].

Масалан, агар захираҳои энергетикиро иваз карда тавонем, пас, хок ивазнашаванда аст ва шарти зарурии мавҷудияти инсоният мебошад. Дар сайёраи мо заминҳои корамшуда ва барои кишт мувофиқ каме бештар аз 10% аз масоҳати умумии 148 миллион км$^2$ заминро ташкил медиҳанд. Таъсири доимии об, ҳарорати ҳаво, шамол ва дигар омилҳо барои мавҷудияти хок таҳдиди ҷиддӣ аст. Масалан, заминҳои ҳамаи қитъаҳои ҷаҳон ба эрозия дучор мешаванд. Дар ИМА зиёда аз 400 миллион гектар, дар Хитой - қариб 150 миллион гектар, дар қисми аврупоӣ қариб 50 миллион гектар ба эрозияи обӣ дучор гардидаанд.

Ҳаҷми умумии об дар укёнусҳо ва баҳрҳо аз ҳаҷми тамоми заминҳои аз сатҳи баҳр 10 маротиба зиёд аст. Бо вуҷуди ин, проблемаи бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ имрӯз ҳам тезутунд шудааст. Истеъмоли об ба ҳисоби миёна имрӯз барои ҳар як сокини Замин дар як сол каме камтар аз 1 миллион литрро ташкил медиҳад.

Заводҳо, фабрикаҳо, стансияҳои электрикӣ ба миқдори зиёд об сарф мекунанд. Имрӯзҳо об ба миқдори зиёд бо партовҳои гуногун, моддаҳои заҳролуд олуда шудааст. Укёнус ҳам ба ифлосшавӣ рӯ ба рӯ гаштааст. Ба гуфтаи олими фаронсавӣ Кусто, дар 20 соли охир ҳаёт дар зери об 40% коҳиш ёфтааст. Садҳо намуди моҳӣ ва дигар ҷонварони баҳри чуқур абадан мурдаанд [35].

Бинобар ин, роҳи беҳтарини истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои инсоният мақсаднок истифода бурдани онҳо дар саноат, хоҷагии қишлок, энергетика ва дигар соҳаҳо мебошад.

Ҳамин тариқ, аҳаммияти таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои Тоҷикистон хеле муҳим мебошад. Иштирок дар лоиҳаҳои байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ҳангоми азхудкунии захираҳои табиӣ ба технологияи инноватсионӣ дастрасӣ пайдо карда, маҳсулнокии қувваи кориро баланд бардорад. Ифтитоҳи бештари бозорҳои байналмилалӣ боиси афзоиши содироти маҳсулоти тайёр мешавад ва ба кишвар даромад меорад.

Корхонаҳои Тоҷикистон низ метавонанд аз истифодаи равандҳои хориҷӣ баҳра баранд, ки ба рақобатпазирии онҳо ва беҳтар шудани сифати молу хидматрасонӣ мусоидат мекунад.

Барои беҳбуд бахшидан ба истифодаи захираҳои табиӣ дар Тоҷикистон роҳҳои зиёде барои истифода аз таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ вуҷуд доранд. Илова бар ин, кишварҳо метавонанд тавассути таҳия ва тадқиқоти муштарак оид ба истифодаи захираҳои табиӣ дониш ва таҷрибаро мубодила кунанд.

Умуман, истифодаи таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар бобати истифода бурдани сарватҳои табиӣ дар Тоҷикистон барои ҷорӣ намудани роҳҳои самараноктар истифода бурдани сарватҳои табиӣ хеле муфид буда метавонад.

Барои беҳтар истифода бурдани сарватҳои табиӣ дар Тоҷикистон як қатор тадбирҳо андешидан лозим меоянд:

- арзёбии иқтидори табиии мавҷудбуда ва тартиби истифодабарии онҳо;

– сиёсати оптималии ҳифзи сарватҳои табииро пешниҳод намуда, барои пешгирии тамомшавӣ ё аз меъёр зиёд гузаштани онҳо чораҳо андешидан;

- қоидаҳои истифодаи захираҳои табииро барои пешгирӣ намудани таъсири зараровар ба муҳити зист муқаррар ва танзим кардан;

- таъмини воситаҳои молиявӣ барои идоракунии мутобиқсозии захираҳои табиӣ;

- эҷоди роҳҳои алтернативии истифодабарии захираҳои табиӣ ва монанди инҳо.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ИСТИФОДАБАРӢ ВА АРЗЁБИИ ИҚТИСОДИИ ИҚТИДОРИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Арзёбии иқтисодии иқтидори сарватҳои табиӣ дар минтақа

Сарватҳои табиии минтақа дар иқтисодиёти кишвар нақши басо муҳим доранд. Тавре ки маълум аст, ба захираҳои табиӣ ҷангалҳо, маъданҳо, об, замин ва олами ҳайвонот ва ғайра дохил мешаванд. Минтақаҳое, ки аз захираҳои табиӣ бой мебошанд, нисбат ба дигарон бартарии муқоисавӣ доранд, зеро онҳо метавонанд ин захираҳоро барои рушди иқтисодӣ истифода баранд.

Истифодаи захираҳои табиӣ ба рушди иқтисодӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дорад. Таъсири манфии онҳо дар он ифода меёбад, ки онҳо метавонанд дар суръати истифодаи ғайриоқилона ба муҳити зист таъсир расонанд. Бинобар ин, истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ бисёр масъалаи нозук буда, идоракунии раванди мазкур бояд ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бойигарии кишвар, махсусан сарватҳои табиӣ, барои воридоти маблағи иловагӣ ва таъмини ҳаёти арзанда барои шаҳрвандон сарчашмаи махсус таъкид мегарданд.

Онҳо дар рушди инфрасохтор ва таъсиси ҷойҳои корӣ барои аҳолӣ заминаи устувор мегузоранд. Сарватҳои табиӣ, инчунин, дар беҳтар намудани ҳолати инфрасохториву иқтисодии минтақаҳои кишвар мусоидат мекунанд.

**Ҷадвали 2.1. - Иқтидори маъданҳои фоиданоки Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Сарватҳои табиӣ | Иқтидори захираҳо |
|---|---|
| **Тилло** | Дар кишвар зиёда аз 150 объекти тиллои маъдан муайян карда шудааст, ки аксарияти онҳо суст тадқиқ карда шудаанд. Ҳоло дар ҳудуди ҷумҳурӣ 40 кони тилло маълум аст, ки ҳаҷми умумии онҳо ҳудуди 500 тоннаро ташкил медиҳад. |
| **Нуқра** | Дар як сол то 600 ҳазор тонна маъдани кони Конимансур коркард шуда метавонад. Бо фоидаи солонаи 50 тонна нуқра, захираи Конимансури Калон то 150 сол боқӣ мемонад. |
| **Сурб ва руҳ** (свинец и цинк) | Зиёда аз 90 фоизи захираи кашфшудаи ин металлҳо дар мавзеи маъдани Қарамазор ҷамъ шудааст. Танҳо дар конҳои маъдани Конимансур ва Олтинтопкан зиёда аз як миллиард тонна маъдани сурб-руҳ кашф карда шудааст. |
| **Сурма** | Тоҷикистон аз рӯйи захираҳои собитшудаи сурма дар Осиё дар ҷойи сеюм (пас аз Чин ва Таиланд) ва дар байни кишварҳои ИДМ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Захираи умумии сурмаи саноатӣ ва ғайрисаноатӣ 265 ҳазор тонна ва тилло 50 тоннаро ташкил медиҳад. Ин рақамхо дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯи геологӣ хеле зиёд шуда метавонанд. |
| **Қалъагӣ** (олово) | Қалъагӣ яке аз металлҳои асосии Тоҷикистони Марказӣ ва Помири Ҷанубӣ мебошад. Муҳимтарин кони ин ашёи хом Мушкистон аст, ки дар водии Зарафшон, дар наздикии корхонаи истихроҷи тилло, ки қаблан кашф шуда буд, воқеъ аст. |
| **Волфрам** | Дар ин ҷо 19 маъдани саноатии дарозиаш 50—425м ва ғафсиаш 2—22м ёфт шудаанд. Миқдори миёнаи триоксиди волфрам 0,91% мебошад. |
| **Оҳан** | Дар баланси давлатии ин кон захираи маъданҳои магнетит ба маблағи зиёда аз 100 миллион тонна пешбинӣ карда шудааст. Пешомади то чандсад миллион тонна зиёд шудани захираи маъдани оҳан мавҷуд аст. Маҳсули миёнаи оҳан дар маъданҳо қариб ба 40 фоиз мерасад. |
| **Алюминий** | Кони сиенитҳои нефелинии Турпи бо захираи зиёда аз 300 миллион тонна маъдан, ки дар 350 километр аз заводи алюминии амалкунанда воқеъ аст, тадқиқ карда шуд. |
| **Стронсий** | Дар вилояти Хатлон 4 кони металли нодири стронсий кашф карда шудааст. Захираи умумии маъданҳои дорои стронсий дар конҳои Чалтош, Даудир, Чилкутан имконият медиҳад, ки дар ин ҷо дар як сол 180 ҳазор тонна маъдан истихроҷ карда, корхонаи калони маъдани кӯҳӣ барпо карда шавад. |
| **Ангишт** | Истихроҷи ангишт дар миқёси саноатӣ асосан дар ду кон (Шурообод ва Яғноб) сурат гирифта, соле ба 1,5 миллион тонна расид. Захираи умумии геологии муқарраршудаи ангишт дар ин марҳилаи кофтуков ба маблаги 212 миллион тонна муайян карда шудааст. |

*идомаи ҷадвали 2.1.*

| | |
|---|---|
| **Намаки санг** | Ғафсии намаки сангини Хоҷа Муъмин дар дохили кон аз 58 то 249 метрро ташкил медиҳад. Дар кон ҳудуди 160 чашмае, ки аз сутуни намаки сангӣ ҷорӣ мешавад, ба қайд гирифта шудааст. |
| **Фосфоритҳо** | Дар маҷмуъ, тақрибан 30 кон ва зуҳуроти фосфоритҳо ба дараҷаҳои гуногун муайян ва омӯхта шудаанд. Меъёри миёнаи P2O5 -5%, дарозии қабатҳо 22 км, ғафсии миёна 6,3 м мебошад. Тавозуни он ба назар гирифта шудааст, ки 22 миллион тонна маъдан ва захираҳои пешбинишуда 60 миллион тоннаро ташкил мекунад. |
| **Маводи сохтмонӣ** | То 140 кони масолеҳи бинокорӣ мавҷуд аст, ки 40-тоаш аз худ карда шудааст. Дар аксарияти конҳои азхудшаванда ба корхонаҳои истихроҷкунанда захираҳои кофтуковшуда барои 20-50 сол ва бештар аз он дода шудааст. |

**Сарчашма:** [22]

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми корҳоро оид ба иктишоф ва истифодаи оқилонаи бойигарии кишварро идома медиҳад. Барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ онҳо сарчашмаи иловагӣ маҳсуб ёфта, дар рушди минбаъдаи кишвар нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Яке аз минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бойигарии табиӣ дорад, вилояти Хатлон мебошад. Вилояти Хатлон дар қисмати ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир шудааст. Минтақаи мазкур дар кишвар бо ВМКБ ва инчунин бо Узбекистон ва Афғонистон сарҳад дорад. Марказаш - шаҳри Бохтар, аз шаҳри Душанбе 97 километр дуртар воқеъ гардидааст. Масоҳати вилоят 24,6 ҳаз. км мураббаъро ишғол менамояд. Дар қаламрави Тоҷикистон бошад, 17%-и кишварро ташкил менамояд.

Аз ҳудуди вилоят дарёҳои Панҷ, Вахш, Кофарниҳон, Қизилсу мегузаранд. Якчанд обанбор, аз қабили Муъминобод, Селбур дар совхози ба номи Маҳмадалиеви ниҳияи Восеъ ва ғайра мавҷуд мебошанд. Дар ҳудуди вилояти Хатлон 6 шаҳр – Бохтар, Норак, Кӯлоб, Сарбанд, Данғара ва Панҷ мавҷуд аст. Вилоят ба 21 ноҳияи маъмурӣ тақсим шудааст. Маркази вилоят — шаҳри Бохтар мебошад.

Рушди устувори иқтисодиёти вилоят ва фаъолияти муътадили он, пеш аз ҳама, ба истифодаи самаранок ва окилонаи неруи табиии он

вобаста мебошад. Дар навбати худ, истифодаи самаранок ва оқилонаи иқтидори захираҳои табиии минтақаҳо аз самаранокии сармоягузорӣ дар рушд ва ба ҳамвории муносибатҳои истеҳсолӣ интиқол додани онҳо вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки захираҳои табиӣ ба рушди кишоварзию саноат метавонад таъсири мусбӣ расонад. Таъсири захираҳои табиии истифодашаванда дар сохтори (тахассусии) истеҳсолот, инчунин тавассути ҷалби сармоя зоҳир мегардад [175, с. 65].

**Ҷадвали 2.2. - Тавсифи иқтидори иқтисодии минтақаи Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраҳои 2013-2023**

| **Нишондиҳандаҳо** | **2013** | **2015** | **2018** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Сарҳад, ҳазор км2 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 | 24,6 |
| Аҳолӣ, ҳазор нафар | 2898,6 | 3047,8 | 3274,9 | 3425,0 | 3530,0 | 3611,2 | 3697,7 |
| Зичии аҳолӣ, ҳазор нафар | 115,1 | 117,8 | 120,8 | 123,9 | 142,9 | 146,2 | 149,7 |
| Миқдори шаҳрҳо | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 | 4 |
| Ноҳияҳои минтақа/ҷамоатҳо | 24/133 | 24/133 | 24/133 | 24/133 | 24/133 | 24/133 | 24/133 |
| Корхонаҳои саноатӣ | 446 | 565 | 619 | 537 | 640 | 719 | 822 |

**Сарчашма:** [5, с. 9].

Бояд қайд кард, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиии Хатлон барои соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ - аз қабили саноати сабук, соҳаи хоҷагии қишлоқ, инфрасохтори нақлиётӣ заминаи устувор мегузорад.

Иқтисодиёти вилоятро саноати сабук ташкил медиҳад. Дар ин ҷо истеҳсоли пахтатозакунӣ ва чармдӯзӣ тараққӣ мекунад. Саноати хӯрокворӣ, саноати равған, гӯшт, ордбарорӣ ва консервбарориро дар бар мегирад. Истеҳсоли кимиё дар қаламрави заводи нуриҳои азотии Вахш сурат мегирад. Истеҳсолоти электротехникӣ ва коркарди металл низ дар ин ҷо мавҷуд аст. Дар ҳудуди вилояти Хатлон конҳои газ, нафт

ва намаки сангӣ низ мавҷуданд. Дар дарёи Вахш каскади стансияҳои электрикии обӣ сохта шудаст [166, с. 71].

Тавре маълум аст, самаранокии тамоми фаъолият аз руйи гирифтани фоида бидуни хароҷот муайян мегардад. Самаранокии иқтисодии истифодабарии захираҳои табиии вилояти Хатлонро низ ба таври зерин арзёбӣ кардан мумкин мебошад.

**Ҷадвали 2.3. - Самаранокии иқтисодии истифодаи захираҳои табиӣ** бо %

| Категория и захираҳо | Даромад аз истифода | Хароҷот барои истихроҷ/коркард | Фоидаи соф | Коэффитсиенти рентабелӣ | Соҳаҳои асосии истифода |
|---|---|---|---|---|---|
| Об | 100% | 40% | 60% | 150% | Кишоварзӣ, гидроэнергетика |
| Замин | 100% | 50% | 50% | 100% | Парвариши пахта, сабзавот, меваҳо |
| Захираҳои минералӣ | 100% | 60% | 40% | 66,7% | Истихроҷи ангишт, мармар, оҳаксанг |
| Захираҳои сайёҳӣ | 100% | 40% | 60% | 150% | Экотуризм, сайёҳии фарҳангӣ |

**Сарчашма:** [28].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон аз ҳама даромаднок захираҳои обӣ ба шумор мераванд, ки коэффитсиенти он ба 150% баробар мегардад. Захираҳои обӣ, пеш аз ҳама, барои рушди соҳаи кишоварзӣ ва гидроэнергетика истифода бурда шуда, аз ин сабаб, умуман, дар кишвар даромаднок арзёбӣ мегардад. Самаранокии он, инчунин, аз ҳисоби хароҷоти кам ифода мегардад.

Ҳамчунин, захираҳои замин дар минтақаи Хатлон барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ нақши муҳимро иҷро менамояд. Онҳо фоиданокиро то 100% таъмин мекунанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки назар ба истифодабарии захираҳои обӣ дар ин ҷо хароҷот бисёртар мушоҳида мегардад.

Самтҳои асосии истифодабарии захираҳои табиӣ дар парвариши маҳсулоти кишоварзӣ аз қабили пахта, меваҷот ва сабзавот мушоҳида мешавад.

Баланд бардоштани самаранокии истифодаи об ба таври ногусастанӣ бо рушди устувори кишоварзӣ, масоили истеҳсоли озуқаворӣ, рушди иқтисодӣ, инфрасохтор ва индустриализатсия, рушди шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, ҳамчунин, истеъмоли озуқаворӣ алоқаманд аст [87, с. 79].

Албатта, баланд бардоштани самаранокии истифодабарии захираҳои обӣ дар минтақа нақши муҳимро иҷро мекунад. Масалан, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳосилнокиро баланд менамояд. Дар ин ҷо, инчунин, сухан дар бораи истифодаи самараноки на фақат захираҳои обӣ ва замин, балки барои ҳифзи онҳо низ меравад.

Дар соҳаи саноат бошад, истифодаи оқилонаи захираҳои об ифлосшавии муҳитро пешгирӣ менамояд ва барои дар сатҳи баланд нигоҳ доштани ҳолати экосистема мусоидат мекунад. Инчунин воридоти технологияи пешқадам дар раванди идоракунии самараноки захираҳои обӣ ҳамчун самти муосири ҳалли масъалаҳои нав ба шумор рафта, ба муаммоҳои баррасишаванда низ таъсири мусбӣ мерасонад. Дар чунин ҳолат сарфакории захираҳои обӣ низ таъмин гашта, барои рушди устувори экологӣ дарояндаи дароз кумак менамояд.

Дар баробари ин, захираҳои минералӣ низ дар минтақаи Хатлон барои истифодабарии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ нақши муҳим доранд. Бояд қайд кард, ки дар ҳолати кунунӣ сарватҳои табиӣ, бахусус захираҳои минералӣ, ба таври пурра кашф нашудаанд ва аз ин лиҳоз, барои рушди устувор ҳоло замина гузоштан наметавонанд.

Истифодаи чунин захираҳои минералӣ имрӯз ба монанди истихроҷи ангишт, мармар, оҳаксанг ба роҳ монда шудааст, ки

мувофиқи таҳлилҳо, фоиданокии камтарро меоранд, ки 66,7%-ро ташкил менамояд. Сабаби асосии паст будани даромаднокии ин намуди сарватҳо ба хароҷоти калон барои истихроҷ 60% ва бо фоиданокии 40% рабт дорад.

Яке аз сатҳҳои асосии рушди фаъолияти хоҷагидорӣ дар шароити кунунӣ соҳаи сайёҳӣ ба шумор меравад ва дар вилояти Хатлон захираҳои калони сайёҳӣ мавҷуд мебошанд. Захираҳои сайёҳӣ мувофиқи таҳлилҳо низ даромаднокии калонро нишон медиҳанд, ки коэффитсиенти рентабелии он ба 150% баробар мебошад. Сабаби асосии он аз хароҷоти пасти соҳа вобастагӣ дорад. Дар ин ҷо сухан дар бораи экотуризм ва сайёҳии фарҳангӣ низ меравад, ки дар солҳои охир барои сайёҳон хеле ҷолиб мебошад.

Ҳамин тариқ, дар вилояти Хатлон аз ҳама самаранок истифодаи захираҳои обӣ ва сайёҳӣ ба шумор меравад, ки даромаднокии онҳо аз рӯйи коэффитсиенти рентабелӣ аз ҳама зиёд мебошад. Захираҳои заминӣ бошанд, даромаднокии миёна мебошад. Инчунин, сарватҳои минералӣ бошанд, дар айни ҳол, бинобар сабаби хароҷоти баланди коркард ва истихроҷи онҳо аз дигар сарватҳо самаранокиаш пасттар мушоҳида мешавад.

Қайд кардан муҳим аст, ки дар иқтисодиёти минтақа бахши саноат нақши ҳалкунанда дорад. Рушди соҳа на танҳо ба афзоиши ҷойҳои корӣ мусоидат мекунад, балки боиси рушди умумии иқтисодии минтақа мегардад. Саноат бо роҳи ба даст овардани даромад тавассути содирот ва фурӯши дохилӣ манбаи устувори даромади минтақаро фароҳам меорад. Мавҷудияти соҳаҳо, инчунин, соҳибкорон ва сармоягузориро дар минтақа ҷалб мекунад, ки боиси афзоиши талабот ба қувваи корӣ, хизматрасонӣ ва мол мегардад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, бояд қайд кард, ки рушди кишоварзӣ, саноат, инчунин саноати сабук, метавонад дар тақвияти

бозори меҳнат ва таъмини рақобатпазирии маҳсулоти дохилӣ саҳми калонро гузорад. Дар бораи рушди кишоварзӣ сухан ронда, қайд кардан муҳим аст, ки зироаткории обиро низ такмил додан зарур меояд.

Умуман, дар вилояти Хатлон зироаткории обӣ рушд ёфта истодааст. Низоми обёрии мавҷуда аз оби дарёи Вахш, инчунин дигар каналҳо истифода мебарад. Дар ин минтақаҳо пахтаи маҳиннах барин зироатҳо, аз ғалладона гандум, ҷав, ҷуворимакка, инчунин сабзавот, картошка, хӯроки чорво истеҳсол карда мешаванд.

Дар вилоят мевапарварӣ хеле тараққӣ карда, ситруспарварӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Инчунин, токзорҳо мавҷуданд, ки як қисми плантатсияҳои геран ва найшакарро ишғол кардаанд [87, с. 79].

Чорводорӣ дар вилоят низ рушдёфта ба ҳисоб рафта, гӯсфандпарварӣ, гов, буз ва чорвои ширдеҳ тамоюли зиёдшавиро ба даст овардааст. Инчунин, парвариши кирмак низ дар минтақа ба роҳ монда шудааст.

Аҳаммияти хоҷагии қишлоқ дар иқтисодиёти вилоят аз он иборат аст, ки вай барои тараққиёти як қатор соҳаҳои иқтисодиёт асос шуда метавонад. Хоҷагии қишлоқ аҳолии минтақаро бо ғизои хушсифату арзон таъмин намуда, барои кишвар яке аз манбаъҳои содирот ба шумор меравад. Илова бар ин, дар соҳаи кишоварзӣ ҷойҳои корӣ таъсис ёфта, ба рушди соҳибкории хурд дар коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, омили муайянкунандаи тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунандаи вилояти Хатлон соҳаи энергетика мебошад, ки дар асоси он рушди соҳаҳои асосии иқтисодиёти минтақаро муайян кардан мумкин аст. Ҷалби сарватҳои зеризаминӣ дар муомилоти иқтисодӣ (аз қабили кони намаки Хоҷа Муъмин, газу нафти "Бештентак" ва захираҳои замин имкониятҳои минтақаро боз ҳам васеъ мегардонад [110, с. 59].

Бо иртибот ба мавзуи тадқиқот, бояд қайд кард, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои калонтарин ва пешрафтаи кишвар бо иқтидори бузурги инфрасохторӣ ва бахшҳои агросаноатӣ эътироф шудааст. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ ҳам дар таҳкими бозори дохилӣ ва инчунин барои тавсеаи имкониятҳои содиротӣ мусоидаткунанда мебошад. Бояд дуруст дарк кард, ки аз тарафи мақомоти маҳаллӣ барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум тамоми шароитҳо ва тадбирҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст.

Бояд таъкид кард, ки барои таъмини рушди иқтисодиёти минтақа дар вилоят захираҳои калони табиӣ мавҷуд мебошад. Дар сурати оқилонаи истифодабарӣ ва идораи самараноки онҳо таъмини дастрасии одилона ва ғанӣ гардонидани бозори дохилӣ имконпазир мегардад.

Аз нуқтаи назари мавзуи тадқиқот, қайд кардан зарур аст, ки соҳаи кишоварзӣ, инчунин, бо истифодабарии сарватҳои табиӣ алоқамандии бевосита дорад. Бояд қайд кард, ки сарватҳои табиӣ аз қабили замин, захираҳои обӣ, энергияи шамолию офтобӣ ва монанди инҳо барои рушди босуботи соҳаи кишоварзӣ шарти муҳим арзёбӣ мегарданд. Аз ин лиҳоз, соҳаи кишоварзӣ дар заминаи истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ метавонад маҳсулоти хушсифатро истеҳсол намуда, рақобатпазирии соҳаро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, қайд кардан бамаврид аст, ки захираҳои заминиву обӣ, сарватҳои иқлимӣ ва биологӣ ба категорияҳое дохил мешаванд, ки дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун сарватҳои табиӣ истифода бурда мешаванд. Бинобар ин, соҳаи кишоварзӣ ҳамчун самт ё фаъолияте эътироф мешавад, ки дар асоси истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ рушд мекунад.

Истеҳсоли маҳсулоти умумии кишоварзии вилояти Хатлон низ аз истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ вобастагии калон дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар заминаи истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ҳамасола истеҳсоли маҳсулоти соҳаи мазкур дар вилояти Хатлон афзоиш ёфта истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бисёртар дар хоҷагиҳои деҳқонӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ мушоҳида мегардад. Бояд қайд кард, ки дар низоми агросаноатии вилоят, инчунин, хоҷагиҳои ҷамъиятӣ фаъолият доранд, ки нисбати дигар категорияҳои хоҷагидорӣ саҳми онҳо камтар ба назар расида, дар соли 2022 ҳамагӣ 5,4%-ро ташкил намудааст.

Вобаста ба масъалаи мазкур ва бо иртибот ба мавзуи тадқиқот, дар асоси истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ самаранокии онро мавриди баррасӣ қарор додан қобили қабул донистан саривақтӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки дар низоми агросаноатии вилоят ва умуман кишвар растанипарварӣ аз самти муҳимтарин ба шумор рафта, баланд бардоштани маҳсулнокии он шарти муҳимми таъмини амнияти озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

**Ҷадвали 2.4. - Динамикаи ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар вилояти Хатлон (с/га)**

| Маҳсулот | Солҳо | | | | | | | | бо % нисбати соли 2005 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2005 | 2010 | 2015 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | |
| Зироатҳои ғалладона, лӯбиёӣ | 20,2 | 28,1 | 33,9 | 35,9 | 36,6 | 37,4 | 38,1 | 33,3 | 1,6 мар. |
| Пахта | 13,6 | 20,1 | 16,7 | 21,9 | 22,3 | 22,3 | 22,5 | 19,7 | 1,4 мар. |
| Картошка | 170,5 | 226,3 | 207,6 | 174,9 | 172,0 | 175,1 | 175,6 | 177,0 | 1,3 мар. |
| Сабзавот | 170,8 | 205,2 | 249,9 | 280,0 | 288,6 | 297,2 | 304,0 | 329,0 | 1,9 мар. |
| Полезиҳо | 156,4 | 238,0 | 269,6 | 284,0 | 289,1 | 305,7 | 315,1 | 332,9 | 2,1 мар. |
| Мева | 39,5 | 54,1 | 65,6 | 74,5 | 74,5 | 78,4 | 82,5 | 90,3 | 2,2 мар. |
| Ангур | 34,1 | 51,0 | 78,9 | 91,7 | 92,5 | 94,1 | 103,8 | 76,6 | 2,2 мар. |

**Сарчашма:** [6, с. 218].

Дар ҷадвал ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ нишон дода шудааст, ки ба воситаи он самаранокии истифодабарии зироатҳо муайян карда мешавад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳосилнокии зироатҳо дар вилояти Хатлон дар солҳои охир тамоюли баландшавиро нишон дода, барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии минтақа заминаи устувор мегузорад.

Бояд қайд кард, ки гузариши кишоварзӣ ба усулҳои саноатӣ имкон дод, ки ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ чанд маротиба афзоиш ёбад, боиси афзоиши назарраси истеҳсоли меҳнати кишоварзӣ гашта, меҳнати ҷисмонии деҳқононро кам кард [119, с. 109].

Дар ҳақиқат, гузариш ба равандҳои саноатикунонӣ дар фаъолияти хоҷагидории кишвар тағйироти гуногунро ба вуҷуд овард. Пеш аз ҳама, ин тағйирот дар соҳаи кишоварзӣ мушоҳида шудаанд. Истифодаи технологияи муосир барои баланд гаштани ҳосилнокии маҳсулот дар кишоварзӣ кумак намуда, афзоиши маҳсулотро зиёд намуд.

Автоматикунонии фаъолият бори кормандони соҳаи мазкурро паст намуда, маҳсулнокии меҳнатро баланд кард. Бинобар ин, соҳаи мазкур бозоргир гашта, имкониятҳояшон боз ҳам васеъ гаштаанд.

Дар шароити автоматикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ боз ҳам хубтар ба роҳ монда мешаванд. Имруз тавре маълум аст, баландбардории маҳсулнокии меҳнат маҳз бо автоматикунонӣ ва инноватсия алоқамандӣ дорад. Ворид намудани тадбирҳои нав ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт имкониятҳои нави бозистеҳсолро ба вуҷуд меорад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, инчунин, қайд кардан зарур аст, ки шароити иқлим аз қабили таъсири обу ҳаво ба хоҷагии қишлоқ таъсири бевосита мерасонад. Боришот дар минтақаҳои кишвар дар баъзе маврид ё аз меъёри иқлимӣ кам ё зиёд мегардад. Дар вилояти Хатлон,

мувофиқи таҳлилҳо, аз 32% то 214% боришоти миёна мушоҳида мешавад ва фақат дар баъзе минтақаҳои вилоят аз меъёр кам мегардад.

**Ҷадвали 2.5. - Ҳолати обанборҳо дар аввали соли 2023**

| Обанборҳо | Тағйирот дар тӯли як моҳ млн м$^3$ | Ҳаҷми об дар соли 2022 | | Ҳаҷми об дар соли 2021 | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | млн м$^3$ | Бо фоиз нисбат ба ғунҷоиш | млн м$^3$ | Бо фоиз нисбат ба ғунҷоиш |
| Қайроққум | 402 | 3414 | 74,1 | 3325 | 73,9 |
| **Норак** | **874** | **8759** | **86,1** | **6624** | **63,1** |

**Сарчашма:** [171, с. 108].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли як моҳ дар обанбори Қайроққум ҳаҷми об 402 млн м$^3$ зиёд гашта, ҳолати он муътадил арзёбӣ мегардад. Дар обанбори Норак бошад, ин нишондиҳанда дар як моҳ 874 млн м$^3$ зиёд гашта, тамоюли баландшавиро нишон медиҳад. Сабаби асосии афзоиши ҳаҷми об, пеш аз ҳама, ба беҳтарсозии таъминоти об ва истифодаи сараноки он алоқамандӣ дорад.

Бояд қайд кард, ки ҳар ду обанбор динамикаи муътадилро дар солҳои охир нишон дода, истифодаи оқилона ва самараноки идораи он барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ заминаи калон мегузорад. Дар ин ҷо, инчунин, сухан дар бораи шароити мусоиди иқлимӣ ва амалисозии тадбирҳои беҳтарсозии идоракунии захираҳои обӣ дар кишвар меравад. Умуман, ҳаҷми об мувофиқи таҳлилҳо зиёда аз 70%-ро аз ҳаҷми ғунҷоиш ташкил намуда, сатҳи таъмини устуворнокии он муътадил арзёбӣ мегардад.

Азбаски қисми зиёди захираҳои табиӣ ва равандҳои табиӣ бо иштироки мустақими об зич алоқаманданд ва рух медиҳанд, нақши захираҳои обӣ дар меъмории таъмини амнияти минтақавӣ ва ҷаҳонӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад [120, с. 103].

Дар ҳақиқат, захираҳои обӣ дар таъмини бехатарии минтақа таъсир мерасонад. Истифодабарии оқилонаи онҳо ба экология ва иқтисодиёт ва инчунин устуворнокии фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир мерасонад. Истифодаи ғайрисамараноки онҳо бошад, пеш аз ҳама, ба сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ зарар мерасонад. Бинобар ин, масъалаҳои оқилонаи идоракунии захираҳои обӣ дар таъмини рушди устуворнокӣ ва беҳтарсозии равандҳои ҳамгирой саҳми калони рӯзмарра боқӣ мемонад.

Аз нуқтаи назари мавзуи тадқиқот, бояд қайд кард, ки таҳлили тамоми захираҳои табиӣ, дар маҷмуъ, иқтидори вилоятро муайян намуда, имконияти рушди минбаъдаи онро дар фаъолияти хоҷагидорӣ дар раванди ба даст овардан фароҳам меорад.

Иқтидори умумии захираҳои минтақаро ба таври зерин метавон муаррифӣ кард.




**Расми 2.1. Иқтидори захиравии минтақа**

**Сарчашма:** [126, с. 137].

Иқтидори табиӣ, ки сарчашмаи асосии баланд бардоштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ба ҳисоб меравад, масъалаи мубрами сиёсати иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Иқтидори табиии минтақа ба захираҳои хос, ландшафтҳо ва муҳитҳои мавҷуда дахл дорад ва дар сурати самаранок истифода бурдани онҳо метавонанд ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат кунанд.

Арзёбии иқтидори табиии минтақа барои таҳияи стратегияҳои устувори истифодаи захираҳои он ва баҳисобгирии ҳифзи мувозинати экологии он муҳим мебошад. Он банақшагирии дақиқ, идоракунӣ ва ҳифзи захираҳои табииро, аз қабили ҷангалҳо, маъданҳо, об ва олами ҳайвонотро дар бар мегирад. Ғайр аз он, иқтидори табиии минтақа ба бартарии муқоисавии он дар бозор, сайёҳӣ ва тиҷорати байналмилалӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, сиёсатмандон ва иқтисоддонон ҳангоми таҳияи сиёсати иқтисодӣ ва нақшаҳои рушд барои таъмини рушди одилона ва рушди устувор бояд иқтидори табиии минтақаро ба назар гиранд. Дар маҷмуъ, истифодаи оқилонаи иқтидори табиии минтақа роҳро барои пешбурди некуаҳволии он ва ноил шудан ба рушди устувор боз мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳангоми арзёбии иқтидори табиӣ дастрасӣ ба сарватҳо, натиҷаҳои экологӣ, самаранокии иқтисодиву дигар омилҳоро ба назар гирифтан лозим меояд. Инчунин, имкониятҳои технологӣ низ дар ин ҷо аҳаммияти калон доранд. Дар ин ҷо сухан дар бораи истифодаи технологияи муосир дар истихроҷ ва дастрас намудани захираҳо меравад.

Бояд қайд кард, ки низоми рушдёфтаи нақлиёт, технология барои дастрасии самараноки захираҳо дар коркард ва интиқоли онҳо омили муҳим арзёбӣ мегардад.

Иқтидори иқтисодии вилоятро метавон ҳамчун қобилияти умумии иқтисодиёти минтақа барои таъмини рушди мутаносиби истеҳсолот ва истеъмол дар шароити кунунӣ истифода бурд [126, с. 128].

**Ҷадвали 2.6. – Арзёбии иқтисодӣ ва таҳлили истифодабарии захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон**

| Сарватҳо | Захира | Истифодабарӣ | Самаранокии истифодабарӣ |
|---|---|---|---|
| Намак (Кони намак) | 45 миллиард тонна | Дар саноати хӯрокворӣ ва кимиёӣ | Миёна |
| Нафту газ (Бештентак) | 2,7 миллион тонна | Барои истеъмоли дохилӣ ва содирот | Миёна |
| Захираҳои нафт | 63% аз тамоми захираҳои кишвар | Канданиҳои фоиданок истихроҷ мешаванд, аммо аз технологияҳо вобаста аст | Миёна |
| Ангишт (Шурообод) | 638 миллион тонна | Дар соҳаи энергетика ва саноат | Миёна |
| Сангҳои оҳак (Пӯстхӯр) | То 300 сол мерасад | Дар сохтмон ва истеҳсоли семент | Баланд |
| Оби маъданӣ | 993 $м^3$ дар як шабонарӯз | Барои нӯшидан ва табобат истифода мешавад | Миёна |
| Захираҳои намак барои саноат | 2,6 миллиард тонна | Дар соҳаҳои кимиё ва ғизо | Миёна |
| Захираҳои обии дарёҳои хурд | 49 миллиард кВт·соат | Қисман барои НБО ва кишоварзӣ истифода мешавад | Миёна |
| Захираҳои обии дарёи Вахш | 43% тамоми гидроэнергетикаи кишвар | Барои НБО истифода мешавад, вале имконияти зиёдшавӣ вуҷуд дорад | Миёна |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 53% аз тамоми кишвар | Барои таъмини амнияти озуқаворӣ истифода мешавад | Баланд |
| Зироатҳои ғалладона | 54% аз тамоми кишвар | Барои истеъмоли дохилӣ истифода мешавад | Баланд |
| Зироатҳои пахта | 63% аз тамоми кишвар | Барои содирот ва коркарди дохилӣ | Баланд |

**Сарчашма:** [42]

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ аз омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, аз ҷорӣ намудани инноватсия ва технологияи муосир барои коркарди захираҳои табиӣ, сармоягузории инфрасохтори минтақа ва инчунин, маблағгузорӣ аз сарчашмаҳои гуногун вобастагии калон дорад. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки вобаста ба сатҳи истифодабарӣ истихроҷ ва коркарди захираҳои табииро афзоиш додан мумкин мебошад.

Тибқи маълумоти дар ҷадвал овардашуда, вилояти Хатлон дорои захираҳои табиии фаровон мебошад, ки қодиранд ҳамчун пояи боэътимод барои рушди устувори минтақа ва тақвияти равандҳои истеҳсолӣ дар миқёси кишвар хизмат намоянд.

Дар ҳудуди вилояти Хатлон захираҳои муҳимми канданиҳои фоиданок, аз ҷумла нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намак ва сангӣ, гаҷ, қуму шағал, оҳаксанг, доломит, стронсий ва дигар маъданҳо муайян гардидаанд. Аз ҷумла, дар минтақаи Балҷувон яке аз калонтарин конҳои нафту газ — кони Бештентак ҷойгир шудааст, ки захираи он ба 2,7 миллион тонна нафт ва 2,5 миллиард метри мукааб газ мерасад.

Дар қисми ҷануби ғарбии қаторкӯҳҳои Дарвоз гурӯҳи конҳои ангишти Шурообод - Ровнус мавҷуд аст, ки захираи онҳо 638 миллион тонна мебошад. Дар мавзеъҳои Шугнов ва Ёхсуи ноҳияи Ховалинг конҳои тиллои аълосифат истифода бурда мешаванд. Дар заминаи кони стронсий, дар мавзеи Чолтоши ноҳияи Восеъ, бунёди корхонаи коркарди маъдан дар назар аст [2, с. 6].

Бояд қайд кард, ки конҳои номбурда дар сурати истифодаи самаранок ва идораи оқилона метавонанд дар оянда барои ғанӣ гардонидани буҷети минтақа ҳамчун сарчашмаи иловагӣ хизмат намоянд.

Дар баробари ин, дигар конҳои маъданӣ низ дар минтақа вуҷуд доранд, ки барои рушди дигар соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми хешро гузоранд. Масалан, мувофиқи таҳлилҳо, захираи намак дар кони Тутбулок, дар кони Ёвон доломит, дар кони Пӯстхӯр захираи оҳаксанг барои 300 соли минбаъда кифоя мебошанд.

Дар қисмати ҷанубии минтақа конҳои намаки сангии Туюнтоғ ва гили Қубодиён, инчунин ду кони намаки сангӣ, Хоҷа Муъмин (захираи он 4,4 миллиард тонна) ва Хоҷа Сартез (40 миллиард тонна) мавҷуданд, қисман истифода мешаванд.

Дар базаи манбаъҳои оби маъдани ноҳияи Темурмалик аз гили шифобахши кӯлҳо истифода бурда, барои сохтани майдонҳои муоличавӣ ва истироҳатӣ имкониятҳои калон мавҷуданд. Захираи оби маъданӣ дар як шабонарӯз 993 метри мукааб буда, таркиби он аз хлориди натрий бой аст. Элементҳои муҳимми он кислотаи сулфат ва карбонати калий мебошанд [2, с. 6].

Тибқи маълумоти расмӣ, 63 фоизи захираҳои нафтӣ дар вилояти Хатлон буда, аз онҳо 9 фоизи захираҳои нафт аз худ карда шудаанд. Ба ақидаи мутахассисон, дар минтақаи Кӯлоб захираҳои зиёди газ низ мавҷуд аст. Дар водиҳои дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Яхсу низ конҳои тиллои гафсонӣ мавҷуданд [115, с. 102].

Дар вилоят 11 кони намак муайян карда шудааст, ки аз он 3-тоаш дар баланси захираҳо – Тутбулоқ, Хоҷа Муъмин ва Хоҷа Сартез кашф ва ба ҳисоб гирифта шудааст. Захираи намак амалан номаҳдуд буда, танҳо дар категорияҳои саноатӣ 2,6 миллиард тоннаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми тавлиди неруи барқ бо истифодаи пурраи захираҳои обии дарёҳои хурд ҳудуди 49 миллиард киловаттро ё 80 фоизи захираҳои гидротехникии дарёҳои хурди кишварро ташкил медиҳад. Танҳо захираҳои обии дарёи Вахш 43 фоизи тамоми захираҳои гидроэнергетикии кишварро ташкил медиҳанд [93, с. 103].

Дар истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ омилҳои иқтисодӣ-ҷуғрофӣ низ саҳми калонро доро мебошанд. Масалан, Ф.С. Обидов қайд мекунад, ки бо дарназардошти омилҳои ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон минтақаҳои Шимол, Зарафшон, Ҳисор, Вахш, Кӯлоб ва Помир ҷудо карда мешаванд. Чунин тақсимкунӣ ҳам хусусиятҳои табиӣ-иқлимӣ ва ҳам иқтисодию географӣ ва ҳам хусусияти этникӣ-фарҳангии территорияҳоро ба назар мегирад.

Бояд қайд кард, ки дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон шароити гуногун мавҷуд буда, аз рӯйи иқлим, мавқеъ ва хусусиятҳои дигар, аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Онҳо аз рӯйи намуди истеҳсолот, кишоварзӣ,

маданият, дигар шартҳои тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда низ фарқ мекунанд. Ҳамаи ин ба муайян кардани мавқеи ҳар як минтақа дар иқтисодиёти мамлакат таъсир мерасонад [170, с. 40].

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, бояд қайд кард, ки Кӯлоб ва Вахш ду минтақаи дорои иқтидори калони табииву иқлимии вилояти Хатлон, дар рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа аз ҳама саҳми калонтарро доранд. Тавре маълум аст, масоҳати умумии минтақаи Кӯлоб 12,0 ҳазор км мураббаъро ташкил медиҳад. Ноҳияи Вахши вилояти Хатлон бошад, 12,6 ҳазор км мураббаъро ташкил менамояд. Ҳар ду минтақа дар сохтори комплекси агросаноатии вилоят ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Барои парвариши зироатҳо, бахусус барои зироатҳои гармдӯст, ин ду минтақа шароити мусоид доранд. Чунин шароит имкон медиҳад, ки дар як сол то се маротиба ҳосил ба даст оварда, бозори дохилии на фақат минтақа, балки кишварро аз маҳсулоти гуногуни сифати баланд таъмин намоянд.

Аз ин рӯ, соҳаи пешбарандаи иқтисодиёти вилоят хоҷагии қишлоқ мебошад. Вилояти Хатлон 53 фоизи тамоми зироатҳои хоҷагии қишлоқи кишвар, аз ҷумла 54 фоизи зироатҳои ғалладона ва 63 фоизи зироатҳои пахтаро ташкил медиҳад. Вилоят дар кишвар истеҳсолкунандаи асосии пахтаи хом ва ғалла мебошад [77, с. 146].

Дар минтақаи Хатлон барои рушди зироаткорӣ тамоми шароитҳои мусоид фаровон мебошад. Дар минтақа, тавре таҳлилҳои дар боло гузаронидашуда нишон медиҳанд, дар баробари пахтакориву парвариши ғалладона, инчунин зироатҳои хӯроки чорво, офтобпараст ва монанди инҳо ба роҳ монда шудааст, ки дар низоми муносибатҳои бозоргонӣ ва истеҳсолӣ ҷузъи махсус эътироф гаштааст. Инчунин, дар минтақа барои боғпарварӣ шароитҳои муфид вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, ҳамасола боғу токпарварӣ низ дар минтақаи Хатлон рушд ёфта истодааст.

Дар солҳои охир дар минтақа соҳаҳои парандапарварӣ ва чорводорӣ рушд ёфта, соҳаҳои дигар низ аз қабили асппарварӣ, заргӯшпарварӣ ва моҳидорӣ авҷ мегирад. Занбӯрпарварӣ ва кирмакпарварӣ низ тараққӣ ёфта, барои таъмини амнияти озуқаворӣ пояи устувор гузошта истодаанд.

Таҷрибаи кишварҳои муваффақ нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи таъсиси корхонаҳои муосири хурду миёнаи муштарак рушди коркарди маҳсулот, истихроҷи маданҳои табиӣ ва ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи бойгарии минтақа амалӣ мегардад.

Азхудкунии сарватҳои табиӣ чи аз ҷиҳати истифодаи оқилонаи захираҳои гидроэнергетикӣ, конҳои ашёи хоми маъданӣ, газу нафт, имкониятҳои обу замину биоклиматии вилоят сазовори диққати махсус мебошад [157, с. 255].

Бояд қайд кард, ки дар вилоят минтақаҳои нафти Вахш ва Кӯлоб намоёнанд. Дар ин ҷо қабатҳои нафтдор, оҳаксангу доломитҳои палеоген мебошанд. Чуқурии пайдоиш аз 800 то 1800 м мебошад. Мувофиқи маълумоти расмӣ, 63 фоизи тамоми захираҳои нафт дар ин минтақаи кишвар ҷойгир аст, аммо ҳамагӣ дар ин ҷо 9 фоизи захираҳои нафт аз худ карда шудаанд [115, с. 102].

Бояд қайд кард, ки дар минтақа барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ корҳои ҷустуҷӯйӣ давом доранд ва минтақаи Хатлон ҳоло ҳам пурра аз худ нашудааст. Масалан, дар конҳои Бештентоки минтақаи Балҷувон корҳои ҷустуҷӯйӣ ҳоло ҳам давом доранд. Тавре дар боло зикр карда будем, дар кони мазкур 2,7 миллион тонна захираи нафт ва газ бошад, 2,5 миллиард метри мукааб вуҷуд дорад. Ҳоло ҳам ин нишондиҳанда зиёдтар аст ва корҳои ҷустуҷӯйӣ барои боз ҳам пурра аз худ кардани кони мазкур давом доранд.

Тавре маълум аст, аз нафт навъҳои гуногуни мазут ва битум низ ҳосил карда мешавад. Захираҳои нафту газ дар Бештентак, Қизил Тумшук, Хоҷа Сартез, Узуннаҳор, Сулдузӣ, Кичик-Бел, Акбашадир,

Кумиҷанубӣ, «Пушонишимолӣ», «Сайёд», «Саргазон», «Қизилсу», «Найчӣ», «Қарадум», «Ялгизкок» ва «Норин» аз 75 то 205 миллион тонна ва газ аз 205 то 440 миллиард метри мукааб мавҷуд мебошад [2].

Бо иртибот ба масъала, бояд қайд кард, ки тамоюли рушди иқтисодии минтақа бо ҳалли як қатор масъалаҳои муҳим алоқаманд мебошад. Масъалаҳои мазкур пеш аз ҳама бунёди фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди коммуникатсия ва ташаккули инфрасохтори муосир ба шумор мераванд.

Масалан, истифодаи самараноки инфрасохтори нақлиётӣ, бунёд ва азнавсозии роҳҳои автомобилгард барои таҳкими муносибатҳои тиҷоративу иқтисодии минтақа мусоидаткунанда мебошанд. Роҳи автомобилгарду роҳи оҳани минтақа бо дигар минтақаҳои кишвар муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва сармоягузориро боз ҳам ҷонноктар менамояд. Ҳамчунин, сохтмони неругоҳҳо, истифодаи самарабахши неруи сабз дар заминаи сохтмони неругоҳи обии Даштиҷум сатҳи рақобатпазирии минтақаро боз ҳам баланд мегардонад.

Бояд қайд кард, ки дар солҳои охир бунёди инфрасохтори нақлиётӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар қариб ба анҷом расонида шудаанд. Чунин тадбирҳо таъсири мутақобилаи минтақаҳои кишварро ҷоннок намуда, бозори дохилиро дар тамоми фасл сол аз маҳсулоти гуногун ғанӣ нигоҳ медорад.

Ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ намудани шоҳроҳи минтақа бо дигар минтақаҳои кишвар, азхудкунии захираҳои табиии назди роҳҳои байналмилалӣ, таъсиси марказҳои хизматрасонии замонавӣ, ва монанди инҳо барои рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа шарти муҳим арзёбӣ мегардад.

Агар имкониятҳои вилояти Хатлонро аз рӯйи захираҳои маъданҳои мавҷуда таҳлил кунем, аз иқтидори хеле баланди ин минтақа гувоҳӣ додан мумкин аст [77, с. 145].

Ҳамин тариқ, истифодаи самараноки сарватҳои табиии вилояти Хатлон метавонад минтақаро ба макони тараққикардаи кишвар табдил дода, дар заминаи коркарди пурраи конҳои калони газ, нафт, тилло, намак ва масолеҳи бинокорӣ барои рушди босуботи кишвар ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолии кишвар мусоидат кунад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ дар шароити тараққиёти илму техника принсипи муҳимми рушди устувори минтақа ба ҳисоб меравад. Амалисозии принсипи мазкур дар заминаи пиёдасозии тадбирҳои вобаста ба ҳифзи муҳити зист, истифодаи самараноки иқтидори минтақа, идоракунии оқилонаи равандҳои коркарди маҳсулот нигаронида шудаанд.

Самаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ бо тараққиёти иқтисодиёт зич алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон доданд, ки захираҳо бояд барои истифодаи оптималии онҳо бо назардошти маҳдудиятҳои экосистема ва мувозинати байни сармоя ва захираҳои табиӣ идора ва ба нақша гирифта шаванд. Инчунин, ҳимояи ҳуқуқҳои ҷамоатҳои маҳаллӣ, ҳифзи олами набототу ҳайвонот ва истифодаи устуворро дар бар мегирад. Дар баробари ин, баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва омӯзонидани одамон дар бораи аҳаммияти захираҳои табиӣ як қадами муҳим дар самти ҳифз ва истифодаи устувори онҳо мебошад. Тадқиқот ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон барои рушди фаъолияти хоҷагидории на фақат минтақа, балки барои иқтисодиёти миллӣ заминаи устувори молиявию иқтисодӣ мегузорад.

## 2.2. Таҳлили омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ самти муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар дар шароити муосир ба ҳисоб меравад. Маҳз ба воситаи азхудкунии захираҳои табиӣ ва истифодаи самараноки

онҳо самараи синергетикӣ ва рушди инклюзивӣ ба даст овардан имконпазир мегардад. Бинобар ин, барои татбиқи босуръати манфиатҳои иқтисодӣ ва афзалиятҳои миллӣ кишварҳои дунё дар самти истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ тадбирҳои зиёд пиёда мегардонанд.

Вилояти Хатлон, ки захираҳои бойи табииро доро мебошад, барои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ истифодаи самараноки онҳоро ба роҳ мемонад. Бояд қайд кард, ки тараққиёти иҷтимоии иқтисодии минтақа чунин дигаргуниҳои умедбахши ҷамъият мебошад, ки гузариши тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро ба ҳолати сифатан нав муайян намуда, такрористеҳсолкунии васеъ, тадриҷан тағйироти сифатии иқтисодиёт, қувваҳои истеҳсолкунанда, омилҳои афзоиш ва тараққиёт, илм, дараҷа ва сифати зиндагонии аҳолӣ бо фаъолияти пурсамари маҳалҳо таъмин менамояд.

Мақсади асосии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар айни замон дар бисёр кишварҳо ва минтақаҳо баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ мебошад [104, с. 126].

Захираҳои табиӣ бошад, яке аз шартҳои муҳимми рушди иқтисодиёти минтақа ва умуман, иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, азхудкунии захираҳои табиӣ ва дар заминаи онҳо ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ барои ҳар як кишвар самти муҳимми афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Бояд қайд кард, ки нуқтаи асосии азхудкунии сарватҳои табиии минтақа маҷмуи омилҳо ва шароитҳое мебошад, ки суръат ва миқёси истифодаи онҳоро муайян мекунанд, асоснокӣ ва типологияи онҳо имкон медиҳанд, ки тавсияҳои баҳисобгирии дифференсиалии онҳо барои ҳар як намуди захираҳо таҳия карда шаванд.

Аз нуқтаи назари иқтисодчиён, омил «сабаб, қувваи пешбаранда, захираи раванд, инчунин ҳодисаест, ки характер ё хусусиятҳои алоҳидаи ин равандро муайян мекунад [63, с. 227].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то имрӯз ба он омилҳое, ки ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсир мерасонанд, аҳаммияти махсус дода мешавад. Чун қоида, ба ин рушд на як, балки як гурӯҳи омилҳо таъсир мерасонад. Омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа ба дохилӣ ва берунӣ тақсим мешаванд.

Ба ғайр аз омилҳои дар боло зикршуда ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа, ҳамчунин омилҳое, аз қабили ҷалби сармоягузорӣ, бозор, рақобатпазир, истеҳсолот, саноат, захираҳои табиӣ, нақлиётӣ, ҷуғрофӣ, демографӣ, ташкилӣ ва ғайра таъсир мерасонанд [156, с. 46].

Омилҳое, ки ба истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ таъсир расонида метавонанд, дар расми 2 оварда шудаанд:




**Расми 2.2. Омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф дар асоси гузаронидани тадқиқоти илмиву назариявӣ.

Аз расми 2.2. бармеояд, ки омилҳои таъсиррасон ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон бисёранд ва аз истифодаи самараноки онҳо барои рушди босуръати иқтисодиёти минтақа заминаи устувор гузоштан мумкин мебошад. Омилҳои ҷуғрофӣ барои вилояти Хатлон мансубият доранд, зеро минтақа мавқеи мусоиди ҷуғрофиро барои рушди фаъолияти хоҷагидорӣ доро мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки минтақаҳое, ки дорои захираҳои бойи табиӣ, аз қабили ҷангалҳо, дарёҳо, конҳои канданиҳои фоиданок ва ғайра мебошанд, аксаран имконияти истифодаи онҳоро доранд.

Мавқеи ҷуғрофӣ, инчунин, барои рушди соҳаи кишоварзию саноатӣ мусоидаткунанда мебошад. Вобаста ба хусусиятҳои географии минтақа, маҷмуи кишоварзию саноатии вилоятро ба ду қисмат ҷудо кардан мумкин мебошад. Дар вилояти Хатлон минтақаи Кӯлоб ва Данғара ба нимминтақаҳое шомил мешаванд, ки иқтидори калонтарини минтақаро ташкил менамоянд.

Минтақаи Кӯлоб ҳашт ноҳияи маъмуриро дар бар гирифта, дар водии дарёҳои Панҷ, Сурхоб ва Яхсу воқеъ мебошад. Бояд қайд кард, ки чунин мавқеи ҷуғрофӣ барои рушди соҳаи кишоварзӣ, бахусус, барои зироаткорӣ ва чорводорӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Бинобар ин, рушди соҳаҳои мазкур дар ин минтақа сол то сол мушоҳида мешавад.

Маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои саноатӣ коркард шуда, талаботи мардумро таъмин намуда истодааст. Дар баробари ин, дигар корхонаҳо, ба мисли коркарди маҳсулоти нонӣ ва намак низ фаъолият доранд.

Қисми шимолии Кӯлоб барои тараққиёти зироати лалмӣ шароити мусоид дошта, чарогоҳҳои беҳтарин мавҷуданд, ки баҳри инкишофи чорводорӣ қулай мебошад [56, с. 167].

Дар баробари Кӯлоб, дар вилояти Хатлон минтақаи Данғара минтақаи калонтарин ба шумор меравад. Вай дар қисми ғарбии вилоят ҷойгир мебошад, ки ноҳияҳои Данғара ва Балҷувонро дар бар мегирад. Дар ин ҷо низ барои рушди соҳаи кишоварзӣ тамоми шароитҳои мусоид фароҳам вуҷуд дорад.

Махсусан чорводорӣ ва зироаткорӣ дар низоми фаъолияти хоҷагидории минтақа нақши калонро доро мебошанд. Истифодаи

самараноки ин самтҳо метавонад барои дигар бахшҳои кишоварзӣ заминаи калон гузорад.

Вай қариб 13%-и ҳаҷми маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистонро медиҳад. Захираи замини минтақа 1,2 млн га аст. Аз ҷумла, заминҳои кишоварзӣ 720 ҳазор га-ро ташкил медиҳанд. Аз ин 162 ҳазор га заминҳои кишт, 7 ҳазор га мавзеъҳои алафдаравӣ ва 537 ҳазор га-ро чарогоҳҳо ташкил медиҳанд. Ҳоло дар минтақа 114 ҳазор гектар заминҳо обёрӣ карда мешаванд [92, с. 77].

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот, бояд қайд кард, ки аз байни омилҳои дар расм овардашуда, омилҳои иқтисодӣ аз ҳама муҳимтар буда, татбиқи онҳо барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ заминаи устувор мегузорад. Омилҳои иқтисодӣ ба монанди талаботи бозор ба захираҳои табиӣ ва арзиши иқтисодии онҳо дар истифодаи онҳо нақши муҳим доранд. Агар минтақаи муайян дорои захираҳои табиие, ки дар бозор талабот доранд (масалан, нафт, газ, ангишт, металлҳои қиматбаҳо ва ғайра), он гоҳ эҳтимолияти истифодаи онҳо баланд мешавад.

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар таъмини рақобатпазирии минтақа мусоидат мекунад. Таҳлилҳои дар боло зикргардида аз он дарак медиҳанд, ки захираҳои калони иқтисодиву сарватҳои табиии минтақа барои рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз қабили саноатикунонии босуръат, истеҳсоли неруи сабз, гузаштан ба истеъмоли ғизои хушсифат, аз содироти ашёи хом гузаштан ба содироти маҳсулоти тайёр мусоидаткунанда мебошанд.

Тавре таҳлилҳо нишон додаанд, аз конҳои мавҷудбудаи вилоят 34%-и онҳо то имрӯз мавриди истифода қарор дода шудаанд. Аз ҳаҷми умумии онҳо инчунин 35-тои дигар то ҳол бинобар сабабҳои гуногун коркард шуда наметавонанд. Албатта, дар ҳолати пурра аз худ кардани конҳои боқимонда дар заминаи самаранок истифода бурдани иқтидори

калони неруи инсонӣ ва сарватҳои табиӣ ва инчунин дастгирии давлатӣ дар шакли пешниҳоди имтиёзҳову расонидани кумаки молиявӣ минтақаро ба сатҳи нави рушд баровардан имконпазир мегардад.

Вобаста ба масъалаҳои татбиқи манфиатҳои стратегии кишвар, бояд қайд кард, ки минтақаи Хатлон дар сурати истифодаи самаранок ва идораи оқилонаи онҳо метавонад нақши калонро иҷро намояд.

Саҳми вилоят дар таъмини амнияти энергетикӣ баланд арзёбӣ мегардад. Ҳамасола дар давраи тобистону тирамоҳ неругоҳҳои барқии вилоят зиёда аз 60 млн метри мукааб обро (1350 МВт) бе коркарди истеҳсолӣ бо гардиши холии мошинҳо ба дарёи Вахш мепартоянд [129, с. 106].

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ барои таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми калон дорад. Дар таркиби хоҷагии халқи минтақа маҷмуи кишоварзию саноатӣ нақши асосӣ дорад. Дар минтақа 1,3%-и киштзор мавҷуд буда, 37,2%-и ғалла, 14,3% полезиҳо, 15,6%-и пахта, 19,4-и ангур, 16,9%-и гӯшту шир, 19,3% пашм, 18,1%-и пӯсти қароқулӣ ва 12%-и пиллаи ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад.

Омили дигаре, ки барои истифодаи сарватҳои табиии минтақа мусоидат мекунад, омили инфрасохторӣ мебошад. Дар гурӯҳи иқтисодии омилҳо омилҳои инфрасохторӣ нақши муҳим доранд. Дар маҷмуъ, инфрасохтор маҷмуи корхонаҳо ва ташкилотҳое мебошад, ки фаъолияти онҳо ба нигоҳ доштани истеҳсолоти моддӣ нигаронида шудааст.

Инчунин, истифодаи технологияи муосир дар боз ҳам васеътар кашф ва истихроҷи сарватҳои табиӣ дар минтақа мусоидат мекунад. Пешрафти технология метавонад ба истифодаи захираҳои табиӣ таъсир расонад. Технологияҳои нав метавонанд захираҳои қаблан истифоданашавандаро аз ҷиҳати иқтисодӣ муфид гардонанд ё ба истифодаи самараноки захираҳо мусоидат кунанд, ки ин боиси афзоиши истифодаи онҳо мегардад.

Дар баробари ин, дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ омилҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ низ нақши калонро иҷро мекунанд. Сиёсат ва қонунгузорӣ метавонанд ба истифодаи захираҳои табиӣ таъсири назаррас расонанд. Қонунҳо, андозҳо, расмиёти иҷозатдиҳӣ ва дигар чораҳои танзимкунанда метавонанд истифодаи захираҳои табииро дар минтақа ҳавасманд ё маҳдуд кунанд.

Ба омилҳои экологӣ диққати махсус додан лозим меояд. Таҷрибаи фаъолияти хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки дар раванди арзёбии иқтидори сарватҳои табииву экологӣ шартҳои зерин, аз қабили муайян намудани арзиши иқтидори сарватҳои табиӣ ва ифодаи миқдорӣ ва инчунин, сохтори хароҷоти захираҳои минтақа, ки имкон медиҳад эҳтиёҷоти афзоиши ҳар як намуди захираҳои моддӣ дар истеҳсолот ва иқтисодиёти вилоят муайян намояд.

Ҳамин тариқ, истифодаи васеи иқтидори минтақаи Хатлон барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ ва афзоиши синфи миёна мусоидаткунанда арзёбӣ мегардад. Иқтидори иқтисодии минтақаро метавон дар шароити тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ истифода бурд [126, с. 128].

Бояд қайд кард, ки дар истифодаи захираҳои табиии минтақа омили дигар - дастрасии захираҳо дар низоми фаъолияти иқтисодӣ хеле муҳим мебошад. Наздик ё дур аз захираҳои табиӣ метавонад ба истифодаи онҳо таъсир расонад. Минтақаҳое, ки захираҳо ба осонӣ дастрасанд, метавонанд аз онҳо назар ба минтақаҳое, ки дар ҷойҳои дурдаст ё дастнорас ҷойгиранд, бештар истифода баранд.

Бояд қайд кард, ки омили муҳимтарин дар идоракунии захираҳои табиӣ метавонад аз хусусиятҳои минтақа ё соҳа вобаста бошад. Бо вуҷуди ин, як омили асосӣ вуҷуд дорад, ки дар истифодаи бомуваффақият ва устувори захираҳои табиӣ нақши ҳалкунанда дорад. Устуворӣ ё идоракунии устувор (sustainable management) омили

қобилияти қонеъ кардани ниёзҳои ҷории ҷомеа ба захираҳои табиӣ дар ҳолати вайрон накардани муҳити табиӣ ва экосистемаҳо ба шумор меравад.

Дар зери мафҳуми принсипи рушди устувор дар ин ҷо таъмини рушди минбаъдаи минтақа бо дарназардошти ҳифзи муҳити зист ва иқлим барои наслҳои оянда фаҳмида мешавад. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи сарватҳои табиӣ бояд тавре сурат гирад, ки ҳифз ва навсозии онҳо, то ҳадди имкон кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист таъмин карда шавад.

Дар шароити тағйирёбии иқлим ва ташаккулёбии иқтисодиёти сабз ҳифзи масъалаҳои вобаста ба экология ва истифодаи оқилонаи иқтидори кишвар дар заминаи татбиқи самтҳои рушди устувор мумкин мегарданд.




**Расми 2.3. Шартҳои асосии рушди устувори минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Рушди иқтисодиёт муҳимтарин шарти таъмини рушди устувор ба шумор меравад. Тадқиқот дар самти мазкур нишон медиҳад, ки рушди устувор, умуман, ба рушди босуботи иқтисодӣ алоқамандӣ дорад. Маҳз вазъи устувори иқтисодӣ барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ метавонад пояи устувори инфрасохториву молиявӣ гузорад.

Ҳолати иҷтимоӣ ва устувор будани он метавонад ба истифодабарии сарватҳои табиӣ таъсир расонад. Устувории ҳолати

иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, ба пурра қонеъ гардонидани талаботи моддиву маънавӣ рабт дорад. Худи назарияи рушди устувор ба истеҳсолоти маҳсулоти хушсифат, вусъати шуғли сабз, истеҳсоли энергияи сабз ва умуман, ташаккули иқтисодиёти сабз асос ёфтааст.

Вобаста ба предмети тадқиқот, қайд намудан зарур аст, ки дар таъмини рушди устувор омили экологӣ низ мавқеи муайянро ишғол менамояд. Дар ин ҷо сухан дар бораи мувозинати ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи табиат бо дарназардошти манфиати наслҳои имрӯзу оянда диққат дода мешавад.

Рушди устувори экологӣ татбиқи чорабиниҳоро дар доираи барномаҳои экологӣ муқаррар намудааст. Дар ин ҷо сухан дар бораи коҳиш додани партовҳо, васеъ намудани иқтидорҳои нави корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани сабзиши минтақаҳо меравад [74, с. 23].

Албатта, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологиро ба назар гирифта, бояд мувозинат кунад. Ин маънои онро дорад, ки принсипҳои зерин, ба монанди муҳофизати захираҳо, муҳофизати муҳити зист, ба назар гирифтани талаботи наслҳои оянда, иштироки ҷамъият ва ғайра бояд риоя карда шаванд.

Бо иртибот ба мавзуъ қайд кардан зарур аст, ки баланд бардоштани сатҳи истифодабарии технологияи муосир дар фаъолияти иқтисодии минтақа пеш аз ҳама зарар ва талафоти сарватҳоро паст менамояд. Инчунин, истифодаи такрорӣ дар раванди бозистеҳсолот, пешгирии ҳолатҳое, ки ба табиат зарар мерасонанд, паст намудани таъсир ба экология, аз ҷумла коҳиш додани ифлосшавӣ, ҳифзи гуногунии биологӣ ва риояи тавозуни табиӣ шарти муҳимми истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба шумор меравнад.

Дар мавриди ба назар гирифтани талаботи наслҳои оянда, ҳангоми қабули қарор дар бораи истифодаи захираҳо манфиату эҳтиёҷоти

наслҳои ояндаро ба назар гирифтан лозим аст, то ки онҳо аз қонеъ гардондани эҳтиёҷот имконият пайдо кунанд. Дар баробари ин, иштироки ҷамъият дар истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ низ аҳамияти калон дорад. Ба раванди қабули қарорҳо оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ҷалби аҳолӣ, ҷонибҳои манфиатдор ва ҷомеаи маҳаллӣ муҳим аст. Ин барои ба инобат гирифтани афкори гуногун ва таъмини идоракунии устувору одилона мусоидат мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иқтидори калони табиӣ доранд ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи бойигарии табиӣ барои татбиқи афзалиятҳои иқтисодӣ шарти муҳим арзёбӣ мегардад. Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа барои истеҳсолот шарти муҳим ба шумор рафта, дар афзоиши истеҳсолот ва диверсификатсияи он саҳми калон дорад.

Аз нуқтаи назари мавзуи тадқиқот, бояд қайд кард, ки дар раванди азхудкунӣ ва истифодаи бойигарии табиӣ минтақаҳои кишвар ба муаммоҳои зиёд дучор мегарданд. Барои ошкор намудани имкониятҳо ва хатарҳои муосир дар самти истифодаи самараноки захираҳои табиӣ зарурати гузаронидани таҳлили SWOT ба миён меояд.

**Ҷадвали 2.7. - SWOT таҳлили истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон**

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| Рушди алоқаи коммуникатсиониву логистикӣ, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ; шумораи зиёди рӯзҳои офтобӣ; рушди фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодии вилояти Хатлон; қувваи арзони корӣ; захираҳои калони инсонӣ; имконияти диверсификатсиякунонии қувваи корӣ; қаламрави калон барои рушди кишоварзӣ; коркарди ашёи хоми маъданӣ; истифодаи самараноки канданиҳои фоиданок ва монанди инҳо. | Нокифоягии маблағ барои омӯхтан ва коркарди сарватҳои табиӣ; фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар иқтидори нопурра ва шумораи маҳдуди корхонаҳои хурду миёна; сатҳи пасти рақобатпазирии молҳои саноатӣ дар бозори дохилӣ; тақсимоти нокифояи захираҳои молиявӣ барои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ; фоизи баланди захираҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ ва монанди инҳо. |

*идомаи ҷадвали 2.7.*

| Имкониятҳо | Таҳдидҳо |
|---|---|
| Ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ барои рушди соҳибкорӣ; афзоиши интиқоли маблағ аз муҳоҷирон; истифодаи релефи табиӣ; нархҳои баланди ҷаҳонии ашёи хоми маъданӣ; сохтмони роҳи оҳан бо дигар минтақаҳо, гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ; дастгирии барномаҳои аз ҷониби шарикони рушд дар бахшҳои афзалиятнок қабулгардида; ҳамкорӣ бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва монанди инҳо. | Ихроҷи кадрҳои касбӣ; дастрасии маҳдуд ба бозорҳои калон ва марказҳои логистикӣ; қафо мондан аз тамаддуни муосир; вазъи мураккаби бозори ҷаҳонӣ; офатҳои табиӣ ва хатарҳои экологӣ; хароҷоти логистикиву нақлиётӣ; нархи баланди ашёи хом ва сӯзишворию равғанҳои молиданӣ; сатҳи баланди бекорӣ; таҳдидҳои муосир, ки бо бӯҳронҳои ҷаҳонӣ алоқамананд ва монанди инҳо. |

**Сарчашма:** [28]

Таҳлили ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи истифодаи захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, ки афзалиятҳо ва маҳдудиятҳои марбут ба истифодаи онҳо беҳтар дарк карда шаванд. Ин барои таҳияи стратегияҳои устувори идоракунии захираҳо ва пешгирии таъсири манфӣ, аз қабили тамомшавии захираҳо, офатҳои экологӣ ва бад шудани сифати зиндагӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ метавонад ба пешрафти иқтисоди кишвар мусоидат намуда, дар таҳкими рушди муносибатҳои истеҳсолӣ заминаи устувор гузорад. Дуруст дарк кардан зарур аст, ки татбиқи ҳадафҳои стратегӣ дар заминаи истифодаи васеи бойигарии табиӣ имконпазир мегардад. Дар татбиқи чунин тадбирҳо истифодаи оқилона ва самараноки сарватҳои табиӣ шарти муҳим ба шумор меравад. Сарватҳои калони табиии минтақа метавонанд дар ин самт саҳми калонро гузоранд.

Илова бар ин, истифодаи захираҳои табиӣ метавонанд барои бунёди инфрасохтори муосир мусоидат кунад. Инчунин, дигар соҳаҳои муҳимми иқтисодӣ, аз қабили саноат, нақлиёт ва кишоварзӣ аз истифодаи оқилонаи бойигарии табиӣ вобастагӣ пайдо мекунанд.

Истихроҷ ва истифодаи васеи бойигарии табиӣ барои аҳолии маҳаллӣ ҷойҳои корӣ фароҳам оварда, дар афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисоди маҳаллӣ саҳми калон дорад. Инчунин, содироти захираҳои табиӣ метавонад як манбаи муҳимми даромади кишвар шавад, бахусус, дар сурати доштани захираҳои ғании табиие, ки дар бозори ҷаҳонӣ талаботи зиёд доранд.

Истифодаи пурраи сарватҳои табиӣ тавре таҷрибаи кишварҳои дорои иқтидори калони табиӣ нишон медиҳанд, татбиқи афзалитҳои миллиро тезтару пурсамартар таъмин менамоянд.

Бинобар ин, кишварҳое, ки дорои калони захираҳои табиӣ доранд, барои шароити мусоид муҳайё намудан дар самти истифодабарии захираҳои табиӣ чораҳои заруриро андешида, барои татбиқи онҳо тадбирҳои гуногунро амалисозӣ менамоянд.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон ҳадафҳои стратегии рушди кишвар ба назар гирифта шудаанд.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 афзалиятҳои зерини рушд пешбинӣ шуда буданд, ки муҳимтарини онҳо аз инҳо иборат мебошанд.

- дастрасӣ ба захираҳо ва истифодаи самараноки онҳо;
- идоракунии самарабахши комплекси сӯзишворию энергетикӣ;
- рушд ва такмили истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ;
- беҳтарсозии фаъолияти хоҷагидорӣ ва тавсеаи самаранокии хизматрасониҳои иҷтимоӣ;
- дастгирии иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазири аҳолии кишвар;
- идоракунии хатарҳои фавқулода;

- татбиқи тадбирҳои пайгирона оид ба паст кардани таъсири тағйирёбии иқлим;

- фаъол гардондани ҳамкории байналхалқӣ [2, с. 6].

Ҳамин тариқ, дар марҳилаи мазкури тадқиқот, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар истифодаи сарватҳои табиии минтақа омилҳо нақши калон мебозанд. Баррасӣ ва дарки онҳо барои таҳияи стратегияи устувори идоракунии захираҳои табиӣ бо мақсади баланд бардоштани иқтидори онҳо барои рушди минтақа ва умуман кишвар, кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист ва таъмини устувории дарозмуддат мусоидат мекунад. Инчунин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи сарватҳои табиӣ ҷанбаи муҳимми рушди инсон аст.

Тараққиёти минтақа метавонад бо истифодаи интенсивии захираҳои табиӣ аз ҳисоби афзоиши талабот ба энергия, об, озуқаворӣ ва дигар ашёи хом алоқаманд бошад ва вобаста ба сохтори иқтисодиёти минтақа истифодаи захираҳои табиӣ метавонад ба истихроҷ ва истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, инчунин қонеъ гардонидани талаботи кишоварзӣ равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки диққати суст равона кардан ба масъалаҳои истифодаи самараноки иқтидори табиӣ ба ҳолатҳои ногувори иқтисодӣ оварда мерасонад. Сухан дар бораи он меравад, ки дастгирии истифодаи иқтидори табиии кишвар дар шакли маблағгузорӣ ва ба роҳ мондани танзими идоракунии оқилонаи он воситаи калидӣ барои минтақаҳои кишвар маҳсуб меёбад. Бинобар ин, истифодаи тамоми иқтидори кишвар ва сарчашмаҳои молиявию асъории беруна дар самти истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ шарти зарур ҳисобида мешавад.

Бинобар ин, тартиб додани нақшаи перспективӣ, ки мувозинати байни талаботи инсоният ва ҳифзи табиатро ба назар мегирад, метавонад муайян намудани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиётро дар бар гирад, ки бояд бо дарназардошти ҷиҳатҳои экологӣ тартиб дода

шаванд. Инчунин, истифодаи технологияи муосир, мавҷудияти мутахассисони муосири соҳа метавонанд самаранокии истифодаи захираҳоро беҳтар намоянд.

Таҳия ва татбиқи меъёру стандартҳои қатъии истифодаи захираҳои табиӣ назорати риояи қоидаҳои экологӣ аз ҷумлаи чораҳое мебошанд, ки замони муосир онҳоро таалаб мекунад. Илова бар ин, ҳавасмандгардонии корхонаҳои истеҳсолӣ, ҷазо барои вайронкунии талаботҳои экологӣ низ дар навбати худ метавонанд барои истифодабарии самараноки иқтидори табиӣ мусоидат кунанд. Дар ин ҷо истифодаи имтиёзҳои давлатӣ ва сармоягузориву идоракунии оқилонаи сарватҳоро қайд намудан лозим меояд.

Баланд бардоштани сатҳи касбияти кормандони соҳа дар қабули қарорҳо оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ва ташаккули якдилона оид ба масъалаҳои муҳим низ яке аз шартҳои муҳимме дар минтақа арзёбӣ мегардад. Бояд дуруст дарк кард, ки дар оянда рушди сармояи инсонӣ ба яке аз омилҳои муҳимтарини рушди босубот маҳсуб меёбад ва истифодаи самараноки бойигарии кишвар ба рушди он вобастагӣ пайдо мекунад.

Дар заминаи татбиқи омилҳои зикргардида, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ муносибати ҳамаҷониба ва ҳамкории байни иштирокчиёни бозор, корхонаҳо, ҷомеа ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро талаб мекунад. Чунин иқдом ягона роҳи таъмини устуворӣ ва ҳифзи табиат барои наслҳои оянда ба шумор меравад.

### 2.3. Арзёбии иқтисодии экологӣ ва таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди минтақа

Истихроҷи сарватҳои табиӣ дар шароити рушди муносибатҳои истеҳсолӣ яке аз шартҳои муҳимми тараққиёти иқтисодиёти миллии ҳар як кишвари муосир ба шумор меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки

истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои рушди босуръати иқтисодиёти кишвар ва таъмини самараи синергетикӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад. Бинобар ин, самаранок ба роҳ мондани истифодабарии сарватҳои табиӣ, махсусан, дар вилояти Хатлон шарти муҳимми таъмини бехатарии иқтисодиёти минтақа ба ҳисоб меравад.

Раванди истифодаи неруи захираҳои табиӣ хусусияти возеҳи минтақавӣ дорад. Захираҳо ва экосистемаҳои ҳар як минтақа аз ҷиҳати замонӣ ва фазоӣ аз ҳамдигар нисбатан ҷудо шудаанд ва инчунин таъсир ва зарари фаъолияти хоҷагидорӣ, пеш аз ҳама, дар як минтақаи мушаххас зоҳир шуда, тавсифи миқдорию сифатии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва саноат ва истифодаи сарватҳои табиӣ, тақсимоти қаламрави минтақаҳои саноатӣ, инчунин, равандҳои демографиро асосан бо хусусиятҳои минтақа муайян мекунанд.

Сарфи назар аз аҳаммияти амалии проблемаи баррасишаванда, илми иқтисодиёт то ҳол системаи эътирофшудаи назари илмиро оид ба механизми таъмини рушди устувори экологии системаҳои иҷтимоию экологӣ ва иқтисодии минтақавӣ ташаккул надодааст. Аз ин лиҳоз, ташаккули механизми иқтисодии рушди устувори экологӣ-минтақавии онро дар назар дорад, ки маънои гузаштан ба модели ба назар гирифтани хусусиятҳои иқтисодӣ ва табиии минтақаро дорад ва таносуби байни иқтисодиёт ва экологияро таъмин менамояд. Дуруст дарк кардан зарур аст, ки ҷузъи экологии рушди устувори минтақа дар айни замон камтар омӯхта шудааст [161, с. 3].

Қаламрави Тоҷикистон 93% кӯҳро ташкил менамояд. Ҳамаи ин қаламрави кӯҳиро системаи Помир, Тиёншон ва Ҳисоролой дар бар мегирад. Пиряххо, дар маҷмуъ, 6%-и масоҳати ҳудуди кишварро ташкил намуда, зиёда аз 550 километри мукааб захираи обӣ доранд. Бинобар ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун кишвари кӯҳсор, рушди устувор, муҳити зист ва мушкилоти маишӣ бо ҳам таъсири мутақобила доранд.

Аз тарафи дигар, дар шаҳру ноҳияҳои кишвари дорои инфрасохтори истеҳсолӣ миқдори зиёди партовҳои саноативу маишӣ ва дигар намуди партовҳои заҳролуд ҷамъ мешаванд.

Барои ҳамин бо мақсади нигоҳ доштани муҳити зист имруз дар бисёр кишварҳо ба масъалаҳои паст намудани таъсири истихроҷ ва истеҳсолоти маҳсулот ба табиат диққати ҷиддӣ равона мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти ташаккули “иқтисодиёти сабз” ва гузаштан ба рақамикунонии фаъолияти хоҷагидорӣ дорад, андешидани тадбирҳои зиёдро ба роҳ мондааст.

Дар ҳоли ҳозир, дар кишвар ҳудуди 126 созмони ғайридавлатии ҳифзи муҳити зист расман сабти ном шудаанд, ҳарчанд танҳо ҳудуди 30-тои онҳо фаъол ҳастанд. Ҷамоатҳо асосан ба таъмини ҳадафҳои худ – таъмини оби нӯшокӣ ва анҷом додани корҳои санитарӣ ва кабудизоркунии ҳудудҳо машғуланд [166, с. 57].

Вобаста ба масъалаи баррасишаванда, бояд қайд кард, ки захираҳои об муҳимтарин унсури сармояи табиӣ дар ҳар як кишвар мебошанд. Аз истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ҳалли масъалаҳои экологӣ вобастагии калон дорад. Инчунин, соҳаҳои дигари иқтисодӣ, ба мисоли энергетика ва таъмини амнияти озуқаворӣ бо истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ сахт алоқаманд мебошанд.

Таҳлили самаранокии истифодаи захираҳои об дар тамоми кишварҳо нишон медиҳад, ки дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим истифодаи беасос афзоиш ёфта, талафи оби ширин, паст шудани сарфаи об, хушк шудани дарёҳо, беҳад зиёд шудани ифлосшавии табиат барои фаъолияти хоҷагидорӣ, сарфи назар аз тадбирҳои андешидашуда, мушкилоти зиёд ба миён меоварад. Бинобар ин, истифодаи самараноки захираҳои обӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои муҳимми сиёсати дохиливу берунӣ ба шумор меравад.

Бо иртибот ба масъала, бояд қайд кард, ки ҳар сол афзояндаи сарбории техногенӣ ба муҳити зист низ боиси таназзули экосистемаҳои обӣ мегардад, ки боиси бад шудани сифати оби тоза мегардад ва ба фаъолияти хоҷагӣ ва саломатии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад [117, с. 7].

Аз тарафи дигар, муносибати бевиҷдонона ба сарватҳои табиӣ ва манбаъҳои оби тоза ба афзоиши бемориҳои сироятӣ оварда мерасонад.

Тибқи маълумоти расмӣ, дар давоми 6 соли охир, дар маҷмуъ, дар кишвар шумораи гирифторон ба бемории домана 36,2 баробар афзудааст. Дар Душанбе – 21,0 баробар, дар вилояти Хатлон – 32,5 маротиба, дар тобеи вилоят – 31,1 маротиба, дар вилояти Суғд ва ВМКБ – 4,3 баробар зиёд шудааст.

Вараҷа барои аҳолӣ хатар дорад, ки гирифторшавӣ ба он низ афзуда, дар тамоми ҷумҳурӣ 85,9 маротиба афзоиш ёфтааст. Ин беморӣ дар шаҳри Душанбе – 29,8 маротиба, дар вилояти Хатлон – 76,8 маротиба, дар ноҳияҳои тобеи марказ – 50,7 маротиба, дар вилояти Суғд ва ВМБК — 54 маротиба рост меояд.

Бемории дигар - бемориҳои хатарноки сироятӣ - ба монанди паратиф, лептоспироз, гепатити А, дизентерияи бактериявӣ, чунон ки маълумотҳо нишон медиҳанд низ, афзоиш ёфтааст [66, с. 114].

Ҳамин тариқ, истифодаи нодурусти сарватҳои табиӣ ва вайрон кардани қоидаҳои экологӣ барои рушди фаъолияти хоҷагидории кишвар ва сифати ҳаёти инсон таъсири манфӣ мерасонад, ва баръакс, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ барои рушди ҷамъият ва таъмини босуботи иқтисодӣ заминаи устувор мегузорад.

Бояд қайд кард, ки дар ҳолати иҷро нагардидани қоидаҳои экологӣ таъсири он на фақат ба муҳити зист, балки ба паст намудани маҳсулнокии меҳнат ва сифати зиндагӣ оварда мерасонад. Мақсади рушди иқтисодиёти муосир аз он иборат аст, ки тараққиёти он ба

экология таъсир нарасонида, баръакс, ҷанбаҳои мусбии онро фаро гирад.
Фаҳмидани он муҳим аст, ки муҳити зист ва иқтисод бо ҳам зич алоқамanданд ва тағйироти экологӣ метавонад ба рушди иқтисодӣ ҳам таъсири мусбат ва ҳам манфӣ дошта бошад.

Проблемаҳои экологӣ метавонанд ба рушди технологияҳои нав ва инноватсияҳо, ки ба рафъи таҳдидҳои экологӣ нигаронида шудаанд, ҳавасманд кунанд. Масалан, афзоиши манбаъҳои алтернативии энергия, аз қабили офтобиву шамолӣ, идораи самараноки партовҳо дар заминаи ташаккули иқтисодиёти сиркулявӣ барои рушди технологӣ заминаи устувор мегузорад.

Афзоиши таваҷҷуҳ ба технологияҳо ва маҳсулоти тоза метавонад бозорҳо ва бахшҳои нави иқтисодиро эҷод кунад, ки барои ҷойҳои нави корӣ ва рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Инчунин, огоҳӣ дар бораи маҳдудиятҳои сарватҳои табиӣ корхонаҳо ва иштирокчиёни бозорро водор мекунад, ки аз онҳо самараноктар истифода баранд. Ин метавонад боиси кам шудани арзиши аслии маҳсулот ва баланд шудани ҳосилнокии умумии иқтисодиёт гардад.

Дар баробари ин, истифодаи нодуруст ва вайрон кардани қоидаҳои экологӣ, тавре ки мо қайд кардем, барои фаъолияти хоҷагидории кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Офатҳои табиӣ, ифлосшавии муҳити зист ва дигар мушкилоти экологӣ метавонанд талафоти зиёди иқтисодӣ расонанд. Хароҷоти барқарорсозии инфрасохтор ва экосистема метавонад ба рушди иқтисодӣ таъсири манфӣ расонад. Дар баробари ин, камшавии захираҳои табиӣ ё маҳдуд кардани истифодаи онҳо бинобар зарурати риояи меъёрҳои экологӣ метавонад рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиётро маҳдуд созад.

Аз нуқтаи назари ин мавқеъ, дар шароити кунунӣ самаранок ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи бойигарии табиӣ бо дарназардошти риояи

меъёрҳои экологӣ барои кишвари мо ҳамчун шарти муҳимми ташаккулёбии иқтисодиёти сабз маҳсуб меёбад.

Бо назардошти муносибати ҳамаҷониба ба масъалаи таъмини суботи иҷтимоию иқтисодии кишвар, бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои муҳимтарин маблағгузории соҳа ба шумор меравад. Бояд дуруст дарк кард, ки хароҷот дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ яке аз вазифаҳои асосии рушди устувори экологӣ ва иқтисодӣ мебошад.

**Диаграммаи 2.1. - Хароҷоти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат** *(бо нархҳои амалӣ, ҳаз. сомонӣ)*




**Сарчашма:** [19, с. 209].

Тавре аз диаграмма бармеояд, маблағгузории ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи захираҳои табиат ҳамасола афзоиш ёфта бошад ҳам, барои рушди соҳа нокифоя арзёбӣ мегардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки хароҷоти ҳифзи муҳити зист ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ баромад мекунанд. Онҳоро инчунин метавон ҳамчун сармоягузорӣ дар рушди иқтисодӣ баррасӣ кард.

Вобаста ба объекти тадқиқот, бояд қайд кард, ки имрӯз вилояти Хатлон барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар заминаи ҳифзи муҳити зист тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам оварда истодааст.

Вилояти Хатлон, ки яке аз се вилояти кишвар ба шумор меравад, дар шимол бо НТҶ, дар шарқ бо Бадахшон, дар ҷануб бо Афғонистон, дар ғарб бо Узбекистон ҳамсарҳад аст. Вилоят 21 ноҳия, маркази маъмурӣ – шаҳри Бохтар, санаи таъсисаш – 2 декабри соли 1992 мебошад. Забони давлатӣ – тоҷикӣ, аҳолӣ (ҷойи 1 дар кишвар) - тоҷикон 81,8%, зичии аҳолӣ - 123,9 нафар/км$^2$ (ҷойи 2-юм) ташкил менамояд.

Иқтисодиёти вилоятро саноати сабук ташкил медиҳад. Дар ин ҷо истеҳсоли пахтатозакунӣ ва чармдӯзӣ тараққӣ мекунад. Саноати хӯрокворӣ, саноати равғанкашӣ, гӯшт, ордкашӣ, консервбарорӣ. Истеҳсоли химия дар қаламрави заводи нуриҳои азотии Вахш ба амал меояд. Истеҳсолоти электротехникӣ ва металлкоркунӣ низ мавҷуд аст. Дар ҳудуди вилояти Хатлон конҳои газ, нафт ва намаки сангӣ мавҷуданд. Дар дарёи Вахш каскади стансияҳои электрикии обӣ сохта шуд, ки ба он НБО-ҳои асосӣ ва марказӣ дохил мешаванд.

Дар вилояти Хатлон зироаткории обӣ пеш меравад. Системаи обёрии мавҷуда аз оби дарёи Вахш, инчунин дигар каналҳо истифода мебарад. Дар ин территорияҳо чунин зироатҳо - монанди пахтаи маҳиннах, аз зироатҳои ғалладона гандум, ҷав, ҷуворимакка, инчунин сабзавот, картошка, хӯроки чорво парвариш карда мешаванд. Дар вилоят мевапарварӣ хеле тараққӣ карда, ситруспарварӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Токзорҳо ва плантатсияи саноатии найшакар низ тараққикарда мебошад [44].

Чорводорӣ дар вилояти Хатлон парвариши гӯсфандони ҳисорӣ, гӯсфанди қароқӯлӣ, гову буз ва чорвои ширдеҳ мебошад. Барои ба даст овардани пилла парвариши кирмак ба роҳ монда шудааст. Вилояти Хатлон бо минтақаи курортӣ ва муолиҷаи лойи Танобчӣ-Қизилсу низ

маъруф аст. Дар маҷмуъ, вазъи муҳити зист дар вилояти Хатлон қаноатбахш ва устувор арзёбӣ мешавад.

Яке аз мушкилоти асосии экологии вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъшавии тадриҷан ва ифлосшавии муҳити табиӣ аз ҷониби партовҳои истеҳсолӣ ва истеъмолӣ мебошад. Бояд гуфт, ки дар Тоҷикистон низоми ҷудогона ҷамъ овардани партовҳои дурушти маишӣ инкишоф наёфтааст, корхонаҳои коркарди партовҳо ва сӯзонидани партовҳо вуҷуд надоранд, истифодаи дуюмдараҷа, истифода ё коркарди партовҳои дурушт инкишоф наёфтааст [166, с. 74].

**Ҷадвали 2.8. - Партофта шудани моддаҳои зарарнок ба атмосфера дар вилоятҳои ҶТ** (ҳазор тонна/сол)

| Сол | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷумҳурии Тоҷикистон | 46,7 | 48,3 | 63,3 | 61,5 | 66,5 | 66,4 | 87,1 |
| Вилояти Суғд | 10,8 | 11,7 | 11,6 | 15,1 | 12,8 | 14,4 | 18,3 |
| **Вилояти Хатлон** | **1,7** | **5,6** | **18,6** | **8,5** | **20,0** | **16,3** | **24,1** |
| ВМКБ | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |

**Сарчашма:** [18, с. 206].

Аз ҷадвал бармеояд, ки партови моддаҳои зарарнок бисёртар дар вилояти Суғд ва вилояти Хатлон мушоҳида мешавад. Дар соли 2021 партови моддаҳои зарарнок дар вилояти Хатлон тамоюли баландшавиро пайдо карда, дар соли 2023 аз ҳама баландтар арзёбӣ мегардад. Сабаби асосии баландшавии нишондиҳандаи мазкур афзоиши муносибатҳои истеҳсолӣ ва инчунин хатарҳои ҷаҳонӣ, аз қабили буҳрони молиявӣ ва пандемия ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки дар давраи буҳрон маблағгузории соҳа коҳиш ёфта, пешгирии хавфҳои муосир бо мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ мегардад. Дар чунин шароит истифодаи оқилона ва самаранок ба роҳ мондани

истихроҷ ва коркарди ашёи хом ва дигар сарватҳои табиӣ боз ҳам аҳаммияти муҳимро пайдо мекунад.

Вобаста ба масъалаи мазкур, қайд кардан лозим аст, ки соҳаи канданиҳои фоиданок дар тараққиёти иқтисодиёт, бо ашёи фоиданок таъмин намудани саноат нақши калон мебозад ва яке аз манбаъҳои асосии даромади буҷети мамлакат мебошад. Базаи мавҷудаи канданиҳои фоиданок асоси саноати маъдани кӯҳӣ мебошад. Хусусиятҳои фарққунандаи он аз миқёс ва мураккабии он иборат аст, ки вай ҳамаи намудҳои канданиҳои фоиданокро дар бар мегирад ва талаботи хоҷагии халқро ба сарватҳои зеризаминӣ қонеъ мегардонад [176, с. 23].

Масалан, истихроҷи тилло аз давраҳои пеш ба иқтисодиёти кишварҳои дорои ин намуди бойгари аз ҳама зиёдтар самара меовард. Вобаста ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки дар Вилояти Хатлон дар баробари тилло дигар намуди сарватҳо низ мавҷуд мебошанд, ки раванди истихроҷ ва коркарди онҳо метавонад ба иқтисодиёти минтақа таъсир расонад.  Тилло албатта, аз ҳама самараноктарин сарвати табиӣ ба шумор меравад.

Тилло яке аз металлҳои қиматбаҳо ва серталабтарин мебошад. Истихроҷи тилло ба таҳкими иқтисод мусоидат мекунад, барои ҳалли бисёр масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ шароит фароҳам меорад. Ҳаҷми умумии тиллои истихроҷшуда аз зери замин дар давраи таърихӣ беш аз 135 ҳазор тонна тахмин карда мешавад. Дар вақтҳои охир тилло дар шакли қарзи тиллоӣ барои маблағгузории лоиҳаҳои нави истихроҷи маъдан фаъолона истифода мешавад [176, с. 24].

Солҳои охир тиллои истеҳсолшуда дар Тоҷикистон дар дохили кишвар фурӯхта шуда, онро асосан Вазорати молия ва Бонки миллии ҷумҳурӣ харидорӣ мекунанд. Дар Тоҷикистон зиёда аз 10 корхона ба истеҳсоли тилло машғуланд, ки бузургтарини онҳо – КМ «Зарафшон», КМ «Апрелевка», корхонаи давлатии «Тиллои тоҷик», корхонаи заршӯйӣ (артел)-и «Одина» мебошанд [37].

Агар имкониятҳои пурраи минтақаро аз рӯйи бойигарии табиӣ, махсусан, аз рӯйи захираҳои маъданҳои мавҷуда таҳлил кунем, аз иқтидори хеле баланди ин минтақа огоҳ мегардем. Тавре борҳо қайд кардем, дар ҳудуди вилоят конҳои нафту газ, ангиштсанг, селестин, тилло, намаки ғизоӣ ва сангӣ, гаҷ, қуму шағал, оҳаксанг, доломит, стронсий ва дигар ҷинсҳо кашф шудаанд, ки 18 кони фаъол ҳисобида мешаванд ва 53-тоаш ҳамчун захира нигоҳ дошта мешаванд [77, с. 146].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти истихроҷи маъдан ба системаҳои табиӣ таъсири назаррас дорад. Дар расм таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ оварда шудааст.




**Расми 2.4. Таъсири истихроҷи сарватҳои табиӣ ба рушди иқтисодиёти минтақа**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Истихроҷи сарватҳои табиӣ метавонад ба вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақа таъсири назаррас расонад. Таъсири он аз бисёр омилҳо, аз қабили навъи захираҳо, сатҳи таҷҳизоти технологӣ, устувории сиёсӣ, сатҳи идоракунии захираҳо ва ғайра вобаста мебошад.

Таҷрибаи истихроҷи сарватҳои табиӣ нишон медиҳад, ки коркард ва истихроҷ бояд дар заминаи омӯзиши таъсири мусбат ва манфӣ ба иқтисодиёт ва муҳити зист баррасӣ карда шавад.

Дар навбати суст диққат додан ба масъалаи мазкур сатҳи таъсир ба муҳити зист ва табиат афзоиш меёбад. Дар натиҷа вазъи раванди истихроҷ ва азхудкунии сарватҳои табиӣ бад шуда, ба экосистема низ таъсири манфӣ мерасонад.

Дар ин ҷо, риояи пурраи талаботи экологӣ дар раванди истифодабарии сарватҳои табиӣ зарур меояд. Дар шароити тағйирёбии иқлим ивазшавии ландшафтҳо ва ифлосшавии муҳити зист гуногунии биологировайрон мекунад. Барои ҳамин, дар ин самт амалисозии муносибати дурусти ҳаматарафаи давлат ва дигар ниҳодҳои ғайридавлатӣ зарур меояд.

Бояд қайд кард, ки проблемаи бехатарии экологӣ дар минтақа дар баробари бехатарии иқтисодӣ барои аҳолӣ ва умуман кишвар, яке аз самти афзалиятноки сиёсати иқтисодӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ба шумор меравад.

Муаммоҳои бехатарии экологии минтақаи Хатлон

Сармоягузории нокифояи чорабиниҳои ҳифзи муҳит ва маблағгузории давлатӣ

Сатҳи баланди ифлосшавии муҳити зист аз партовҳои одамон ва истеҳсолот

Механизми иқтисодии идоракунии муҳити зист соҳибкоронро ба фаъолияти экологӣ ҳавасманд намекунад

Низоми нокифояи имтиёзҳо барои соҳибкороне, ки тадбирҳои таъмини амнияти экологии тиҷоратро амалӣ мегардонанд

Мушкилоти ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ барои татбиқи лоиҳаҳои экологӣ

**Расми 2.5. Проблемаи таъмини бехатарии экологӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Дараҷаи бехатарии экологиро дараҷаи такмили як қатор воситаҳои амалӣ гардондани сиёсати бехатарии экологӣ арзёбӣ кардан мумкин мебошад:

– иқтисодӣ, вақте ки муносибатҳои истеҳсолӣ барои амнияти экологӣ замина ба вуҷуд меоранд, аз ҷумла, кафолати молиявии он;

- техникӣ, ҳангоме ки қарорҳои техникӣ барои ташкили истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза имкон медиҳанд;

- ташкилӣ ҳангоми таъсиси заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, назорат ва назорат аз болои иҷрои талаботи меъёрҳо ва қоидаҳо.

Албатта, аз байни омилҳои номбурда омили иқтисодӣ ҳалкунанда мебошад. Бешубҳа, роҳҳои ҳалли проблемаҳои бехатарии экологиро ба воситаи ҳалли проблемаҳои иқтисодӣ ҷустуҷӯ кардан лозим меояд.

Имрӯз мушкили асосӣ - нокифоя будани маблағгузорӣ мебошад. Проблемаҳои бехатарии экологиро ақаллан қисман бо роҳи зерин ҳал кардан мумкин мебошад:

- зиёд кардани меъёри пардохт барои таъсири манфӣ ба муҳити зист;

- тамоми маблағҳои мақсадноки буҷет бояд қатъиян ба сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои экологӣ равона карда шаванд;

- баланд бардоштани сатҳи маданияти экологии аҳолӣ;

- пешгирии вайроншавии муҳити зист тавассути пешгирии партовҳои заҳролуди маишӣ;

- пешгирии олудашавии радиоактивии муҳити зист, рафъи оқибатҳои садамаҳои радиатсионӣ ва офатҳои пештара [68, с. 27].

Бо иртибот ба масъала бояд қайд кард, ки зиёд шудани аҳолии кишвар ба афзоиши талабот ба маҳсулот пайдо мекунад. Инчунин, рушди муносибатҳои истеҳсолӣ низ дар навбати худ ба истихроҷи зиёдтари ашёи хом эҳтиёҷ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, тамоюли афзоиши захираҳо аз афзоиши аҳолӣ қафо мондан вуҷуд дорад.

Инчунин, майдони саноатӣ бо суръати тез меафзояд. Саноати ҷаҳонӣ дар саъю кӯшиши худ барои зиёд кардани истихроҷи неъматҳои гуногуни табиӣ бо мақсади истеъмол дар давоми як сол зиёда аз 30 миллиард метри мукааб оби тозанашуда, қариб 70 миллион тонна газҳои заҳролуд мерезад. Зиёда аз 2 миллион тонна доруҳои гуногуни заҳрнок истеҳсол карда метавонад.

Ба атмосфераи Замин бештар аз 200 миллион тонна гази карбонат, қариб 150 миллион тонна гази сулфур ва қариб 50 миллион тонна оксиди азот партофта мешавад. Дар баробари ин, фақат як қисми ками ресурсҳои гирифташуда дуруст истифода бурда мешаванд. Қисми зиёди он ки аллакай дар шакли маъмул табдил ёфтааст, ба муҳити табиӣ бармегардад, онро ифлос мекунад ва ба он таъсири манфӣ мерасонад. Тақрибан, 96-98 фоизи ашёи хом ва масолеҳи истихроҷшуда партовҳо мебошанд [145, с. 36].

Аз ин лиҳоз, ҳадафи асосии сиёсати кишвар дар самти ҳифзи муҳити зист ва истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолиятҳо ба муҳити зист ва таъмини амнияти экологӣ дар минтақа мебошад.

Барои татбиқи ҳадафҳо масъалаҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ самти калидӣ ба шумор рафта, дар ҳолати муносибати дуруст ва идоракунии оқилонаи ин раванд онҳо ба сарчашмаи муҳими даромад табдил мегарданд.

Вобаста ба ин ба амал баровардани тадбирҳои зерин пешбинӣ карда шудааст:

– пурра муҷаҳҳаз гардонидани шароити кори мутахассисон бо асбобу таҷҳизоти замонавӣ, компютерҳо ва почтаи электронӣ, сохтан ва ба истифода додани биноҳои нави маъмурӣ ва идораҳо;

– ташкили курсҳои экологӣ барои аҳолӣ ва пешниҳоди ахбору иттилооти экологӣ.

- гузаронидани корҳои ҳифзи соҳилҳо бо мақсади пешгирии ҳолатҳои фавқулода, сел, ярч, шустани соҳилҳо [2, с. 63].

Рушди устувори иқтисодиёти вилоят ва фаъолияти муътадили он, пеш аз ҳама, ба истифодаи самаранок ва оқилонаи неруи табиии он вобаста аст. Дар навбати худ, истифодаи самаранок ва оқилонаи иқтидори захираҳои табиии минтақаҳо ба самаранокии сармоягузорӣ дар рушд ва ба ҳамвории муносибатҳои истеҳсолӣ интиқол додани онҳо вобаста мебошад.

Тадқиқот ошкор менамояд, ки истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ барои минтақаҳо дар таъмини рақобатпазирии корхонаҳои хеш ва тавсеаи истеҳсолоти дохилӣ ва инчунин рушди бозори меҳнат мусоидаткунанда мебошад. Қайд кардан зарур аст, ки мавҷудияти иқтидори калони захираҳо худ ба худ наметавонанд ба рушди фаъолияти хоҷагидорӣ таъсир расонанд. Фақат дар ҳолати кашф, истихроҷ ва идоракунии дурусти истифодабарӣ онҳо метавонанд ба омили рушд табдил гарданд.

Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки сиёсати дурусти нархгузорӣ, идораи самараноки равандҳои истеҳсолӣ, воридоти сармояи хориҷиву технологияи пешқадам, омодагии кадрҳои баландихтисос ва монанди инҳо аз қабили тадбирҳое маҳсуб меёбанд, ки дар самти истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ талаботи калидӣ ба ҳисоб мераванд.

Бояд қайд кард, ки таъсири захираҳои табиии истифодашаванда дар сохтори истеҳсолот, инчунин, тавассути ҷалби сармоя зоҳир мегардад [124, с. 45].

Ҳамин тариқ, истифодаи самарабахши захираҳо кам кардани исрофкорӣ ва бештар истифода бурдани партовҳоро талаб мекунад. Принсипҳои партов, коркард ва такрорӣ барои кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист мусоидат мекунанд.

Принсипҳои эҳтиётӣ ба истифодаи танҳо миқдори зарурии захираҳо барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ нигаронида шудаанд. Ин маънои кам кардани истеъмоли зиёдатӣ ва хароҷоти нолозимро дорад. Истифодаи технологияи муосир ва навоварӣ ба самараноктар истифода бурдани сарватҳои табиӣ мусоидат мекунад. Қарорҳои технологӣ самараи истихроҷ, коркард ва истифодаи захираҳоро баланд бардошта метавонанд.

Дар вақти истифода бурдани сарватҳои табиӣ гуногунии биологии минтақаро ба назар гирифтан лозим меояд. Муҳофизати экосистемаҳо ва намудҳо қисми ҷудонашавандаи истифодаи устувори захираҳо мебошад.

Захираҳо бояд тавре истифода шаванд, ки барои наслҳои оянда фазои кофӣ дошта бошанд. Ин маънои онро дорад, ки истифодаи захираҳо набояд ба камшавии онҳо ё таназзули муҳити зист оварда расонад. Мониторинги мунтазами ҳолати истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва идораи оқилонаи равандҳои истеҳсолӣ ба мо имкон медиҳад, ки сатҳҳои афзалиятнокро сари вақт ошкор намоем ва стратегияҳои беҳтаринро дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон татбиқ намоем.

Қабули қарорҳо дар бораи истифодаи захираҳо бояд раванди ошкоро ва шаффоф бошад. Рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия метавонад сатҳи фишорҳои экологиро паст намояд. Татбиқи чорабиниҳои мазкур ва қабули қарорҳои оқилона оид ба истифодаи захираҳои табиӣ ба устувории дарозмуддати минтақа мусоидат мекунад.

# БОБИ 3. МУКАММАЛНАМОӢ ВА ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ ИСТИФОДАБАРИИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Роҳҳои такмилдиҳии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон

Дар шароити гузариш ба модели нави фаъолияти хоҷагидорӣ дар заминаи истифодабарии бойигарии кишвар ва рушди сармояи инсонӣ азхудкунӣ ва фурӯши иқтидори минтақаҳои кишвар барои татбиқи ҳадафҳои стратегӣ заминаи устувор мегузорад. Ошкори самаранокии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар минтақаҳои кишвар, аз ҷумла вилояти Хатлон, ки иқтидори калони сарватҳои табииро дорад, яке аз масъалаҳои муҳимми сиёсати хоҷагидории кишвар ба ҳисоб меравад.

Истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба минтақа имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои устувор ва дарозмуддати даромад ба вуҷуд оранд. Ин ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунад ва вобастагӣ аз бозорҳои ноустуворро коҳиш медиҳад. Илова бар ин, истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ба ҳадди ақал кам кардани таъсири истихроҷ ё истеъмоли ин захираҳо мусоидат мекунад. Ин барои ҳифзи экосистемаҳо, гуногунии биологӣ ва пешгирии тағйирёбии манфии иқлим муҳим аст.

Дар ин ҷо сухан бештар дар бораи истифодаи дурусти сарватҳои табиӣ меравад. Дуруст истифода бурдани захираҳои табиӣ тақсимоти баробари неъмату имкониятҳоро барои аҳолии маҳаллӣ таъмин мекунад. Ин ба суботи иҷтимоӣ мусоидат мекунад ва хатари муноқишаро бар сари дастрасӣ ба захираҳо коҳиш медиҳад. Дар минтақаи Хатлон, ки дорои иқтидори табиӣ мебошад, ин захираҳо метавонанд зери рақобат ва низоъ қарор гиранд. Идоракунии самаранок ва истифодаи захираҳо метавонад ба пешгирии муноқишаҳои эҳтимолӣ ва рушди ҳамкорӣ мусоидат кунад.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки он минтақаҳое, ки иқтидори калони бойигарии табиӣ доранд ва истифодабарии онҳоро ба таври самаранок пиёда мегардонанд, чунин иқтидорро ба яке аз қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди минтақа табдил дода метавонанд.

Бинобар ин, ба роҳ мондани истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ на фақат барои вилояти Хатлон, балки барои дигар минтақаҳои кишвар низ шарти калидӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тариқ, муайян ва устувории истифодаи самараноки захираҳои табиии минтақаи Хатлон шарти рушди устувор, ҳифзи муҳити зист ва некуаҳволии аҳолӣ ба шумор меравад.




**Расми 3.1. Беҳтарсозии истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Татбиқи усулҳои дар расм овардашуда барои боз ҳам самараноктар истифода бурдани сарватҳо ва ҷалби технолгия мусоидат намуда, дар баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Инчунин, баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии шаҳрвандони маҳаллӣ оид ба истифодаи самараноки захираҳо, таҳияи барномаҳо оид ба идораи оқилонаи онҳо, махсусан идоракунии партовҳо ва иҷрои меъёрҳои экологӣ дар шароити кунунӣ талаботи замон ба шумор меравaнд. Гузаронидани тадқиқот дар самти мазкур барои ошкор намудани муаммоҳо ва паст намудани сатҳи хавфҳо муосир замина гузошта, барои истифодаи беҳтару хубтари иқтидори табиӣ имкониятҳои боз ҳам васеътарро фароҳам меоранд.

Аз ин лиҳоз, риояи талаботи қонунгузорӣ аз тарафи иштирокчиёни бозор ва аз тарафи дигар, пешниҳоди имтиёзҳои мухталиф аз қабили ҳавасмандгардонии фаъолият ва имтиёзҳои андозиву кумакпулӣ ҳамбастагии таҳкими ҳамкориҳои бахши хусусиву давлатиро мустаҳкам менамояд.

Дар баробари ин, таҳияи стратегияҳои идоракунии захираҳои табиии минтақа бо мақсади мувозинат додани истифодаи захираҳо ва ҳифз барои оянда замина мегузорад. Инчунин, таҳияи барномаҳои сайёҳӣ, ки ба ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд, басо муҳим арзёбӣ мегардад. Барои мубодилаи таҷриба ва беҳтар истифода бурдани сарватҳои табиӣ бо дигар минтақаҳо, ташкилотҳо ва соҳаҳо робитаи шарикона муқаррар кардан низ муҳим ба шумор меравад. Татбиқи ин роҳҳо метавонад ба минтақаи Хатлон имконият диҳад, ки захираҳои табиии худро самараноктар ва устувортар истифода баранд.

Бояд қайд кард, ки проблемаи асосии идоракунии муҳити зист дар замони кунунӣ афзоиши истеъмол ва истифодаи захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Сабаби ин зуҳурот, аз як тараф, афзоиши аҳолии сайёра

бошад, аз тарафи дигар, инкишофи иқтисодиёти ҷаҳон ва тараққиёти илмию техникӣ арзёбӣ мегардад. Дар баробари ин, дар ин замина, ифлосшавии муҳити атроф миқёси калонро дар бар мегирад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки суръати афзоиши тадбирҳои муҳофизати муҳити зист ҳозир аз суръати таназзули он хеле ақиб мемонад. Чун қоида, иқтисодиёт дар экосистема ҳар қадар амиқтар ҷойгир шуда бошад, ҳар қадар фишори бештаре ба он берун аз имкониятҳои экосистема мерасонад, чунин номувофиқат ҳамон қадар харобиовартар мегардад.

Бо иртибот ба ин масъала қайд кардан муҳим аст, ки дар Аврупо, ИМА ва Ҷопон дар даҳсолаҳои охир сарфи ашёи хом хеле кам шудааст. Ин барои кам кардани мушкилоти экологӣ роҳи дарозеро тай мекунад. Бо вуҷуди ин, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ва кишварҳои ҷаҳони сеюм камбизоатӣ, нобаробарӣ боқӣ монда, буҳрони экологӣ бо офатҳои табиӣ ва техногенӣ шиддат мегирад [24].

Дар кишварҳои пасошуравӣ низ имрӯз истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ самти муҳимми сиёсати иқтисодии кишвар арзёбӣ мегардад. Ҳамин тариқ, дар фазои пасошуравӣ давлатҳо ба таври васеъ инкишоф меёбанд ва тавассути рушди пурра ва ҳаҷми истеъмоли захираҳои онҳо мутаносибан ба афзоиши иқтисодҳои онҳо тағйир меёбад.

В. Горбанев дар мақолаи худ қайд мекунад, ки дар мамлакатҳои Ғарб ба ин масъала аҳаммияти калон дода, ба ҳисоби миёна 4-5 фоиз ба барномаҳои экологӣ ҷудо карда мешавад ва ин нишондиҳанда мунтазам меафзояд. Дар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ин рақам ба таври қобили мулоҳиза камтар аз 1% мебошад [133].

Дуруст дарк кардан зарур аст, ки ғайрисамаранок истифода бурдани сарватҳои табиӣ, ба назар нагирифтани риояи талаботи экологӣ ва гузоштани мақсади ягона, яъне ба даст овардани фоида барои татбиқи ҳадафҳо ва арзишҳои миллӣ мувофиқ намебошад.

Дар ин маврид пурра ё қисман аз даст додани функсияҳои муҳити табиӣ, иқтидори иқтисодӣ, маданию тандурустии он ба амал меояд. Ба ин муносибат зарурати беҳтар кардани самараи истифодаи захираҳо ба миён меояд.

Дар айни замон, муҳити зист дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолии инсон зарбаи харобиовар ба миқёси калон гирифта истодааст. Ин яке аз проблемаҳои идоракунии экологӣ мебошад. Проблемаи асосӣ афзоиши истеъмол ва истифодаи сарватҳои табиӣ мебошад. Тавре қайд кардем, ба ин, аз як тараф, афзудани аҳолии сайёра, аз тарафи дигар, тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон ва прогресси илмию техникӣ сабаб мешавад. Ҳамаи ин боиси ифлосшавии миқёсан калони муҳити зист мегардад ва суръати афзоиши тадбирҳои муҳофизати муҳити зист ҳозир аз суръати таназзули он хеле ақиб мемонад [108, с. 170].

Бинобар сабаби воридшавии иқтисодиёт ба экосистема, таъсири харобиовари он ба он мутаносибан зиёд мешавад. Идоракунии муҳити зистро метавон ба ду намуд тақсим кард. Идоракунии оқилона ва ғайриоқилонаи истифодаи сарватҳои табиӣ.

Идоракунии самаранок ва оқилонаи муҳити зист, пеш аз ҳама, муносибати ҷиддии тамоми иштирокчиёни бозор, риояи талаботҳои муосири экологӣ таалаб мекунад. Дар ин ҷо имкониятҳои алтернативии энергия низ мавҷуд мебошанд, ки саҳми онҳо дар истифодаи самаранок нақши муҳимро иҷро мекунанд. Дар сурати истифодаи ғайриоқилона бошад, истифода бурдани захираҳои табиӣ - коре, ки дар низоми идоракунӣ истифода мешавад, ба ноил шудан ба ин мақсадҳо мусоидат намекунад.

Аз ин лиҳоз, баланд бардоштани сатҳи истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар ба шумор меравад. Татбиқи сатҳи баланди истифодабарии сарватҳои табиӣ ҳамчун омили рушди муносибатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ самаранокии фаъолияти хоҷагидории кишварро муайян

мекунад. Баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сарватҳои табиӣ аз омилҳои зерин вобастагии калон дорад:

1. Истифодаи оптималии захираҳои табиии барқароршаванда ва истифодаи манбаъҳои алтернативии энергия;

2. Кам кардани партов ба объектҳои обҳои рӯйизаминӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии онҳо аз ҳисоби имкони коркарди обҳои партов;

3. Таҳия ва татбиқи навовариҳои экологӣ, ки имкон медиҳанд оқибатҳои манфии фаъолияти иқтисодӣ бартараф ва паст карда шавад, инчунин ба барқарор намудани мувозинат дар рушди табиат ва ҷомеа мусоидат мекунанд;

4. Истифодаи мутаносиби захираҳои табиӣ дар фаъолияти иқтисодӣ бо назардошти ҳифзи манфиатҳои наслҳои ҳозира ва оянда;

5. Татбиқи тадбирҳои муҳофизати муҳити зист аз таъсири зараровари равандҳои истеҳсолӣ ва фаъолияти инсон, инчунин оқибатҳои манфии навовариҳои технологӣ, ҳарбӣ, ҷамъиятию сиёсӣ ва ғайра;

6. Назорати истифодаи захираҳои табиӣ аз тарафи корхона дар сатҳи давлатӣ [109, с. 255].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар таҷрибаи хоҷагидорӣ барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии сарватҳои табиӣ усулҳои гуногун коркард карда шудаанд. Усулҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаи Хатлон дар расм оварда шудааст.




**Расми 3.2. Услуҳои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ**

**Сарчашма:** коркарди муаллиф.

Аз расм бармеояд, ки усулҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа бисёр буда, аз татбиқи ҳамоҳанги онҳо рушди иқтисодиёти минтақа вобастагии калон дорад. Бартарии тақсимоти ҷамъиятии меҳнатро аз рӯйи намуди фаъолияти иқтисодӣ мушоҳида кардан мумкин мебошад. Дар иқтисодиёти ҳозира ТБМ соҳаҳои хоҷагии халқ, саноат, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, савдо, маориф, нигаҳдории тандурустӣ ва бисёр соҳаҳои дигарро дар бар мегирад, равшан зоҳир мегардад.

Тақсимоти меҳнат ва махсусгардонӣ яке аз шартҳои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат буда, ба баланд шудани дараҷаи некуаҳволии одамон дар ҷамъият таъсир мерасонад. Инчунин, сарфакорӣ ба онҳо имконият медиҳад, ки бештар ё яххела, вале моли баландсифат харанд.

Сарфаи захираҳо дар корхона дар кам кардани хароҷоти истеҳсолот (арзиши ашёи хом, масолеҳ, меҳнат, қувваи барқ, вақти кор) ба воҳиди маҳсулот аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияи нави сарфаи захираҳо ва истифодаи масолеҳи нави бинокорӣ ифода меёбад. Самаранокӣ маънои истифодаи оқилонаи захираҳои маҳдуд, яъне ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар бо хароҷоти ҳадди ақал, ки шахс дар корхона дорад, ифода мегардад [34].

Бояд қайд кард, ки дар рафти фаъолияти иқтисодӣ шахсони алоҳида, ширкатхо ва минтақаҳо барои ҳуқуқи соҳиби захираҳои маҳдуд бо ҳам рақобат мекунанд. Дар ин ҷо рақобат, чун анъана, барои нигоҳ доштани нарх дар сатҳи муътадил, баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат ва инчунин сифати маҳсулот хизмат мерасонад.

Таҳлилҳо ошкор менамоянд, ки дар истифода ва тиҷорати маҳсулоти сарватҳои табиӣ соҳибкорӣ нақши муҳимро иҷро карда, аз тарафи дигар, истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ аз сатҳи баланди маданияти бозоргонии онҳо алоқамандӣ дорад.

Тавре маълум аст, фаъолияти соҳибкорӣ асоси рушди иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ба баланд шудани сатҳи самаранокии истифодаи сарватҳои табиӣ таъсир мерасонад.

Маҳз соҳибкорони муваффақ дар ҷорӣ намудани технологияи пешқадам дар фаъолияти хоҷагидорӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, аз ҷумла, дар самти идораи оқилонаи захираҳо мусоидат мекунанд. Аз ин рӯ, дар насли наврас ташаккул додани қобилияти соҳибкорӣ маҳз дар минтақаҳои кишвар яке аз вазифаҳои илми иқтисодӣ мебошад.

Дар баробари ин, истифодаи қарзҳои бонк, маблағгузориҳои берунӣ ва дохилӣ, субсидияҳои гуногун ба баланд шудани самараи истифодаи захираҳои маҳдуд хеле ҷолиб арзёбӣ мегардад. Давлат метавонад аз созмонҳои молиявии байналмилалӣ ва ё аз шаҳрвандонаш бо барориш ва фурӯхтани коғазҳои қиматнок қарз гирад. Ин ба

минтақаҳо имкон медиҳад, ки баъзе проблемаҳои тезутунди иқтисодиеро, ки ба миён омадаанд, бартараф намояд. Бо иртибот ба муаммои мазкур, қайд кардан зарур аст, ки раванди оқилонаи амал ба қобилияти фард, ширкат ва давлат дар ёфтани роҳи ҳалли муносиби иқтисодӣ тавассути муқоисаи ниёзҳо ва имкониятҳо, хароҷот ва фоида, даромад ва хароҷот асос меёбад. Дар натиҷаи ин амалҳо варианти оптималии истеҳсолӣ ё истеъмоли мол дар минтақа қабул карда мешаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки рушди иқтисоди муосири ҷаҳонӣ тамоюли афзоиши ҳаҷми истеъмоли маъданҳои фоиданокро тавсиф мекунад. Дар давоми 35 соли охир 80-85 фоизи нафту газ аз ҳаҷми умумии истеҳсоли онҳо дар тамоми давраи таърихӣ истифода шудааст. Ҳаҷми истифодаи дигар навъҳои ашёи хоми минералӣ дар ҳамин солҳо 3-5 баробар афзудааст [34].

Дар минтақаҳои ҶТ низ сол то сол афзоиши истифодабарии захираҳои табиӣ ба назар мерасад. Гарчанде истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ зиёд шуда бошад ҳам, имрӯз онҳо барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, бахусус дар минтақаҳои кишвар, кам мебошанд.

Бояд қайд кард, ки азхудкунии сарватҳои табиии минтақа метавонад ҳам оқибатҳои мусбат ва ҳам манфӣ ба бор орад. Истифодаи захираҳои табиӣ метавонад ба рушди иқтисоди минтақа тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ, афзоиши даромади андоз ва рушди саноат мусоидат кунад. Дар баробари ин, истифодаи захираҳои табиӣ барои истеҳсоли энергия метавонад минтақаро бо истиқлолияти энергетикӣ ва устуворӣ таъмин намояд. Азхудкунии захираҳо ба инкишофи инфраструктураи минтақа, аз қабили сохтмони роҳхо, бандарҳо, роҳҳои оҳан ва дигар объектҳо мусоидат карда метавонад.

Бо вуҷуди ин, дар раванди истифодабарии сарватҳои табиӣ ҷанбаҳои манфӣ низ мавҷуд мебошанд. Нодуруст истифода бурдани

сарватҳои табиӣ метавонад ба рушди фаъолияти хоҷагидорӣ таъсири манфӣ расонад. Ғайрисамаранок ба роҳ мондани истифодабарии сарватҳои табиӣ инчунин сабаби харобшавии экосистема, ифлосшавии об ва вайронкунии ҳаво мегардад. Чунин ҳолат метавонад ба саломатии одамон ва олами набототу ҳайвонот таъсири манфӣ расонад. Дар баробари ин, истифодаи ғайриоқилонаи сарватҳои табиӣ метавонад ба нофаҳмиҳо бо сокинони таҳҷоӣ, бо сабаби кӯчидан ё поймол намудани баъзе ҳуқуқҳои аҳолии минтақа, инчунин, нобаробарии иҷтимоӣ ва иқтисодиро ба вуҷуд оварад.

Албатта, фақат ба такяи истифодабарии бойигарии кишвар дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ё аз ҳад зиёд намудани истихроҷ метавонад ба сатҳи бехатарии иқтисодӣ таъсир расонад. Дар ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи таъмини рушди дарозмуддат меравад.

Барои ҳамин, дар зери мафҳуми истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ инчунин ҳифзи онҳо барои насли оянда низ фаҳмида мешавад. Дар раванди азхудкунӣ ва истихроҷи сарватҳо зарур аст, ки риояи тадбирҳои барои рушди оянда нигаронидашуда иҷро гарданд.

Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини истифодаи самараноки захираҳои табиӣ аз татбиқи тадбирҳои зиёд иборат мебошанд. Яке аз чунин тадбирҳо ташкили такрористеҳсоли захираҳои барқароршаванда дар шароити имрӯза ба ҳисоб меравад. Дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти сабз маҳз ба истифодаи энергияи алтернативӣ диққати махсус дода мешавад.

Инчунин, ташаккули иқтисодиёти сиркулярӣ низ яке аз усулҳои истифодабарии самараноки ҷузъҳои зиёд аз партовҳо мебошад. Татбиқи чунин ҳадаф барои нигоҳ доштани муҳити зист ва аз тарафи дигар, гирифтани фоида аз ҷузъҳои партовҳо самти фоидаовар маҳсуб меёбад. Албатта, дар ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи коркарди партовҳои

маишӣ меравад, ки дар пешбурди истеҳсоли дигар намудҳои маҳсулот саҳми калон доранд.

Баланд бардоштани ҳосилнокии замин низ метавонад дар таъмини амнияти озуқаворӣ нақши муҳимро иҷро кунад. Дар ин самт, инчунин, барқарорсозии хок ва пешгирӣ аз ҳама гуна эрозияҳо тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Илова бар ин, таъмини захираҳои обӣ барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ низ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Бо дарназардошти ин вазифаҳо сиёсати давлатии сарфаҷӯӣ дар соҳаи истифодаи самараноки захираҳои моддӣ ва табиӣ самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- истифодаи васеи технологияҳои муосир ва энергияи сабз;
- ҳавасманднамоии корхонаҳои ба коркарди ашёи хом машғулбуда;
- дастгирии давлатии комплексҳои истеҳсолии дорои сатҳи баланди маҳсулнокӣ;
- тавсеаи иқтидори содиротӣ ва рушди воридотивазкунанда;
- пешрафти бартаридошта дар истеҳсоли молҳое, ки барои истифодаи дарозмуддат пешбинӣ шудаанд [34].

Бояд қайд кард, ки таъмини рушди устувори бахши кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, махсусан барои истеҳсоли энергияи сабз усулҳои муҳим арзёбӣ мегарданд. Идоракунии оқилонаи хоҷагии ҷангал ва захираҳои обӣ дар навбати худ барои нигоҳ доштани гуногунии биологӣ басо зарур маҳсуб меёбанд. Маданияти баландӣ бозоргонии иштирокчиёни бозор бошад, барои истеъмоли бошууронаи сарватҳо хеле ҳам зарур мебошад.

Татбиқи усулҳое, ки ҳосилнокӣ ва самараи зироаткориро бе вайрон кардани ҳосилхезии замин баланд мебардоранд, монанди киштгардон, истифодаи нуриҳои органикӣ, истифодаи усулҳои биологии мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва ғайра барои истифодаи оқилонаи захираҳо мусоидаткунанда мебошанд.

Масъалаҳои истифодабарии самараноки захираҳои обӣ барои рушди кишоварзӣ дар заминаи такрористеҳсоли об ва такмили низоми обёрӣ умуман дар самти истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин ҷо сухан оиди истифодабарии чандбораи захираҳои обӣ ва паст намудани сатҳи талафоти он меравад.

Нигоҳ доштани хоҷагии ҷангал дар заминаи шинондани дарахтони зиёд аз самти муҳими идоракунии оқилонаи сарватҳои ҷангал ба ҳисоб меравад. Ҳифзи экосистема ва барқарорсозии он аз дуруст идоракунии ин самт вобастагии калон дорад. Барқарорсозии экосистема дар навбати худ барои рушди муносибатҳои истеҳсолӣ мусоидаткунанда мебошад.

Идоракунии оқилонаи раванди нобудсозии партовҳо барои нигоҳдории муҳити зист ва ташаккули иқтисодиёти даврӣ (циркулярная экономика) имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, ба гуногунсозии муносибатҳои истеҳсолӣ пояи хуб мегузорад.

Омӯзиш ва огоҳонидани аҳолӣ дар бораи аҳаммияти ҳифзи захираҳои табиӣ, ташаббуси барномаҳо ва чорабиниҳои таълимӣ, аз қабили масъалаҳои рӯзмарраи имрӯзу оянда боқӣ мемонад. Бояд қайд кард, ки дар баробари дигар омилҳои рушд, дар самти истифодаи самараноки захираҳо, ҳамбастагии ҳамаи иштирокчиёни бозор зарур меояд.

Тоҷикистон сарвати бузурги маъданӣ дорад. Татбиқи чорабиниҳои зерин барои самаранок истифода ва идораи оқилонаи захираҳои табиӣ имкон медиҳад:

- таҳияи усулҳои иктишофи геологӣ ва истихроҷи пурраи ашёи хоми маъданӣ;

- тадқиқот дар самти такмили усулҳои безараргардонии партовҳои сахти маишӣ;

- таҳия ва такмили технологияҳои коркарди такрорӣ, коркарди консентратҳо ва нобудсозии партовҳои хатарнок;

- ислоҳоти иқтисодӣ бо роҳи азнавтаҷҳизонидани техникӣ дар ҳамаи соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ, ҷорӣ намудани истеҳсолоти кампартов ва равандҳои технологии озод дар истеҳсолот.

Барои ин лозим аст:

- консепсияҳо, пешгӯиҳо ва барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки истеҳсолоти саноатиро дар шароити таъмини мувозинати экологӣ, ҳифз ва рушди биосфера таҳия шавад;

- таҳия ва татбиқ намудани системаҳои оптималии идоракунии сифати низоми экологӣ ва иқтисодӣ дар асоси истифодаи технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза;

- таҳия ва оғози марҳила ба марҳила татбиқи системаҳои алтернативии сарфаи энергия, ки амнияти экологӣ ва сарфаи захираҳоро таъмин мекунанд;

- ба амал баровардан ва тезонидани таҷҳизонидани техникӣ ва реконструксияи куллии корхонаҳои мавҷуда ва монанди инҳо [6].

Ҳамин тариқ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба минтақаи Хатлон имкон медиҳад, ки сарчашмаҳои устувор ва дарозмуддати даромадро ба даст орад. Дар минтақаи Хатлон, ки дорои калони иқтидори табиӣ мебошад, сарватҳои табиӣ метавонанд зери рақобат қарор гиранд. Идоракунии самаранок ва истифодаи захираҳо ба пешгирии муноқишаҳои эҳтимолӣ ва рушди ҳамкорӣ мусоидат мекунад.

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар ҳама давру замон имкониятҳоро барои тиҷорати истеҳсолот васеъ мегардониданд. Худи мақсади истифодаи оқилонаи сарватҳо низ аз ҳамин чиз иборат мебошад.

Масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, ба ташкили такрористеҳсол, ҳифзи захираҳои табиӣ, истихроҷ ва коркарди пурраи ашёи хом дар дохили кишвар, рушди соҳаҳои илмталаб ва монанди инҳо дахл дорад. Инчунин, дастгирии оммавии ашёи хоми дуюмдараҷа, таҳияи усулҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи иктишофи геологӣ ва истихроҷи ашёи хоми маъданӣ ва

инчунин, таъсиси инфрасохтори муосир, аз қабили шартҳои муҳимми рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба ҳисоб меравад.

Беҳтар намудани истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақа муносибати маҷмуӣ ва татбиқи якчанд стратегияҳои асосиро талаб мекунад. Истифодаи технологияи навтарин ва навоварӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо заминаи устувор мегузорад. Таҳияи стратегияҳо ва нақшаҳои дарозмуддати идоракунии захираҳои табиӣ, на танҳо барои ниёзҳои ҷорӣ, балки барои наслҳои оянда фоидаовар мебошад.

Татбиқи воситаҳои иқтисодӣ, аз қабили сиёсати андозбандӣ, пешниҳоди имтиёзҳо ва сабукиҳо метавонанд ба азхудкунӣ ва идораи оқилонаи сарватҳои табиӣ мусоидат кунанд. Дар ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи ҷорӣ намудани наовариҳо ва ҳавасмандкунии иштирокчиёни фаъолияти хоҷагидорӣ дар вилояти Хатлон меравад.

Таҳкими ҳамкориҳо бо дигар минтақаҳои кишвар, таъсири мутақобилаи судманди иқтисодиву тиҷоратӣ бо созмонҳо ва кишварҳои шарикони рушд барои баланд бардоштани сатҳи маҳсулнокии меҳнат, воридоти технологияҳо ва дигар ҳамкориҳо дар таҳкими рушди устувор заминаи устувор мегузорад.

Инчунин аз ба роҳ мондани сиёсати дуруст дар самти истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба анҷом расонидани корҳои зиёдро амалисозӣ мегардонад. Мавҷудияти базаи мукаммали қонунгузорӣ ва таъсиси фазои мусоиди сармоягузорӣ барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ва идоракунии самараноки равандҳои бунёди устуворнокии онҳо мусоидаткунанда мебошанд. Татбиқи ҳамоҳанги ҳамаи ин омилҳо истифодаи захираҳои табииро дар минтақа беҳтар намуда, барои наслҳои оянда муҳити устувор ва таъмини шароити мусоиди иқтисодӣ фароҳам меорад.

### 3.2. Танзими давлатии истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ дар минтақа

Яке аз омилҳои асосии истифодаи самаранок ва оқилонаи захираҳои табиӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ иштироки давлат тавассути тадбирҳои танзимкунанда, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид ва дастгирии зарурӣ нигаронида шудааст, мебошад. Нақши танзими давлатӣ дар самти самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ дар сатҳи минтақавӣ бо як қатор омилҳои асосӣ, аз ҷумла, таъмини суботи экологӣ, мусоидат ба рушди иқтисодӣ, ноил шудан ба адолати иҷтимоӣ, пешгирии ҳолатҳои низоӣ ва вокуниш ба чолишҳои ҷаҳонӣ муайян карда мешавад.

Бояд қайд кард, дар шароити имруза танзими давлатии равандҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ дар таъмини устувории экологии минтақа нақши ҳалкунанда дорад. Он чораҳоро оид ба пешгирии ифлосшавии муҳити зист, ҳифзи гуногунии биологӣ ва идоракунии захираҳо тавре дар бар мегирад, ки зарар ба экосистемаҳоро коҳиш диҳад, ки ҳамаи онҳо барои пешбурд ва ташаккули иқтисоди сабз дар кишвар ҷудошавандаанд.

Бояд дуруст дарк кард, ки идоракунии самаранок ва оқилонаи давлатии захираҳои табиӣ самти рушди устувори иқтисодии ҳар як минтақа мебошад. Вазифаҳои он таҳияи стратегияҳои оқилонаи коркарди захираҳо, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ дар кишвар мебошанд.

Таҳлили гузаронидашуда нишон медиҳад, ки танзим дар соҳаи захираҳои табиӣ мисли дигар тадбирҳои давлатӣ низ ба таъмини адолати иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Маҳз, дар доираи он манфиатҳои ҷомеаҳои маҳаллӣ ҳифз мегарданд ва оқибатҳои манфии эҳтимолии истихроҷ ва инчунин, истифодаи захираҳои табиӣ пешгирӣ карда мешаванд.

Бояд дуруст дарк кард, ки танзими давлатӣ дар пешгирии низоъҳои марбут ба истифодаи захираҳои табиӣ нақши аз ҳама муҳим мебозад. Стандартҳо, қоидаҳо ва механизмҳои танзимшавандаи давлатӣ барои ҳалли баҳсҳо байни ҷонибҳои манфиатдор ва дигар иштирокчиёни бозор таъмини мубодилаи самараноки захираҳо кумак мекунанд.

Дар шароити имрӯза танзим кардани истифодаи сарватҳои табиӣ мисли дигар тадбирҳои давлатӣ бо мушкилиҳои глобалӣ, чун тағйирёбии иқлим, устувории захираҳои об ва ҳифзи табиат, аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Танзими оқилонаи истифодаи бойигарии минтақаҳо имконият медиҳад, ки таъсири он ба мушкилоти экологӣ дар миқёси глобалӣ танзим ва таҳти назорат қарор дода шавад.

Танзими давлатӣ ҳамчун шакли оптималии идоракунии фаъолияти хоҷагидорӣ дар сатҳи идораи оқилонаи сарватҳои табиӣ низ нақши калидӣ мебозад, ва таъмини рушди усувори ҳар як минтақа дар шароити номуайянӣ аз он вобастагии калон дорад.

Танзими давлатии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба натиҷаҳои рушди иқтисодии минтақа метавонад таъсири муфид расонад. Таъмини афзоиши нишондиҳандаҳои иқтисодии минтақа дар навбати худ қодиранд, барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ пояи устувори молиявию гузоранд. Яъне, рушди муътадили иқтисодӣ ва истифодаи сарватҳои табиӣ ба ҳамдигар сахт алоқамандӣ дошта, дар шароити кунунӣ барои тараққиёти минтақа басо аҳаммияти муҳим пайдо мекунанд.

**Ҷадвали 3.1. - Натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии вилояти Хатлон дар соли 2023**

| Соҳа | Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Миқдор | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|
| **Саноат** | Шумораи корхонаҳои саноатӣ | воҳид | 822 | Дараҷаи тараққиёти саноати вилоятро инъикос мекунад |
| | Вазни қиёсии маҳсулот дар ҳаҷми саноат | % | 25,3 | Чоряки ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати кишвар |
| | Истеҳсоли қувваи барқ | млн кВт·с | 18 232 | Яке аз истеҳсолкунандаи пешқадами энергия дар мамлакат |
| | Истеҳсоли трансформаторҳои пуриқтидор | ҳаз. кВА | 54,7 | |
| | Истеҳсоли нахи пахта | ҳаз. тонн | 78,7 | |
| **Кишоварзӣ** | Истеҳсоли ғалла | ҳаз. тонн | 1 086,2 | Манбаи асосии ғалла |
| | Истеҳсоли картошка | ҳаз. тонн | 227,3 | |
| | Истеҳсоли пахтаи хом | ҳаз. тонн | 229,1 | Зироати аз ҷиҳати стратегӣ муҳимми содиротӣ |
| | Истеҳсоли сабзавот | ҳаз. тонн | 1 788,2 | Имконияти баланди сабзавоткорӣ |
| | Истеҳсоли зироатҳои полизӣ | ҳаз. тонн | 676,8 | |
| **Чорводорӣ** | Саршумори чорвои калони шохдор | ҳаз. сар | 1 119,5 | Дар ҳамаи категорияи хоҷагидорӣ |
| | Аз он ҷумла модаговҳо | ҳаз. сар | 581,0 | |
| | Саршумори гӯсфанду буз | ҳаз. сар | 2 808,4 | |

*идомаи ҷадвали 3.1.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Шумораи аспҳо | ҳаз. сар | 62,2 | |
| **Сармоягузорӣ** | Маблағгузориҳои асосӣ ба иқтисодиёти вилоят | млн сомонӣ | 2 978,7 | Фаъолияти назарраси сармоягузорӣ |
| | Ҳиссаи умумӣ аз маблағгузориҳои асосии кишвар | % | 14,4 | Ҳар ҳафтумин сомонӣ дар вилояти Хатлон сармоягузорӣ мешавад |

**Сарчашма**: [6, с. 12].

Дар асоси таҳлилҳои ҷадвал барои таъмини рушди босубот дар вилояти Хатлон ошкор намудани роҳҳои такмили рушди минбаъда имконпазир мебошад. Дар бораи рушди устувори минтақа сухан ронда, пеш аз ҳама, қайд кардан зарур аст, ки новобаста аз он ки ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ 25,3%-ро ташкил дода бошад ҳам, сохтори саноат ҳоло ҳам назар ба бахши энергетика ва текстил маҳдуд мебошад.

Барои такмили соҳа рушди соҳаи мошинсозӣ, бунёди корхонаҳои муосири коркарди маҳсулот ва инчунин таҳкими саноати кимиё ва сабук зарур меояд. Ҷалби сармоя ба воситаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ низ аз усули самараноки рушди минтақа ба шумор меравад. Дар баробари ин, бунёди паркҳои саноатӣ ва стартапҳо барои сармоягузорон аҳаммияти басо муҳим доранд. Яъне, дар ин ҷо сухан дар бораи диверсификатсиякунонии саноат дар минтақа меравад.

Баланд бардоштани самаранокии бахши кишоварзӣ низ аз воситаи истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ба шумор меравад. Новобаста аз истеҳсоли зиёди маҳсулоти кишоварзӣ, дар минтақа аксарияти маҳсулот арзиши пасти иловагиро, бинобар сабаби ноустувор будани занҷири тиҷоратӣ, нишон медиҳад. Албатта, ҷорӣ намудани технологияи баланди илмталаб, бунёди корхонаҳои коркард, дастгирии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва монанди инҳо роҳҳи ҳалли мушкилот маҳсуб меёбад.

Аз таҳлилҳо чунин бармеояд, ки новобаста аз зиёд будани чорво дар минтақа коркарди он ҳоло ҳам дар сатҳи паст қарор дорад. Барои бартараф намудани ин мушкилот бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулоти чорво ва шароити мусоид фароҳам овардан барои рушди минбаъдаи коркарди маҳсулоти мазкур зарур меояд.

Дар баробари дигар омилҳои рушди минтақа бахши энергетика яке аз самтҳои муҳим ва шарти рушди минтақа ба шумор меравад. Гарчанде минтақа ин намуди маҳсулотро зиёд истеҳсол кунад ҳам, он истифодаи самаранокро дар рушди минтақа нишон намедиҳад. Дар ин ҷо самтҳое ба монанди таҳияи класстери энергетикӣ мавҷуд мебошанд, ки дар истифодабарии оқилонаи манбаҳои энергетикӣ саҳми муҳимро доро мебошанд.

Тақсимоти самараноки сармоягузорӣ дар минтақа низ аз қабили чораҳои муҳимми истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ маҳсуб меёбад. Тавре таҳлилҳо нишон медиҳанд, 14,4% аз ҳаҷми умумии сармоягузорӣ ба вилояти Хатлон рост меояд, вале самаранокии онҳо ба таври пурра ошкор нагардидааст.

Барои ҳалли ин мушкилот, албатта, шаффофияти лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва танзими равандҳои маблағгузорӣ зарур меояд. Илова бар ин, маблағгузории рушди маориф ва технология ва бахши истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва инчунин маблағгузории инфрасохтор дар минтақа, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва кишоварзӣ роҳҳои афзалиятноки рушд ба ҳисоб мераванд.

Бояд дуруст дарк кард, ки бе рушди сармояи инсонӣ дар шароити кунунӣ татбиқи чораҳои зикргардида имконнопазир мегардад. Барои ҳамин бунёди маркази таълимии минтақавӣ, марказҳои таълимиву технологӣ ва иттилоотӣ дар минтақа барои баланд гардонидани сатҳи касбият ва тасаввуроти бозории аҳолӣ кумак менамояд.

Танзими давлатии истифодаи самараноки бойигарии табиии минтақа маҳз барои татбиқи чораҳои зикргардида қодир аст, пояи устувори иқтисодиву сармоягузорӣ гузорад. Маҳз давлат қодир аст, тавассути ҷалби сармоя ва таҳкими ҳамкориҳои судманд сармояи инсониро рушд дода, қаламрави азхуднакардаи минтақаи Хатлон ва умуман кишварро ошкор ва аз худ кунад.

Тибқи омор, дар солҳои охир дар Тоҷикистон беш аз 700 кони маъданӣ кашф шудааст, ки дар таркиби онҳо беш аз 50 намуди ашёи хоми маъданӣ: тилло, нуқра, сурб, руҳ, сурма, симоб, мис, қалъагӣ, сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ, намак ва дигар маъданҳои нодир мавҷуд мебошад [45].

Аз ин рӯ, таҳлили самтҳои методологӣ ва таҷрибавии истифодаи сарватҳои табиӣ барои ҳар як кишвари муосир ҳамчун шарти зарурӣ ва ҷузъи рӯзмарра дар рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодӣ боқӣ мемонад. Масъалаҳои назариявии танзими давлатии сарватҳои табиӣ бо дарназардошти талаботи муосир ба принсипҳои асосӣ такя доранд, ки зарурати тавозуни устувории экологӣ, рушди иҷтимоиву иқтисодиро ба таври муфассал инъикос мекунанд.

Омӯзиши адабиёти гуногуни иқтисодӣ ва тадқиқоти фаъолияти хоҷагидорӣ дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ нишон медиҳанд, ки баъзе аз равишҳои асосии назариявӣ, ба монанди принсипи эҳтиётӣ ва самаранокии экологӣ, ба рушди соҳа таъсири калон мерасонанд. Дар баробари ин, дигар омилҳо, ба монанди идоракунии самараноки сарватҳои табиӣ, масъулият ва тартиботи бозор низ мавқеи муҳимро доро мебошанд.

Яке аз принсипҳои калидӣ идеяи рушди устувор мебошад, ки дар "Ҳисоботи клуби Рим" соли 1987 пешниҳод шудааст. Бар асоси ин принсип, истифодаи захираҳои табиӣ бояд эҳтиёҷоти наслҳои муосирро бе таҳдид ниёзҳои наслҳои ояндаро таъмин карда тавонанд.

Дар робита ба ин масъала, бояд таъкид шавад, ки танзими давлатии захираҳои табиӣ, ҳамчун шакли дастгирии соҳа, бояд кӯшиш кунад, ки таъсири максималии худро ба муҳити зист бо камтарин хароҷот расонида тавонад. Субъектони фаъолияти хоҷагидорӣ, аз ҷумла, мақомотҳои дахлдори соҳа, бояд масъулияти ҳифзи захираҳои табиӣ, истифодаи самаранок ва оқилона, ҳифзи муҳити зист ва таъмин кардани беҳбудии шаҳрвандонро ба зимма гиранд. Маҳз дар қабул ва назорати қарорҳо оид ба истифодаи оптималии захираҳои табиӣ, иштироки шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар шароити имрӯза ҳамчун унсури муҳим ҳисобида мешавад.

Идоракунии сарватҳои табиӣ бояд дар мавриди аввал, тақсимоти одилонаи фоида ва ҳам масъулиятро баробар таъмин намояд. Дар акси ҳол, яъне ҳолатҳое, ки механизмҳои бозорӣ истифодаи самаранок ва устувори захираҳои табииро таъмин кардан наметавонанд, давлат имкон дорад барои ба танзим ва идоракунии равандҳои бозор дахолат кунад.

Ҷанбаҳои назариявии танзими давлатии идоракунии захираҳои табиӣ, чун қоида, ба ташаккули муносибати мутавозин ва устувори истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ, ки манфиатҳои ҷамъият ва талаботи наслҳои ояндаро ба назар мегирад, нигаронида шудаанд.

Тавре борҳо қайд кардем, минтақаҳои ҷумҳурӣ хусусиятҳои хоси худро доранд. Онҳо аз ҳамдигар аз рӯйи анъана, намуди истеҳсолот, маданияти кишоварзӣ ва дигар шартҳои тараққиёти қувваҳои истеҳсолкунанда низ фарқ мекунанд. Ҳамаи ин ба муайян кардани мавқеи ҳар як минтақа дар иқтисодиёти мамлакат таъсир нарасонда наметавонист [170, с. 40].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарии оқилонаи захираҳои табиӣ имрӯз шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Қонун дар ин самт аллакай аз 27 декабри соли 1993 қабул гардида, бо мурури замон ба он тағйироту иловаҳо ворид гаштаанд.

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист муайян намуда, ба таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ, пешгирии таъсири манфии фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба муҳити зист, ташкили истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва таъмини бехатарии экологӣ ва дигар фаъолиятҳо нигаронида шудааст [13, с. 631].

Бояд таъкид кард, ки дар чанд соли охир дар Тоҷикистон такмили низоми назорати давлатии таъмини иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ба таври кофӣ идома ёфтааст. Ғайр аз ин, маълум аст, ки масъалаҳои ҳифзи муҳити зист имрӯзҳо на танҳо дар доираи миллӣ, балки дар миқёси минтақавӣ низ баррасӣ мешаванд. Бо ин назар, системаи ягонаи минтақавии иҷозатдиҳии экологӣ таҳия ва роҳандозӣ мешавад.

Дар баробари ин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аудити экологӣ» низомҳои ташаккул, аудит ва мониторинг, қонунгузории экологӣ такмил дода шуда, дар доираи Конвенсияҳои байналмилалӣ ва Созишномаҳои байнидавлатии амалкунанда ба методологияи назорати давлатӣ ислоҳот ворид карда мешавад [166, с. 101].

Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи экологӣ» аз 22 апрели соли 2003, №20 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид. Қонуни мазкур тартиби умумии ташкил ва гузаронидани экспертизаи экологиро танзим намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафҳои дар гузаронидани экспертизаи экологӣ иштирокдоштаро муайян намуда, ҳуқуқи шаҳрвандонро оид ба гирифтани маълумот дар бораи хатари экологии объектҳои тарҳрезишуда, сохташаванда ва истифодашавандаи дар асоси он қабулшуда муқаррар менамояд [7].

Ҳамин тариқ, мавҷудияти низоми мукаммали қонунгузорӣ дар самти мазкур барои минтақаҳои кишвар, бахусус минтақаи Хатлон

заминаи ҳуқуқӣ ва инфрасохторӣ фароҳам оварда, ба рушди ҳамкориҳои мутақобилан судманди иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ мусоидат менамоянд.

Дар кишвар истифодабарии самараноки захираҳои табиӣ аз равандҳои ислоҳоти иқтисодӣ ва рушди муносибатҳои бозоргонӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ вобастагии калон дошт. Эълон намудани рушди деҳот барои пешрафти минтақаҳои кишвар шароити муфид фароҳам оварда, дар истифодабарии самараноки иқтиодри табиӣ низ метавонад таъсири калон расонад.

Дар шароити кунунӣ масъалаҳои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист самти муҳими сиёсати дохилии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба давлат ваколат додааст, ки барои иҷрои вазифаҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист ва идоракунии он дар соҳа амал кунад.

Аз ҷумла, дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд гардидааст: «Замин, зеризаминии он, об, ҳаво, олами набототу ҳайвонот ва дигар сарватҳои табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат ба манфиати халқ самаранок истифода бурдани онҳоро кафолат медиҳад [4].

Танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақаҳо маъмулан чорабиниҳо ва сиёсати мухталифро дар бар мегирад, ки ба идоракунии самараноки истифода ва ҳифзи захираҳои табиӣ дар минтақаҳои муайян равона шудаанд.

Ин тадбирҳо вобаста ба хусусиятҳои хоси минтақа, хусусиятҳои экологии он ва талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ метавонанд гуногун бошанд.

**Ҷадвали 3.2. - Чораҳои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа**

| Чораҳо | Тавсиф |
|---|---|
| Литсензиякунонӣ ва иҷозатдиҳӣ | Додани иҷозатнома барои истихроҷи сарватҳои табиӣ, аз қабили ҷангал, об, канданиҳои фоиданок. Танзими равандҳои истихроҷ барои пешгирии истифодаи аз ҳад зиёд |
| Стандартҳо ва қоидаҳои экологӣ | Муқаррар намудани стандартҳо барои пешгирии ифлосшавии ҳаво, об ва хок. Танзими партовҳо ва таҳияи чораҳои бехатарии экологӣ |
| Муҳофизати минтақаҳои табиӣ | Бунёди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дигар минтақаҳои табиии муҳофизатшаванда барои ҳифзи гуногунии биологӣ ва экосистемаҳои табиӣ |
| Сиёсати энергетикӣ | Танзими истифода ва коркарди захираҳои барқароршаванда ва нафту газ барои таъмини устувории соҳаи энергетика |
| Хоҷагии қишлоқ ва истифодаи замин | Идоракунии истифодаи заминҳои хоҷагии қишлоқ, муҳофизати хок, пешгирӣ кардани нестшавии хоҷагиҳои ҷангал |
| Маориф ва шуури ҷамъиятӣ | Баланд бардоштани сатҳи касбият ва маърифати экологӣ, такмили ихтисоси иштирокчиёни бозор дар раванди истифодаи захираҳои табиӣ |

**Сарчашма:** [21].

Татбиқи чораҳои баррасигардида имконияти истифодаи самараноки иқтидори табиӣ фароҳам меорад. Маҳз давлат ба воситаи механизмҳои танзимкунанда устувории экологӣ ва истифодаи самараноки сарватҳоро дар минтақа таъмин менамояд. Бояд қайд кард, ки танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа метавонад бо мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ шавад ва идоракунии самараноки ин захираҳоро душвор гардонад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки баъзе аз муаммоҳое, ки барои истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ мушкилиҳо эҷод мекунанд, пеш аз ҳама маҳдуд будани захираҳои молиявӣ ва авҷи муносибатҳои коррупсионӣ, суст ба роҳ мондани ҳамоҳангии байни мақомот, номукаммалии қонунгузорӣ, сатҳи пасти иштироки омма,

сармоягузории паст, тағйирёбии иқлим, бархӯрди манфиатҳо ва монанди инҳо мебошанд.

Набудани шаффофият ва сатҳи баланди коррупсия дар сохторҳои давлатӣ метавонад боиси тақсимоти бесамари захираҳо, истифодаи оқилонаи замин ва қонуншикании экологӣ гардад. Илова бар ин, вайрон гардидани ҳамоҳангсозии ниҳодҳои мухталифи давлативу ғайридавлатӣ метавонад омили монеъшавандаи истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақаҳо гардад. Азбаски тараққиёт дар замони муосир бо суръати баланд рушд мегирад, тартибот ва қонунгузорӣ низ бо мурури замон такмил дода шаванд.

Қонунҳо ва қоидаҳои нопурра, норавшан ё куҳнашуда метавонанд дар қабули қарорҳо ва татбиқи тадбирҳои самараноки идоракунии захираҳои табиӣ мушкилот эҷод кунанд. Дуруст дарк накардани раванди коркарди маҳсулот ва захираҳои табиӣ ва инчунин маҳдуд будани захираҳои молиявӣ барои дастрасӣ ба бойигарии табиӣ ва истифодаи самараноки онҳо мушкилотро эҷод мекунад.

Набудани маблағҳои буҷетӣ ва захираҳои техникӣ метавонад имкониятҳои минтақаро барои татбиқи барномаҳои самараноки идоракунии захираҳои табиӣ ба таври назаррас маҳдуд созад, дар ҳоле ки тағйирёбии иқлим, офатҳои табиӣ ва дигар мушкилоти экологӣ дар идоракунии захираҳои табиӣ мушкилоти иловагӣ ба миён оварда, мутобиқшавиро ба шароити нав тақозо мекунанд.

Мавҷудияти манфиатҳои мухталиф, аз қабили манфиатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, метавонад сабаби низоъҳо ва мушкилот гардад, ки раванди қабули қарорҳо ва амалисозии тадбирҳои идоракунии захираҳоро мушкил созад. Барои ҳал кардани ин мушкилот, як муносибати оптималии ҳамаҷониба зарур меояд, ки такмили қонунгузорӣ, иштироки фаъоли ҷомеа, воридоти технология ва

маблағгузорӣ барои татбиқи стратегияҳои идоракунии устувори захираҳои табиӣ зарур меояд.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳоло ҳам минтақаҳои кишвар аз маблағгузории давлатӣ сахт вобастагии калон дошта, барои ба худтаъминкунӣ корҳои зиёдро ба анҷом расонидан зарур меояд.

Тадқиқот нишон медиҳад, ки аз ҳаҷми умумии субвенсияҳое, ки аз буҷети ҷумҳуриявӣ барои дастгирии буҷетҳои маҳаллӣ ба минтақаҳо пардохта мешавад, 53,9 фоиз ба вилояти Хатлон, 21,6 фоиз ба ВМКБ ва 24,5 фоиз ба НТҶ рост меояд.

Истифодаи самараноки захираҳои табиӣ маҳз дар минтақаҳо метавонад бори буҷети давлатро кам намуда, дар ташаккул ва зиёд гаштани захираҳои молиявии маҳаллӣ мусоидат кунад.

Моделсозии рушди минтақаҳо нишон дод, ки 1 фоиз зиёд шудани маҳсулоти кишоварзӣ дар минтақаҳо ба 1,2 фоиз тағйир ёфтани ММД мусоидат мекунад. Инчунин, 1 фоиз зиёд шудани маблағгузорӣ 1 фоиз зиёд кардани МММ, 1% рушди саноат ба афзоиши 0,4% МММ мусоидат мекунад ва афзоиши 1% бахши хизматрасонӣ дар минтақаҳо боиси 1,2% афзоиши маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ мегардад [3, с. 165].

Истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба воситаи механизмҳои гуногун дар минтақа барои афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар Тоҷикистон танзими давлатии захираҳои табиӣ бо истифода аз усулу механизмҳои гуногун сурат мегирад. Баъзе аз воситаҳои асосии танзими давлатии захираҳои табиӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон шарти муҳим арзёбӣ мегарданд. Ба чунин воситаҳо, пеш аз ҳама, мавҷудияти қонунгузории мукаммал, иҷрои қоидаҳои экологӣ, банақшагирии истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар рушди минбаъдаи кишвар, иҷозатномадиҳӣ, мониторинг ва ҳавасмандкунӣ дар шакли дастгирии давлатӣ ба шумор меравaнд.

Қабули қонунҳои танзимкунанда барои истифода ва ҳифзи сарватҳои табиӣ талаботро дар бораи фаъолиятҳои марбут ба захираҳои табиӣ, аз ҷумла, додани литсензия ва иҷозатномаҳо барои амалӣ кардани фаъолияти вобаста ба истихроҷ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва инчунин, ҳифзи онҳоро муайян мекунад. Иҷозатномадиҳӣ метавонад соҳаҳои гуногун, чун истихроҷи маъдан, дарахтбурӣ, истифодаи захираҳои об ва дигар соҳаҳоро дар бар гирад.

Ғайр аз ин, муайян намудани қоидаҳо барои пешгирии ҳолатҳои ғайричашмдошт, ифлосшавии ҳаво, об ва хок дар вилояти Хатлон низ аз воситаи муҳим дар ҳифзи муҳити зист маънидод мегардад. Иҷрои стандартҳои экологӣ барои таъмини ҳифзи муҳити зист дар заминаи истифодаи оқилона ва идоракунии коркарди партовҳо метавонад барои рушди муносибатҳои истеҳсоливу тиҷоратӣ замина гузорад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, бояд қайд кард, ки муайян намудани минтакаҳои истифодаи сарватҳои табиӣ, аз қабили минтақаҳои ҳифзи муҳити зист, мамнуъгоҳҳо, минтақаҳои истифодаи замини деҳот ва шаҳр ҳадафи зарурӣ ба шумор меравад. Дар ин ҷода масъалаҳои банақшагирӣ ба тақсимоти оқилонаи захираҳои табиӣ ва пешгирии бархӯрди манфиатҳо низ аҳаммияти калон дорад.

Бо иртибот ба масъалаи мазкур, қайд кардан муҳим аст, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди технологияи муосир талабот ба захираҳои табиӣ афзоиш меёбад. Дар чунин шароит сатҳи талабот ба дигар соҳаҳои хизматрасонӣ, аз қабили молиявию нақлиётӣ ва монанди инҳо зиёд мегардад. Аз тарафи дигар, чунин талабот барои таҳкими муносибатҳои тиҷоративу истеҳсолӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Талаботи баланд ба хизматрасониҳои гуногун дар минтақаҳо зарурати ташаккули инфрасохтори муосири нақлиётиву логистикӣ, коммуникатсиониву энергетикӣ ва монанди инҳо ба миён меояд. Дар натиҷаи пиёда гардонидани тадбирҳои мазкур иқтисодиёти минтақа

рушд ёфта, барои истифодабарии самараноки сарватҳои табиӣ заминаи устувор хоҳад гузошт.

Инчунин, кордорҳои иқтисодӣ ҳамчун механизми рушди тиҷорат, сайёҳӣ ва дигар фаъолиятҳои иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин, дастрасии бозорҳои кишвар ва минтақаҳои он хизмат карда, дар беҳтар намудани татбиқи иқтидори минтақаҳои кишвар саҳми арзанда мегузоранд [3, с. 171].

Бо иртибот ба масъалаи баррасишаванда қайд кардан муҳим аст, ки татбиқи низоми мониторинг дар соҳаи мазкур бахусус, дар минтақаҳои кишвар хеле муҳим маҳсуб меёбад. Ин метавонад таъсиси ниҳодҳо ва лабораторияҳои махсусгардонидашуда барои назорати сифати баланди об, шароити хок, сатҳи ифлосшавӣ ва дигар параметрҳои экологиро дар бар гирад.

Албатта, танзими самараноки истифодаи захираҳои табиӣ истифодаи воситаҳои мухталифи иқтисодӣ, аз қабили андозҳо, кумакпулӣ ва дигар тадбирҳои дастгириро талаб мекунад. Масалан, додани имтиёзҳои андоз ва дигар сабукиҳо ба корхонаҳое, ки технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаро дар соҳаи кишоварзӣ ва дигар самтҳои афзалиятноки минтақа ҷорӣ мекунанд.

Таҳияи нақшаҳо ва гузаронидани чорабиниҳои илмиву маърифатӣ низ дар навбати худ барои аҳолӣ ва иштирокчиёни бозор ба истифодаи оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, риояи меъёрҳои ҳифзи табиӣ ва ғояҳои рушди устувор ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ мусоидат мекунад.

Ин усулҳо дар бозори дохилӣ ба ниҳодҳои минтақавӣ дар идоракунии оқилона ва самараноки захираҳои табиӣ, таъмини сатҳи баланди идоракунӣ ва истифодаи онҳо барои наслҳои оянда мусоидаткунанда мебошад.

Аз нуқтаи назари предмети тадқиқот, бояд қайд кард, ки иқтидори захиравии табиӣ шарти дастраси рушди иқтисодии минтақаҳо ба ҳисоб меравад. Махсусан, қайд кардан муҳим аст, ки дар раванди гузариш ба индустриаликунонии кишвар рушди муносибатҳои истеҳсолӣ воситаи асосии татбиқи ҳадафи мазкур ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин бояд дуруст дарк кард, ки истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ барои саноатикунонии кишвар дар заминаи гирифтани фоида пояи калони молиявӣ мегузорад.

Албатта, барои истифодаи пурраи бойигарии табиӣ, пеш аз ҳама, ҷалби сармоягузорӣ зарур меояд ва захираҳои кашфшуда, вале азхуднашуда метавонанд барои сармоягузорон манфиатдор бошанд, ба шарте ки давлат рушди инфрасохтори ҳудудро ба уҳда гирад [124, с. 45].

Бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза кишвар ва минтақаҳо дар масъалаи истифодаи самараноки захираҳои табиӣ ҳанӯз ба мушкилоти зиёд ва ҷиддӣ дучор мешаванд. Аммо ин муаммоҳо барои тараққиёти иҷтимоӣ ҳам имкониятҳои калон ба вуҷуд меоваранд.

Албатта, муаммоҳо ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар ҳар як минтақаи кишвар метавонанд гуногун бошанд ва аз хусусиятҳои хоси минтақа вобастагӣ доранд.

**Ҷадвали 3.3. - Мушкилот ва дурнамои танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа**

| Мушкилот | Дурнамо |
|---|---|
| Зарари экологӣ | Ҷорӣ намудани технологияи нав |
| Маҳдудияти маблағгузорӣ | Мустаҳкам намудани заминаи институтсионалӣ |
| Манфиатҳои мухталиф | Омӯзиш ва огоҳии экологӣ |
| Иштироки ками омма | Ҳамкории байналхалқӣ |
| Истифодаи номутаносиби захираҳо | Эҷоди қонунгузорӣ ва стандартҳои мукаммал |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Бо иртибот ба мавҷудияти мушкилот, бояд қайд кард, ки танзими нокифояи мақомотҳои минтақа метавонад ба мушкилоти экологӣ, аз қабили ифлосшавии об ва ҳаво, буридани ҷангалҳо, таназзули хок ва аз даст додани гуногунии биологӣ оварда расонад. Инчунин, маблағгузории нокифоя метавонад монеаи ҷиддӣ барои идоракунии самараноки захираҳои табиӣ бошад, ки боиси сӯиистифода аз захираҳо ва саркашӣ аз меъёрҳо гардад. Манфиатҳои гуногуни марбут ба ҷанбаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ метавонанд ихтилофҳоро ба вуҷуд оранд, ки таҳия ва татбиқи стратегияҳои мутавозини идоракуниро душвор гардонанд. Набудани иштироки фаъолонаи шаҳрвандон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ дар раванди қабули қарорҳо метавонад қонунӣ ва самаранокии танзими давлатиро коҳиш диҳад.

Мушкилоти дигар истифодаи ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ дар шароити кунунӣ ба шумор меравад. Истифодаи ғайрисамаранок метавонад ба табиат ва сифати зиндагии аҳолӣ таъсири манфӣ расонад. Чунин иқдом ба маҳдуд шудани сарватҳои табиӣ ва хавфҳо ба экосистема низ мерасонад.

Таъкид кардан зарур аст, ки дар минтақаҳои кишвар, дар баробари проблемаҳои истифодабарии сарватҳои табиӣ, имкониятҳои зиёди перспективаноки тараққиёт низ мавҷуданд, ки дуруст ба амал баровардани онҳо метавонад тараққиёти устувори саноат ва дигар бахшҳои муҳимми иқтисодиро таъмин кунанд.

Яке аз самтҳои муҳимми рушди соҳа дар шароити кунунӣ ворид кардани технологияҳои баланди инноватсионӣ мебошад. Истифодаи технологияҳои баланди инноватсионӣ метавонад самаранокии идоракунии захираҳои табииро беҳтар кунад, сатҳи таъсири манфии муҳити зистро кам намуда, ба рушди устувор мусоидат намояд. Рушди ниҳодҳои қавӣ ва шаффофи идоракунии захираҳои табиӣ, дар навбати

худ, ба такмили низоми танзим ва коҳиш додани фасод мусоидат мекунад.

Баланд бардоштани савияи маърифат ва маданияти экологии аҳолӣ ба муносибати масъулиятноктар ба сарватҳои табиӣ дар кишвар мусоидат намуда, ба татбиқи усулҳои муосири устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад. Ҳамкорӣ бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ ҳамчун шарти муҳимми рушди ҳамгироии иқтисодӣ метавонад мубодилаи таҷриба, захираҳо ва технологияҳоро барои идоракунии самараноки истифодабарии сарватҳои табиӣ таъмин намояд.

Илова бар ин, дар шароити ҳозира татбиқи қонунҳои ҳифзи табиат метавонад идоракунии устувори захираҳоро таъмин намуда, оқибатҳои манфиро пешгирӣ кунад. Ноил шудан ба идоракунии устувори захираҳои табиӣ саъю кӯшиши муштараки давлат, ҷомеа ва соҳибкорон, инчунин, таваҷҷуҳ ба рушди мутавозини иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зистро тақозо мекунад.

Бояд қайд кард, ки барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон таъсис ва тавсеаи кластерҳо зарур меояд. Тавре таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, кластерҳои ҳудудӣ имрӯз ба механизми муҳимтарини рушди муносибатҳои истеҳсолӣ ва васеъ истифода бурдани сармояи инсонӣ табдил гаштаанд. Аз ин лиҳоз, ташаккули класстери ҳудудӣ дар минтақаҳои кишвар талаботи замони муосир ба шумор меравад.

Барои ташаккул ва рушди кластерҳо дар шаш бахши иқтисод – нассоҷӣ, хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмонӣ, энергетика ва сайёҳӣ, ки барои рушди муносибатҳои кооперативӣ ва истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ашёи хоми ватанӣ асоси онҳост, имконоти бузург вуҷуд дорад [3, с. 170].

Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлилҳои дар боло баррасишуда, ба ақидаи мо, барои беҳтар намудани танзими давлатии захираҳои табиӣ дар минтақа тавсияҳои зерин пешниҳод мегарданд:




**Расми 3.3. Тавсияҳо барои беҳтар намудани танзими давлатии захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон**

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Баррасӣ ва такмили қонунгузорӣ дар соҳаи захираҳои табиӣ бо назардошти мушкилоти муосир ва стандартҳои рушди устувор ҷорӣ намудани механизмҳои таъмини зудтари қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи идоракунии муҳити зист самараи фаъолро таъмин менамояд. Дар шароити кунунӣ низоми мониторингро барои пайгирии ҳолати захираҳои табиӣ, аз ҷумла об, ҳаво ва хок васеъ кардан зарур меояд. Ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ, аз қабили системаҳои ташхиси фосилавӣ ва иттилооти ҷуғрофӣ барои мониторинги дақиқ хизмат мерасонад.

Ҷалби ҷомеа ба раванди қабули қарорҳо тавассути машваратҳо, баррасиҳои ҷамъиятӣ, муколама, таҳияи барномаҳо ва чорабиниҳои таълимӣ барои баланд бардоштани огоҳии шаҳрвандон дар бораи

аҳаммияти ҳифзи табиат хеле муҳим мебошад. Бо пешниҳоди сабукиҳо аз қабили имтиёзҳои андозбандӣ ташаккулёбии иқтисодиёти сабз осонтар мегардад. Дар чунин шароит ҳамаи корхонаҳо аз дастгирии давлатӣ бархурдор мегарданд.

Барқарор намудани ҳамкорӣ ва табодули таҷриба бо дигар кишварҳо ва созмонҳои байналмилалӣ, бо мақсади табодули таҷрибаи пешқадам дар идоракунии захираҳои табиӣ, аз нуқтаи назари рушди ҳамкориҳои судманду созанда самаранок ба роҳ мондан зарур меояд.

Сарватҳои табиӣ бояд миёни минтақаҳои кишвар оқилона ва хубтар тақсим карда шаванд. Рушди деҳот бояд бодарназардошти талаботи замон ва эҳтиёҷоти аҳолӣ амлӣ гардад. Банақшагирии оқилонаи сарватҳои табиӣ аз шарти муҳими тараққиёти ояндаи минтақа бояд эътироф гардад. Таҳияи стратегияи махсус дар самти мазкур низ барои таҷкими барномаҳои минтақавӣ заминаи устувори методологӣ хоҳад гузошт.

Татбиқи тавсияҳои зерин амалисозии корҳои зиёдро талаб менамояд, ки муҳимтарини аз онҳо идоракунии оқилонаи равандҳои азхудкунӣ ва коркарди маҳсулот ва инчунин ҷорӣ намудани инноватсия маҳсуб меёбанд.

Ҳамин тавр, дар марҳалаи кунунии тадқиқот ва гузаронидани таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ ба ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад. Зиёда аз он, вай қодир аст, ки на танҳо дар тараққиёти худи минтақа, балки дар мустаҳкам намудани иқтисодиёти миллӣ ҳам саҳми босазо гузорад.

Дар баробари ин, истифодаи нооқилонаи сарватҳои табиӣ ва ё аз ҳад зиёд истифода бурдани онҳо метавонад боиси кам шудани онҳо ва зарар ба иқтисодиёт расонида шавад. Истихроҷи аз ҳад зиёд ва

ғайриоқилона муносибат ба масъалаҳои ҳифзи муҳити зист тавре мо борҳо қайд карда будем, хавфҳои зиёди экологиро ба миён меорад.

Истифодаи сарватҳои табиӣ, инчунин, метавонад ба ҷомеа таъсир расонад. Дар заминаи самаранок истифода бурдани захираҳои табиӣ ҷойҳои корӣ пайдо мешаванд ва инфрасохтор инкишоф меёбад. Инчунин, он метавонад низоъҳоро бар сари ҳуқуқи замин, дастрасии нобаробар ба захираҳо ва нақзи ҳуқуқи мардуми маҳаллӣ ба вуҷуд орад. Идоракунии оқилонаи сарватҳои табиӣ имконият медиҳад, ки нигоҳдории онҳо барои наслҳои оянда таъмин карда шавад.

Татбиқи чораҳои кам кардани сатҳи партовҳо барои истифодабарии оқилонаи иқтидори кишвар ва ба таври васеъ истифода намудани захираҳои барқароршаванда дар самти истихроҷи маҳсулоти хушсифат мусоидат мекунад.

Барои ноил шудан ба натиҷаҳои оптималӣ имрӯз муҳим аст, ки ҳам манфиатҳои иқтисодӣ ва ҳам ниёзҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ба назар гирифта шаванд. Масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон ва дар саросари ҷумҳурӣ дар рушди минбаъдаи кишвар муҳим боқӣ мемонад, зеро он таъмини мувозинати эҳтиёҷоти имрӯза ва ҳифзи захираҳо барои наслҳоиояндаро талаб мекунад.

## 3.3. Самтҳои афзалиятноки ҷалби сармоягузорӣ дар истифодабарии иқтидори табиии минтақа

Дар истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ ҷалби сармоягузории ватаниву хориҷӣ шарти муҳимми фаъолияти хоҷагидории ҳар як кишвари муосир ба шумор меравад. Ҷалби сармоягузорӣ дар шароити тараққиёти технологӣ ва рушди ҳамкориҳо барои рушди инфрасохтори муосир ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ мусоидат намуда, дар устуворнокии иқтисодиёти минтақа метавонад шароитҳои муфидро муҳайё намояд. Аз ин лиҳоз,

таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар ҳар як минтақаи кишвар самти афзалиятноки сиёсати дохиливу хориҷӣ маҳсуб меёбад.

Барои минтақаҳои кишвар, ки имрӯз дар марҳилаи рушд қарор доранд, фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ аз қабили самти афзалиятноки фаъолият ба шумор меравад. Бинобар ин, ниҳодҳои дахлдор барои амалигардонии чаҳорчӯбаи фаъолияти сармоягузорӣ тамоми кӯшишҳоро ба харҷ медиҳанд. Ва чӣ қадаре ки ин чаҳорчӯба васеътар бошад ва монеаҳои маъмурӣ ва танзимкунанда камтар бошад, равандҳои сармоягузорӣ ҳамон қадар шадидтар мешаванд.

Фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ, барои тамоми самтҳои иқтисодӣ бахусус, барои истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ нақши калидиро иҷро мекунанд. Албатта, ҷалби сармоягузорӣ, аз тарафи дигар, аз таъмини рушди босуботи иқтисодӣ вобастагии калон дорад. Сармоя ба он кишварҳо майл дорад, ки дар онҳо рушди устувор таъмин аст. Аз ин рӯ, нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ аз нуқтаи назари рушди бозори молиявию сармоягузорӣ омили муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари инкишоф ёфтани бозори сармоягузорӣ, чунон ки Л.В. Плахова қайд мекунад, зарурати инкишоф додани муҳити институтсионалие, ки бозори хеле фарогир ва шаффофро таъмин мекунад, имкониятҳои ҳаракати озод ва самарабахши байниминтақавии сармояро таъмин намуда, торафт тезутундтар мегардад [123, с. 50].

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нияти гузаштан аз модели истеъмолӣ ба модели сармоягузориро дорад, барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва таҳким бахшидан ба равандҳои сармоягузорӣ тамоми шароитҳои ҳуқуқиву иқтисодиро фароҳам овардааст. Дар кишвар меъёрҳои ҳуқуқии зиёде қабул гардидаанд, ки барои рушди ин самти муҳим замина гузоштааст.

Танзими фаъолияти сармоягузорӣ, дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бо маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Қайд кардан мумкин аст, ки дар як муддати кӯтоҳ имкон пайдо шуд, ки маҷмуи муҳимми санадҳои қонунгузорие, ки фаъолияти сармоягузории субъектҳоро танзим мекунанд ва заминаи институтсионалии ин равандро ифода мекунанд, аз инҳо иборат мебошад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаи сармоягузорӣ», аз 30 майи соли 2017, №1435; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи консессияҳо», аз 26 декабри соли 2011, №12; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарватҳои зеризаминӣ», аз 28 декабри соли 2013, №1048; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ», аз 14 марти соли 2014, №1071; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», аз 25 марти соли 2011, №700; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ», аз 15 марти соли 2016, №1299; Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳифзи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755; Қарор «Дар бораи масъалаҳои тартиби баргузории озмунҳо оид ба ҳуқуқи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ», аз 2 марти соли 2013, №89; Қарор «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳифзи сармояи Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 22 декабри соли 2012, №755; Қарор «Дар бораи Барномаи баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015» аз 1 августи соли 2012, №385; Барномаи баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории соҳаи истифодаи сарватҳои зеризаминӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2015», аз 1 августи соли 2012, №385 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии фонди манзил», аз 14 ноябри соли 1995, №114 [175, с. 111].

Қайд кардан зарур аст, ки бунёди фазои мусоид барои сармоягузорӣ аз нуқтаи назари истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ басо муҳим арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ дар самти истифодабарии оқилонаи сарватҳои табиӣ заминаи устувори молиявӣ мегузорад. Махсусан, дар шароити кунунӣ сатҳи ҳамбастагии ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ дар минтақа хеле калон мебошад.

**Ҷадвали 3.4. - Ҳамбастагии сармоягузориҳои хориҷӣ ва истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа**

| Нишондиҳанда | Пеш аз сармоягузорӣ | Баъд аз сармоягузорӣ |
|---|---|---|
| Истеҳсол ва коркарди захираҳо | Ҳаҷми ками истихроҷ ва коркард | Афзоиши истихроҷ ва коркарди амиқтар |
| Талафоти ҳангоми истихроҷ | Талафоти зиёди захираҳо | Камшавии талафот бо сабаби навсозӣ |
| Бори экологӣ | Сатҳи баланди ифлосшавӣ | Ҷорӣ кардани технологияҳои экологӣ, коҳиши партовҳо |
| Самаранокии энергетикӣ | Паст, масрафи зиёди энергия | Оптимизатсияи истеъмол, баланд бардоштани самаранокӣ |
| Истифодаи манбаъҳои барқароршаванда | Ночиз | Афзоиши назаррас |
| Ҳаҷми партовҳо | Ҳаҷми зиёди партовҳо | Камшавӣ тавассути коркард |
| Саҳми соҳа ба иқтисод | Маҳдуд | Афзоиши назарраси ММД-и минтақа |
| Шуғл ва сатҳи даромад | Камбуди ҷойҳои корӣ, музди ками меҳнат | Афзоиши шуғл ва баландшавии даромади аҳолӣ |
| Ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ | Паст | Афзоиши назаррас, лоиҳаҳо ва технологияҳои нав |

**Сарчашма:** [23]

Аз ҷадвал бармеояд, ки алоқамандии сармоягузории хориҷӣ бо истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ сахт алоқаманд мебошад. Таъмини бехатарии экологӣ бидуни маблағгузории давлатӣ номумкин мебошад. Истифодаи оқилонаи сарватҳои табиӣ низ ба пуррагӣ аз ҷалби сармоягузорӣ вобастагӣ дорад. Илова бар ин, рушди равандҳои сармоягузорӣ ба афзоиши чунин нишондиҳандаҳо аз қабили иқтисодиву технологӣ ва экологӣ оварда мерасонад.

Аз тадқиқот бармеояд, ки коррелятсия байни истифодаи оқилонаи бойигарии табиӣ ва сармоягузории хориҷӣ мусбӣ мушоҳида мегардад. Тадқиқот ошкор намуд, ки дар ҳолати афзоиши сармоя истихроҷи сарватҳо ва самаранокӣ баланд гашта, таъсири манфӣ ба сатҳи муҳити зист паст мегардад. Аз ин рӯ, барои ба даст овардани фоидаи максималӣ рушди равандҳои сармоягузорӣ дар самти истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ва ба роҳ мондани сиёсати дурусти сармоягузории давлат талаботи калидӣ ба ҳисоб меравад.

Албатта, дар кишвар аҳаммияти ҷалби сармоягузориро дуруст дарк карда, бунёди шароитҳои муфид барои таҳкими муносибатҳои сармоягузорӣ давом мекунад. Бунёди рушди инфрасохтори муосир ва таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ дар ҳар як минтақа имруз ҳамчун шарти асосии тараққиёт баҳогузорӣ мегарданд. Дастрасӣ ба захираҳои молиявию таъмини устуворнокии қонунгузорӣ аз қабили чораҳое мебошанд, ки барои воридоти сармоя ва технологияи пешқадам нигаронида шудаанд.

Дар ин ҷо, инчунин, сухан дар бораи идораи оқилонаи сарчашмаҳои молиявӣ дар заминаи истифодаи онҳо барои истихроҷ ва коркарди бойигарии табиӣ низ меравад.

Дар асоси таҳлили маъхазҳои адабӣ, таҷрибаи мавҷудаи ватанӣ ва хориҷии идоракунии муҳити зист, маълум карда мешавад, ки манбаъҳои

зерини маблағгузории лоиҳаҳои асосӣ ба таври зерин муайян карда мешаванд:

Маблағҳои буҷети давлатӣ, маблағҳои қарзӣ, вомбаргҳои сабз, ҷалби маблағҳои аҳолӣ, шахсони ҳуқуқӣ дар шакли сармояи саҳомӣ, пасандозҳои экологӣ; фондҳои компенсатсияе, ки барои ҷуброни зараре, ки ба аҳолии маҳаллӣ ҳангоми истихроҷи маъдан расонида шудаанд; маблағҳое, ки дар доираи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (корхонаи кӯҳӣ ва маъмурияти улус) ҷамъоварӣ шудаанд [154, с. 223].

**Ҷадвали 3.5. - Динамикаи воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017 – 2023**

| Солҳо | Ҷалби сармоя | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Мустақим | Дигар намуди сармоягузорӣ | Сармоягузории портфелӣ | Ҳамагӣ млн доллари амрикоӣ |
| 2017 | 354,5 | 245,9 | 500,0 | 1100,4 |
| 2018 | 326,8 | 317,7 | | 644,5 |
| 2019 | 345,9 | 261,1 | 0,1 | 607,1 |
| 2020 | 162,5 | 265,9 | | 428,4 |
| 2021 | 342,2 | 376,0 | 0,1 | 718,3 |
| 2022 | 618, 4 | 1 958,2 | 0,2 | 2276,8 |
| 2023 | 221,4 | 2 468.9 | 0,1 | 2690,4 |

**Сарчашма:** [25].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2022 ва 2023 ҷалби сармояи хориҷӣ аз ҳисоби дигар намуди сармоягузориҳо афзоиш ёфтааст. Дар соли 2023 агар дар умум ҷалби сармояи хориҷӣ 2690,4 млн доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, аз он 2468,9 млн доллар дигар намуди сармоягузориҳо мебошанд. Сармоягузории мустақим дар ин давра ҳамагӣ 221,4 млн доллари ИМА-ро ташкил намудааст, ки нисбати дигар солҳои пеш кам мебошад. Бинобар ин, барои афзоиши ин намуди сармоягузорӣ тадбирҳои зарурӣ андешидан лозим меояд, ки дар боло онҳоро қайд карда будем.

Аз ҷадвал бармеояд, ки ҷалби сармояи хориҷӣ дар соли 2017 назар ба соли 2021 дар ҳаҷми 382 млн доллари амрикоӣ ё 35% коҳиш ёфтааст. Сабаби асосии зиёд будани сармоягузорӣ дар соли 2017 ба рушди бозори коғазҳои қиматнок ва дар ҳаҷми 500 млн доллари амрикоӣ бароришии евробондҳо тааллуқ дорад. Тавре ки мушоҳида менамоем, дар соли 2020 чалби сармояи хориҷӣ нисбат ба дигар солҳо аз ҳама кам мушоҳида мешавад. Сабаби асосии коҳишёбӣ паҳн шудани пандемия дар ҷаҳон ва канда шудани занҷири истеҳсоливу тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Чун қоида баъди барқароршавии фаъолияти хоҷагии умумиҷаҳонӣ иқтисодиёти кишварҳо рушд ёфта равандҳои сармоягузорӣ низ ривоҷ меёбад.

Бо иртибот ба мавзуи тадқиқот, қайд кардан зарур аст, ки илояти Хатлон барои татбиқи афзалиятҳои хеш тамоми шароитҳои мусоидро фароҳам дорад. Вилояти Хатлон бойигарии табиии зиёд дорад.

Дарёҳои асосӣ - дарёи Панҷ, Вахш ва якчанд обанборҳо захираҳои бепоёни захираҳои гидроэнергетикӣ доранд. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақа, ки дар он офтоб, об ва водиҳои ҳосилхез зиёданд, имкон медиҳад, ки дар як сол то 3 маротиба сабзавот ва мева парвариш карда шавад [27]. Вилояти Хатлон 25% маҷмуи маҳсулоти минтақаи кишварро ташкил медиҳад. Ҳамзамон, ҳиссаи саноат дар рушди иқтисоди миллӣ дар соли 2019 31%, кишоварзӣ 49%-ро ташкил дод. Дар вилояти Хатлон 88% неруи барқ, 60% пахта, 64% ғалладона, 50% сабзавот ва 42% мева истеҳсол карда мешавад [27].

Ҷалби сармояи хориҷиву ватанӣ барои азхудкунӣ ва истифодаи самараноки сарватҳои табиии минтақа басо муҳим арзёбӣ мегардад. Истифодаи пурраи сарватҳои табиии минтақа на фақат барои рушди вилояти Хатлон, балки барои дигар минтақаҳо ва умуман, барои тараққиёти устувори кишвар пояи устувор мегузорад.

**Диаграммаи 3.1. - Воридоти сармоягузориҳои хориҷӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ дар солҳои 2007-2023 (млн долл. ИМА)**




**Сарчашма:** [38].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки воридоти сармояи хориҷӣ то соли 2023 дар вилояти Хатлон 1014,6 млн доллари амрикоӣ ҷалб гардида, барои амалисозии тадбирҳои иқтисодии минтақа заминаи калони молиявӣ гузошт. Бояд қайд кард, ки барои вилояти Хатлон, ки иқтидори калони сарватҳои табииро дорад, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ҳамчун сарчашмаи иловагӣ барои азхудкунӣ ва истихроҷ аҳаммияти калон дорад.

Тавре аз диаграмма бармеояд, аз рӯйи ҷалби сармояи хориҷӣ вилояти Хатлон баъди шаҳри Душанбе ва вилояти Суғд дар ҷойи сеюм меистад. Дар минтақа то аввали соли 2022 дар маҷмуъ 876,1 млн долл. ИМА ҷалб гардида, минбаъд низ рушди равандҳои сармоягузорӣ идома дорад. Бояд қайд кард, ки дар сохтори ҷалби сармоягузорӣ воридоти сармояи мустақими хориҷи нақши муҳимро доро мебошад. Маҳз барои рушди бахши иқтисодиёти воқеӣ воридоти сармояи мустақими хориҷӣ аз нуқтаи назари таъмини рушди босубот ҷолиб мебошад.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки воридоти сармояи мустақими хориҷӣ асосан ба соҳаҳои энергетика, саноат, сохтмон, кишоварзӣ ва монанди ин соҳаҳо равона шудааст [25].

**Диаграммаи 3.2. - Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар вилояти Хатлон дар солҳои 2018-2022** *(ҳаз. доллари ИМА)*




**Сарчашма:** [7].

Бояд қайд кард, ки ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар минтақа барои рушди истеҳсолот, афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва таҳкими имкониятҳои содиротӣ мусоидат кард. Инчунин, дар рушди фаъолияти хоҷагидории минтақа сармояи давлатӣ низ саҳми муҳим гузошт.

Бояд қайд кард, ки дар соли 2022 аз ҳудуди вилоят ба хориҷи кишвар 23,8 ҳазор тонна маҳсулоти соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла, 20 ҳазор тонна тавассути нақлиёт ва тайёра, 3819 тонна бо тариқи роҳи оҳан ба берун аз ҷумҳурӣ, ба давлатҳои Федератсияи Россия, Афғонистон, Узбекистон, Туркия, Қазоқистон, Покистон ва Белорус содирот карда шуд.

Маҳсулоти содиротгардида асосан 6044 тонна сабзавот, аз ҷумла, 4157 тонна пиёз, 330 тонна полезиҳо, 5038 тонна мевагиҳо ва лимон,

10863 тонна ангур ва 1528,3 тонна дигар маҳсулотро ташкил медиҳад [40].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар вилояти Хатлон сарватҳои табиӣ мисли дигар минтақаҳо ба пуррагӣ, бинобар сабаби мушкилоти инфрасохториву молиявӣ, истифода намешаванд. Дар сурати пурра истифода бурдани иқтидори минтақа он метавонад ин нишондиҳандаҳоро дучанд зиёд намояд.

Тибқи маълумоти расмӣ, 63 дарсади тамоми захираҳои нафтӣ дар вилояти Хатлон ҷойгир шудааст. Аммо 9 фоизи захираҳои нафт аз худ карда шудаанд ва бисёр конҳо ҳанӯз дар марҳалаи кашфу омӯзиш мебошанд. Ба гуфтаи мутахассисон дар минтақаи Кӯлоб, захираҳои зиёди газ низ мавҷуд аст. Дар водиҳои дарёҳои Панҷ, Сурхоб, Яхсу низ конҳои тиллои гафсонӣ мавҷуданд [115, с. 102].

Таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ барои тамоми фаъолияти иқтисодӣ заминаи устувори молиявӣ гузошта, барои истифодаи самараноки бойгарии табиӣ низ таъсири калон мерасонад. Албатта, рушди сармоягузорӣ ва таъсиси фазои мусоид барои тамоми қишри ҷомеа фоидаовар буда, дар баланд бардоштани сифати ҳаёт шарти муҳим ба шумор меравад.

Бояд ба назар гирифт, ки манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор метавонанд бо ҳам мувофиқат кунанд, аммо таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, ки на ҳамеша манфиатҳо мувофиқат мекунанд. Масалан, манфиати сармоягузор, пеш аз ҳама, бо натиҷаҳои иқтисодии лоиҳа, бо гирифтани фоида алоқаманд аст.

Барои мақомоти маҳаллӣ ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон аз он сабаб муҳим мебошад, ки фаъолгардонии равандҳои сармоягузорӣ аз он вобастагии калон дорад. Инчунин, барои шаҳрвандон низ таъсири мутақобилаи ҳамкориҳо дар самти татбиқи лоиҳаҳои муштарак бо сармоягузорон шарти муҳим маҳсуб меёбад.

Аз нуқтаи назари аҳолӣ, ҷанбаҳои татбиқи лоиҳа, аз қабили афзоиши шуғл ва даромади онҳо, рушди инфрасохтори экологӣ, иҷтимоӣ ва нақлиётӣ, кам кардани ифлосшавии муҳити зист мавриди таваҷҷуҳ қарор доштан муҳим мебошад [176, с. 92].

Қайд кардан зарур аст, ки дар заминаи омӯзиши усулҳо ва шаклҳои густариши сармоягузорӣ ба инфрасохтор барои рушд ва истифодаи самараноки иқтидори табиӣ мантиқитар ба назар мерасад. Кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ҳамасола барои рушди инфрасохтори иқтисоди худ маблағи калонро сармоягузорӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, солҳои охир Чин аз рӯйи ин нишондод (8,5%-и ММД) аз ҳама кишварҳо пеш гузашт. ИМА, Федератсияи Россия ва Олмон низ суръати баланди сармоягузорӣ ба дастгирии инфрасохтори иқтисодиётро доранд [48, с. 715].

Сармоягузорӣ ба инфрасохтори минтақа низ яке аз самтҳои афзалиятнок барои истифодаи самараноки сарватҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Дар вилояти Хатлон чор минтақаи озоди иқтисодӣ фаъолият менамоянд, ки барои рушди минтақа ва ҷалби сармояи хориҷӣ шароити мусоид фароҳам овардаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодии кишвар дар соли 2022 маҳсулот дар ҳаҷми 327,5 млн. сомонӣ истеҳсол шудааст. Тибқи маълумотҳо дар панҷ МОИ-и кишвар ҳудуди 60 ширкати ватаниву хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Айни замон аз шумораи умумии субъектҳои дар МОИ ба қайд гирифташуда тақрибан 24-тои онҳо ба истеҳсол ва хизматрасонӣ машғуланд. Аз ҷумла, дар минтақаи озоди иқтисодии «Данғара» 9 корхона маҳсулот истеҳсол мекунанд. Дар ин давра субъектҳои МОИ «Суғд» ба маблағи беш аз 260,2 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол кардаанд. Дар МОИ «Данғара» ин нишондод беш аз 67,3 миллион сомониро ташкил дод [43].

Бояд қайд кард, ки МОИ-и Данғара ва Панҷ иқтидори сармоягузории вилояти Хатлонро беҳтар мегардонанд. Якум, он ба рушди иқтисодиёти минтақа мусоидат мекунанд, ки ин дар навбати худ барои воридоти технология оварда мерасонад. Дувум, соҳибкории саноатӣ ва истеҳсолотро дар натиҷаи ҷалби сармоягузорӣ инкишоф ёфта, барои маҳсулоти ивазкунандаи замина мегузорад.

Сеюм, он имкон медиҳад, ки фазои мусоиди сармоягузорӣ фароҳам оварда, сатҳи иқтидори сармоягузорӣ барои ҷалби сармоягузорони дохилӣ ва хориҷӣ баланд гардад [41].

Бо иртибот ба масъалаи баррасишаванда, бояд қайд кард, ки иқтисодиёти хурди кушоди Тоҷикистон барои ҳамаи шаклҳои фаъолияти хоҷагидории кишвар ва иштирокчиёни бозор мунтазам чораҳои ҳавасмандкуниро пешниҳод менамояд.

Сиёсати дарҳои кушод ва таҳкими ҳамкориҳои судманди сармоягузорӣ дар заминаи рушди равандҳои ҳамгироии иқтисодӣ талаботи калидӣ ва шарти ҳатмӣ дар Тоҷикистони муосир маънидод кардан мумкин аст.

Дар баробари ин, чунин сиёсат барои азхудкунии сарватҳои табиӣ ва истихроҷи онҳо дар заминаи ташаккулёбии иқтисодиёти сабз пояи устувор мегузорад.

Ҷустуҷӯи роҳҳо ва механизмҳои қобили қабули рушди иқтисоди миллӣ боиси интихоби модели дарҳои кушод гардид. Чунин модел фазои мусоиди сармоягузорӣ ва шароити зарурӣ барои суръат бахшидан ба суръати рушди иқтисодӣ, ба тақсимоти самараноки захираҳо ва дастрасии васеъ ба технологияҳои хориҷӣ мусоидат мекунад [173, с. 4].

Аз нуқтаи назари тадқиқот, бояд қайд кард, ки барои таҳкими равандҳои сармоягузории истифодабарии сарватҳои табиӣ дар вилояти Хатлон усулҳо ва стратегияи муосирро таҳия намудан лозим меояд.

Усулҳои муосири ҷалби сармоягузорӣ ба истифодаи захираҳои табиӣ дар минтақа равишҳо ва стратегияҳои гуногунро дар бар мегиранд.

**Ҷадвали 3.6. - Усулҳои баландбардории истифодаи сарватҳои табиии минтақа дар заминаи ҷалби сармоягузорӣ**

| Сарчашма | Роҳҳои татбиқ |
|---|---|
| Энергия ва манбаъҳои энергияи барқароршаванда | Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои энергияи барқароршаванда, аз қабили офтоб, шамол, неруи обӣ ва ғайра ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ барои истеҳсоли энергия |
| Технологияи аз ҷиҳати экологӣ тоза | Таҳия ва татбиқи технологияҳоеро, ки ба истифодаи самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд, аз қабили технологияҳои тозакунии об, равандҳои такмили коркарди партовҳо ва ғ. |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | Сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии устувор, аз ҷумла, барои ҷалби техникаи муосири кишоварзӣ сармоягузорӣ барои рушди хоҷагии ҷангал, истифодаи самараноки сарватҳои ҷангалзорҳо |
| Истифодаи самараноки захираҳои обӣ | Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо дар самти истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ, дастрасӣ ба технологияҳои обёрӣ, идораи самараноки оби партов ва истифодаи усулҳои муосири сарфаи об барои рушди минтақа |
| Рақамикунонӣ ва инноватсия | Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва равишҳои инноватсионии идоракунии захираҳои табиӣ, афзоиши самаранокӣ ва таъсир ба муҳити зист |
| Сайёҳии устувор | Сармоягузорӣ ба самтҳои афзалиятноки минтақа, аз ҷумла, рушди сайёҳии устувор, ки тадқиқотро дар ин самт гузаронида, ба ҳифзи онҳо мусоидат мекунанд |

**Сарчашма:** [20].

Сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои энергияи барқароршаванда, таҳия ва татбиқи технологияҳое, ки ба истифодаи самаранок ва аз ҷиҳати экологӣ тозаи захираҳои табиӣ нигаронида шуда, маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзии устувор, сармоягузорӣ ба лоиҳаҳо оид ба беҳсозии истифодаи захираҳои об, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва равишҳои инноватсионии идоракунии захираҳои табиӣ ва сармоягузорӣ ба рушди сайёҳии устувор аз усулҳои асосии баландбардории истифодаи сарватҳои табиии минтақа дар заминаи ҷалби сармоягузорӣ ба шумор меравbooнд.

Бояд қайд кард, ки барои ноил шудан ба устувории дарозмуддати минтақа ба инобат гирифтани принсипҳои рушди устувор ва мувозинати манфиатҳои иқтисодӣ бо ҳифзи муҳити зист муҳим мебошад.

Ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногун муносибати маҷмуӣ бо назардошти омилҳои гуногунро тақозо мекунад. Роҳҳои асосии ноил шудан ба ин ҳадафҳо инҳо мебошанд:

- такмили додани қонунгузорӣ ва ташаккули сиёсати андозбандӣ;
- такмили низоми идоракунии давлатӣ;
- бунёди инфрасохтори муосир;
- рушди соҳаи илму маориф ва сармояи инсонӣ;
- рушди муносибатҳои истеҳсолии маҳаллӣ;
- бунёди муҳити устувор ва рушди шарикии давлат бо бахши хусусӣ;
- ташаккули маркетинги муосир ва таблиғи иқтидори минтақа ва монанди инҳо.

Таъмини субот ва шаффофияти меъёрҳои ҳуқуқӣ ва андоз унсури асосии ҷалби сармоягузорӣ мебошад. Сармоягузорон хавфи марбут ба тағйирот дар қонунгузорӣ ва меъёрҳои андозро арзёбӣ мекунанд. Идоракунии шаффоф ва самараноки давлатӣ бошад, монеаҳои бюрократиро коҳиш дода, фазои соҳибкориро беҳтар менамоянд. Автоматикунонии равандҳо ва содагардонии расмиёт, дар навбати худ, ба беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ оварда мерасонад.

Сармоягузориҳо ба рушди инфрасохтори нақлиёт, энергетика ва иттилоотӣ барои самараноктар шудани тиҷорат шароит фароҳам меоранд. Ба ин сохтмони роҳҳо, бандарҳо, фурудгоҳҳо, шабакаҳои энергетикӣ ва дигар объектҳо дохил мешаванд. Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ барои ташаккул ва пешрафти инноватсия оварда мерасонад, ки онҳо дар навбати худ барои истифодабарии самараноки сарватҳои табиии минтақа низ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Дастгирии соҳибкорӣ ва соҳибкории маҳаллӣ метавонад ба рушди иқтисоди минтақа ва фароҳам овардани фазои мусоиди соҳибкорӣ мусоидат намояд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сармоягузорон бештар ба масъулияти иҷтимоӣ ва таъсири тиҷорат ба муҳити зист таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Рушди таҷрибаҳои устувор ва технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза метавонад омили асосии ҷалби сармоягузорӣ гардад.

Ҳамкории сохторҳои давлатӣ ва бахши хусусӣ ба фароҳам овардани имкониятҳои сармоягузорӣ мусоидат менамояд. Инчунин, шарикии давлат ва бахши хусусӣ инфрасохтори заруриро таъмин мекунад ва хатарҳоро барои сармоягузорон коҳиш медиҳад. Дар баробари ин, пешбурди фаъолонаи имкониятҳои сармоягузории минтақа тавассути шабакаҳои миллӣ ва байналмилалӣ метавонад таваҷҷуҳи сармоягузорони эҳтимолиро ҷалб кунад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти муштарак дар ин самт метавонад минтақаро барои сармоягузорӣ ҷолибтар гардонад ва ба рушди устувори иқтисодии он мусоидат намояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки барои таъсиси иқлими мусоиди сармоягузорӣ ва дар заминаи он истифодаи оқилона ва самараноки сарватҳои табиии минтақа ошкор намудани усулҳои азхудкунии бойигарии табиӣ ва истихроҷи он зарур меояд.

Баландбардории сатҳи маблағгузории истифодабарии сарватҳои табииро бо роҳҳои гуногун бо назардошти устуворӣ ва самаранокии истифодаи ин сарватҳо таъмин кардан мумкин мебошад. Ба ақидаи мо, барои баландбардории маблағгузории азхудкунӣ ва истихроҷи бойигарии табиии вилояти Хатлон чунин роҳҳоро татбиқ намудан лозим меояд.

- ҳавасмандгардонии сармоягузорӣ тавассути дастгирии давлатӣ дар шакли пешниҳоди имтиёзҳо;

- рушди инклюзивии бозори молиявӣ;

- ҳавасмандкунии навоварӣ ва инноватсия;

- таҳияи стратегияҳо ва субсидияҳои давлатӣ;

- бунёди фазои мусоид барои истеҳсолоту тиҷорат;

- рақамикунонии фаъолияти хоҷагидории минтақа;

- ташаккули иқтисодиёти сабз ва монанди инҳо.

Дар робита ба масъалаҳои ҷалби сармоягузорӣ, бояд қайд кард, ки маҳз давлат ба воситаи имтиёзҳои андозӣ ва дигар шаклҳои дастгирӣ, шароитҳои муфидро муҳайё менамояд. Инҳо метавонанд меъёрҳои ками андоз, озодкунӣ аз уҳдадориҳои муайяни андоз ё дигар ҳавасмандгардонии молиявиро дар бар гирад.

Таъсиси механизмҳои молиявӣ, аз қабили вомбаргҳои сабз ва фондҳои сармоягузорӣ, ки ба лоиҳаҳои истифодаи устувори захираҳои табиӣ бахшида шудаанд, метавонанд сармоягузоронро ба сармоягузориҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва экологӣ масъул ҷалб кунанд. Дар шароити кунунӣ, инчунин, навоварӣ дар технология ва усулҳои истифодаи захираҳои табиӣ омили асосии ҷалби сармоягузорӣ маҳсуб ёфта, дастгирии давлатӣ ва маблағгузории тадқиқот ва коркард дар ин самт ба пайдоиши лоиҳаҳои инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Таҳияи барномаҳо ва субсидияҳо, ки ба дастгирии лоиҳаҳои вобаста ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ нигаронида шудаанд, таваҷҷуҳи сармоягузоронро ҷалб намуда, сатҳи хатарҳои онҳоро кам мекунанд. Давлат ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ дар шароити ташаккулёбии бозори муосир ба воситаи бунёди фазои мусоид барои соҳибкорону сармоягузорон имконият фароҳам меорад, ки он, дар навбати худ, дар истифодаи оптималии сарватҳои табиӣ кумак менамояд.

Дар баробари ин, ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ ва миллӣ ва инчунин бахши хусусӣ метавонад боиси таъсиси шарикии стратегӣ гардад, ки ба сармоягузорӣ ба захираҳои табиӣ зарур мебошанд. Ҷалби

сармоягузориро тавассути дастгирии принсипҳои тиҷоратии масъулияти иҷтимоӣ ва рушди устувор зиёд кардан мумкин аст.

Баланд бардоштани шуури ҷамъиятӣ, сармоягузорӣ ва маданияти молиявӣ дар бораи истифодаи устувори захираҳои табиӣ метавонад боиси таваҷҷуҳи бештари сармоягузорон гардад. Муносибати якҷояе, ки ин ва дигар тадбирҳоро дар бар мегирад, метавонад ба ҷалби сармоягузорӣ ба истифодаи устувори захираҳои табиӣ дар вилояти Хатлон мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, сармоягузорӣ ҳамчун яке аз омилҳои таъсиррасон ба рушди иқтисодиёти минтақа барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ заминаи устувори молиявию инфрасохторӣ мегузорад. Рушди сохтори ниҳодҳо ва мустаҳкам намудани асосҳои институтсионалӣ барои оқилона истифода бурдани бойигарии табиӣ шарти муҳим арзёбӣ гашта, барои иштирокчиёни бозори молиявӣ, махсусан сармоягузорон, ҷолиб мебошад.

Барои истифодаи самараноки захираҳои табиӣ мавҷудияти кормандони дорои касбияти баланд ва сармояи калон зарур меояд. Ба вуҷуд овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ муносибати маҷмуии омилҳои гуногунро тақозо мекунад. Низоми самараноки идоракунии давлатӣ, рушди инфрасохтори муосир, инкишофи соҳаи илму маориф ва рушди тадқиқоти илмӣ, пешбурди тиҷорати маҳаллӣ, шарикӣ бо бахши хусусӣ, маркетинг ва таблиғи минтақа роҳҳои асосии ноил шудан ба истифодаи самараноки захираҳои табиӣ дар минтақа маҳсуб меёбанд.

## Хулоса ва пешниҳодҳо

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

